# ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ - НИШОНИ НАНГУ НОМУС

**Иқтибосҳо аз Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Парчами давлатӣ**

Парчами давлати навини тоҷикон зодаи даврони соҳибистиқлолӣ буда, аз нахустин рӯзҳои қабули он мардуми мо дар роҳи ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу оромӣ ва бунёди давлатдории миллии худ қадамҳои устувор гузоштанд ва ба зиндагии осудаву ороми имрӯза расиданд.

Парчами давлатии Тоҷикистон, ки танҳо баъди гузашти беш аз як соли соҳибистиқлолӣ, дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олӣ ва дар вазнинтарин рӯзҳои таърихи халқамон қабул гардид, мардуми кишвар ва фарзандони огоҳу бедордили Ватанро ба хотири барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, сулҳу оромӣ, таъмин намудани волоияти қонун ва муҳимтар аз ҳама, ҳимояи истиқлолу озодӣ ва якпорчагии сарзамини аҷдодӣ муттаҳид намуд ва ба онҳо тавону неру бахшид.

Бояд гуфт, ки Парчам аз байни се рукни муқаддаси миллӣ дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии халқи тоҷик мақому манзалати хосса дорад. Зеро таърихи парчамдории миллати мо аз Дирафши Ковиёнӣ оғоз мегардад ва мо имрӯз аз ин таърихи пурғановати чандинҳазорсола ҳувият ва ҳастии халқамонро ҳифз кардааст, ифтихор мекунем.

Парчами давлатӣ ба сифати яке аз рамзҳои асосии давлатдорӣ, таҷассумгари асосҳои таърихӣ, мероси ғановатманду арзишманди миллӣ, ифодагари мақсаду маром ва орзуву омоли мардуми куҳанбунёдамон, дар ҳақиқат мояи ифтихори ҳар фарди ватандӯсту ватандор мебошад.

Мардуми сарбаланди мо парчамро чун нишонаи нангу номус ва адолату осоиш ҳамеша ҳифз мекунанд ва тибқи анъанаи ниёгони худ парафшон будани парчамро бо сарафрозии ҳар як фард баробар медонанд.

Қобили зикр аст, ки имрӯз Парчами давлатӣ ба омили бисёр муҳимми болоравии ҳисси миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори ватандории шаҳрвандони Тоҷикистони соҳибистиқлол табдил ёфтааст. Онҳо бо дастоварду комёбиҳои худ дар соҳаҳои илму фарҳанг ва варзиш Парчами давлати тоҷиконро на танҳо дар дохили мамлакат, балки берун аз он дар чорабиниву мусобиқаҳои сатҳи ҷаҳонӣ баланд мебардоранд.

Мехоҳам бо ифтихору қаноатмандӣ зикр намоям, ки ҳоло мардуми шарифи кишвар, бахусус, насли ҷавону ояндасози мо сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати мамлакатро дастгирӣ намуда, хуб дарк намудаанд, ки эҳтироми рамзҳои миллӣ, аз ҷумла, Парчами давлатӣ маънои ифтихор аз давлати соҳибистиқлол, арҷгузорӣ ба гузаштаи халқи бостониамон ва заҳмати содиқона ба хотири фардои ободи Ватани маҳбубамонро дорад.

Мардуми шарифи Тоҷикистон зери Парчами миллӣ ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ расид ва мо сиёсати созандаву бунёдкоронаамонро барои баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва эъмори ҷомеаи нав – ҷомеаи озоду демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ минбаъд низ таҳти ин рамзи муқаддаси миллӣ амалӣ мегардонем.

Бигзор, Парчами пурҷилову нурафшони истиқлол дар қалби ҳар як сокини Тоҷикистон меҳри Ватанро афзунтар созад ва асрҳои аср дар фазои озоди кишварамон парафшонӣ намояд.

**Зубайдулло ДАВЛАТОВ,**
**сардори раёсати таъминоти иттилоотии**
**Маркази тадқиқоти стратегии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ПРЕЗИДЕНТӢ ВА АФЗАЛИЯТҲОИ ОН

Ниҳоди президентӣ ҳамчун системаи идоракунӣ яке аз муваффақтарин низоми идоракунии давлатӣ буда, ба маънои муосираш бори нахуст соли 1787 дар Конститутсияи ИМА ба расмият дароварда шудааст. «Падарон»-и Конститутсияи Амрико ҳангоми моделсозии институти президентӣ аз таҷрибаи сиёсӣ ва ҳуқуқии давлати Британияи Кабир баҳрабардорӣ мекарданд ва ҳоло бошад ин ниҳод яке аз густурдатарин ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ба шумор меравад. Танҳо дар охири садаи 20 аз 183 кишвари узви Созмони Милали Муттаҳид, беш аз 130 давлат мақоми президентиро доштанд, ҳарчанд, мақоми конститусионии иддае аз президентҳо аз ҳамдигар хеле фарқ мекунанд. Президентҳо дар ҷумҳуриҳои президентӣ (ИМА), нимпрезидентӣ (Фаронса) ва парламентӣ (Олмон) аз рӯйи доираи ваколатҳо, хусусияти вазифаҳояшон ва нақши онҳо дар ҳалли масъалаҳо фарқ мекунанд. Дар чанд асари илмӣ, ки таҳлили мафҳуми институти президентӣ сурат гирифтааст, охирин ҳамчун маҷмуи чор гурӯҳи меъёрҳо муайян шудааст:

**1. Тартиби интихоби Президент, аз ҷумла, маросими савгандёдкунӣ.**

**2. Мақоми ҳуқуқии он дар сохтори мақомоти давлатӣ.**

**3. Вазифа ва ваколатҳои Президент (ҷанбаи функсионалӣ).**

**4. Қатъ гардидани ваколатҳои Президентӣ.**

Ҳар яке аз ин гурӯҳҳои номбаршуда дар робита ба институти президентӣ як навъ зерниҳод мебошанд. Дар баробари ин, як ҷузъи муҳимми онҳо масъулияти Президент аст. Ин яке аз шаклҳои муҳимми масъулияти конститутсионӣ ва хеле ҷиддӣ мебошад. Ҳамин тариқ, институти президентӣ як системаи меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки тартиби интихоб ва ба мансаби Президент соҳиб шудан ва салоҳияти Президентро танзим мекунад, ки мавқеи ӯро дар низоми мақомоти давлатӣ, инчунин, тартиби пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколатҳо, иваз кардан ва аз вазифа озод карданро муайян менамояд.

Ҳангоми омӯзиши институти президентӣ дар кишварҳои мухталиф истифода аз чунин категорияҳо ба мисли "сардори интихобшудаи давлат", "мансаби олӣ", "мансаби сиёсӣ", "мақоми давлатӣ" комилан қобили қабул аст. Дар мавриди категорияҳои «ҳакам дар низоми мақомоти давлатӣ», «сардори ҳокимияти иҷроия», «президентӣ» имкони истинод ба онҳо мустақиман аз намуди шакли ҳукумат дар як давлат вобаста аст.

Кишвари азизи мо низ ҳамчун давлати комилҳуқуқи узви Созмони Милали Муттаҳид низоми идоракунии президентиро барои худ интихоб намуда, имрӯз таҳти роҳбарии Президенти муҳтарами кишварамон Эмомалӣ Раҳмон барои пешрафти кишвар, баровардани давлат аз қабзаи ҷангҳои таҳмилию истихборотӣ ва пешрафту шукуфоии Ватан хизмат мекунад.

Мувофиқи моддаи 2-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», ки аз 14.05.2016 қабул шудааст, минбаъд дар Тоҷикистони азизи мо 16 ноябр ҳамчун Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Дар ин рӯз дар саросари кишвар ҷамъомадҳои илмӣ, мулоқоту вохӯриҳои мардумӣ, мусобиқаҳои варзишию фарҳангӣ ва чорабиниҳои идона доир гашта, мардуми Тоҷикистон ба ин ҷашни миллӣ бо суруру шодмонӣ арҷ мегузоранд.

Сабаби ба ин рӯз рост омадани чунин ҷашн дар он аст, ки маҳз дар ҳамин рӯзи таърихӣ, яъне, 16 ноябри соли 1994 Пешвои маҳбуби миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди халқу Ватан савганд ёд карданд. Дар ҳамин сол дар аввалин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки аз тарафи мардум қабул карда шуд, шакли идораи Тоҷикистон ба шакли Ҷумҳурии Президентӣ табдил дода шуд.

Дар он марҳалаи ҳассоси таърихӣ, ки Ватани мо пеш аз ҳама, ба сулҳу субот ва ваҳдату сарҷамъӣ ниёз дошт, низоми идоракунии президентӣ маҳз бо мақсади пурзӯр намудани ҳокимияти иҷроия, баланд бардоштани самаранокии он, қабули фаврии қарорҳои идорӣ, такмили механизми иҷрои қонунҳо, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ҷорӣ

## 16 НОЯБР – РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

карда шуд. Он як интихоби огоҳона буда, махсули сабакҳои таърихӣ аз фаъолияти давлатдории гузаштаи мо ба ҳисоб меравад. Хушбахтона, гузаштан ба низоми президентӣ на танҳо боиси наҷоти давлату миллат, балки омили рушди устувори тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, иқтисодиёт, сиёсат, фарҳанг, маориф ва дигар соҳаҳои муҳимми давлатӣ гардид.

Тибқи меъёри Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент – Сарвари давлат ва Раиси ҳокимияти иҷроия ҳисоб шуда, ҳомии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлоли миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдорию бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад. Аз ин рӯ, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маънои дарки аҳаммияти калидии ин ниҳоди давлатӣ дар ҳифзу тараққии давлатдории миллии мо ва ҳамчунин, ҷашни қадрдонӣ ба тамоми арзишҳои баланди давлатӣ, миллӣ ва шаҳрвандие мебошад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили конститутсионии онҳо фаъолият мекунад. Ба маънои дигар, Рӯзи Президент ҷашни ҳар як шаҳрванди худшиносу ватандӯст ва ҳар як сокини озоди Тоҷикистони азиз аст.

Дар таҳлилҳои илмии сиёсӣ нисбат ба кишварҳое, ки сарнавишти худро ҳал карда натавонистаанд, истилоҳи «Давлатҳои ноком»-ро ба кор мебаранд ва гоҳе бадхоҳони давлатдории мо низ мехостанд, ки давлати мо дар ин радиф қарор гирад. Бо захмату талоши Президенти кишвар мо метавонем бо ифтихор эълон кунем, ки Тоҷикистон зери роҳбарии Пешвои муаззами миллат ҳамчун давлати мустақил ва қонунмеҳвар муаррифӣ гашт ва ҳеҷ неруе наметавонад истиқлол ва ягонагии кишвари моро зери суол гузорад.

Интихоб шудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин ниҳоди давлатӣ руҳ ва маънои бузург бахшида, мақоми президентиро ба як ниҳоди наҷотдиҳандаи давлат ва сарҷамъии миллат табдил дод. Илова бар ин, фаъолияти пурсамару пурбори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин тарзи идоракунии давлатиро такмил дода, дар меҳвари он мактаби нави давлатдории миллии тоҷиконро ба вуҷуд овард, ки имрӯз бо бартарию хусусиятҳои худ эътирофи байналмилалӣ касб намудааст. Ҳамин тавр, дар таърихи давлати соҳибистиқлоли мо мафҳуми «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо шахсияту хидматҳои бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамсадо гашт.

Президент (praesidens, praesidentis - дар пеш нишаста, пешво, раис) – роҳбари интихобии давлат дар кишварҳои шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ мебошад. Дар ҷумҳуриҳои президентӣ, Президент дорои салоҳиятҳои васеъ аст, чунки ӯ салоҳиятҳои Сарвари давлат ва Раиси Ҳукуматро иҷро менамояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ институти президентӣ чун категорияи конститутсионӣ - ҳуқуқӣ омӯхта мешавад, ки ифодакунандаи маҷмуи ваколатҳои ҳокимиятии президент дар соҳаи идоракунии давлат мебошад, ки ба меъёрҳои конститутсионӣ асос ёфта, рамзи муттаҳидии давлат, намоянда ва муҳофизи манфиатҳои шаҳрвандон ҳам дар давлати худ ва ҳам берун аз он мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунанд, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, Дастгоҳи иҷроияи Президент, Шурои амният ва дигар ниҳодҳои калидиро таъсис медиҳанд ва барҳам медиҳанд, Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро таъйин ва озод мекунанд, ба қонунҳо имзо мегузоранд, маълумотро ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамоянд, низоми пулиро муайян менамоянд ва ихтиёрдори сармояи захиравӣ мебошанд. Ҳамзамон, шартномаҳои байналмилалиро имзо менамоянд, сарони намояндагиҳои дипломатӣ ва намояндаҳои ҷумҳуриро дар давлатҳо ва ташкилотҳои хориҷию байналмилалӣ таъйин ва озод мекунанд, эътимодномаҳои сарони намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷиро қабул менамоянд.

Президент, инчунин, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд; масъалаҳои шаҳрвандиро ҳал мекунанд, паноҳгоҳи сиёсӣ медиҳанд, масъалаҳои бахшиши ҷазоро ҳал мекунанд, шаҳрвандонро бо мукофотҳои давлатӣ, ҷоизаҳои давлатӣ, нишонҳо ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон сарфароз мегардонанд ва ваколатҳои дигареро, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд, амалӣ менамоянд.

Дар Тоҷикистон заминаи таърихии ҷашни Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки 16 ноябри соли 1994 баргузор ва дар он Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Роҳбари қонунии давлат интихоб ва эътироф гардиданд. Бо назардошти далелҳои баёнгардида бояд таъкид намуд, ки Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мо бояд ҳамасола бошукӯҳ таҷлил намоем, чунки Сарвари давлати мо ҳамчун шахсияти барҷастаи миллат, ки дар бунёди низоми давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол, баркарорсозии сохти конститутсионӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ саҳми беназир гузоштаанд, дар эъмори давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ нақши калидӣ доранд.

## 16 НОЯБР – РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мансаби президентӣ муқаррароти конститутсионӣ буда, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартибу шартҳои ба ин мансаби олии ҳокимияти давлатӣ интихоб шудан ва лаҳзаи ба фаъолият шуруъ намудани Президент муқаррар гардидааст. Аз ҷумла, меъёрҳои моддаи 67-и Конститутсия пешбинӣ менамояд, ки Президент пеш аз оғози вазифа дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон савганд ёд мекунанд.

Имрӯз миллати тоҷик ифтихор аз он дорад, ки дар баробари дигар халқҳои олам ҳуқуқу овози баробар дошта, ҳувияти миллии хешро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамояд.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки таҷлили Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишони ихлосу самимият, муҳаббат ва қадршиносии миллати мо нисбат ба Сарвари маҳбубу раҳнамо, рамзи муттаҳидии мардум дар атрофи ормонҳои Пешвои муаззами миллат аст.

Сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро вазифадор менамояд, ки барои амалӣ гардидани ҳадафҳои давлату Ҳукумат дар самти таҳкими рукнҳои давлатдории навини Тоҷикистон ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ тамоми неру, кудрат, тавоноӣ ва донишу таҷрибаамонро ба кор барем.

**Агар ба корномаи Пешвои миллат ҳамчун сиёсатмадори барҷаста аз назари таҳқиқ нигарем, ба чунин натиҷагирӣ метавон расид:**

**- хотима бахшидан ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, истиқрори сулҳу ваҳдат, оромӣ ва субот дар ҷомеаи имрӯз;**

**- тақвияти пояҳо ва рукнҳои асосии давлатдории миллӣ, барқарорсозии ниҳодҳои Ҳукумат, шохаҳои ҳокимияти сиёсӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, қонуният, адолат ва тартиботи ҳуқуқӣ дар мамлакат;**

**- ислоҳоти конститутсионӣ, низоми ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули Конститутсияи нави Тоҷикистони соҳибистиқлол, иқдом ва ташаббус дар самти эҷод ва қабули қонунҳои нави миллӣ;**

**- иқдом ва ташаббусҳо дар самти ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ (глобалӣ) оид ба об, дипломатияи об ва ҷонибдории он аз ҷониби созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ, ташаббус дар ҳалли қазияи Афғонистон;**

**- таъмини рушди устувори ҷомеа, пешрафти иқтисодиёт, боло бурдани сатҳи зиндагии мардум ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ;**

**- таъмини истиқлоли энергетикии кишвар, аз байн рафтани маҳдудиятҳо дар таъминоти барқ;**

**- аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо додан ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон;**

**- таъмини амнияти озуқавории мамлакат, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти хушсифати ватанӣ ва молҳои ниёзи мардум;**

**- саноатикунонии босуръати кишвар барои таъмини устувории иқтисодиёт;**

**- таҳкими ғоя ва андешаи миллӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ, ҳувияти миллӣ, ватандӯстии мардум, эҳёи мерос ва суннатҳои таърихиву фарҳангӣ;**

**- поягузории сиёсати муваффақонаи хориҷӣ, муаррифии шоистаи Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ, сиёсати дарҳои кушод, ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои ҷаҳон бар пояи баробарӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар.**

Давлатмарди олиму оқилу фозилу хирадманд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишварро аз фаноёбӣ наҷот дода, мардумро атрофашон муттаҳид, дар қалби мардум шуълаи умедро бедор ва бо қадамҳои қатъӣ ба сулҳу осоиш, рушду суботи минбаъда ҳидоят намуданд.

Ҳамчун шахси сулҳофару сулҳпарвар, сарҷамъкунандаи миллату мардумсолор, амалисозандаи заҳматҳои ояндабинона баҳри рушду нумуъ ва ободии Ватан, фароҳам овардани шароити арзанда барои зиндагии мардуми кишвар, ташаббускори ҳалли масъалаҳои глобалӣ шинохта шудани Пешвои миллатро на танҳо сокинони кишвар, инчунин, ҷаҳониён эътироф намудаанд, ки ба андешаи мо барои тасдиқу исботи ин гуфтаҳо зарурат ҷой надорад.

Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон хуб эҳсос мекунанд, ки Пешвои миллат сарфи назар аз ҳамаи мушкилоту монеаҳои мавҷуда, тамоми захираву имкониятҳоро барои беҳбуд бахшидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ сафарбар менамоянд. Маҳз шахсияти Пешвои миллат буд, ки халқи тоҷик аз пароканда наҷот ёфт ва то охирин гурезаи тоҷик ба Ватан баргашт. Аз ин ҷост, ки хизматҳои бузурги Роҳбари мамлакатро миллат ҳаргиз фаромӯш нахоҳад кард.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки дар партави сиёсати хирадмандонаи ин абармарди таърихӣ, сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ, Сарвари давлати тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти пурсамар намоем ва барои расидан ба ҳадафҳои судманди миллӣ аз тамоми имконот истифода барем.

Бигзор, хуршеди озодиву истиқлол ба хонадони ҳар фарди кишвари маҳбуби Тоҷикистон то абад файзу баракат ва нуру зиё бахшад ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола дар кишвари маҳбуби мо бо шаҳомати воло истиқбол карда шавад!

**Файзалӣ ИДИЗОДА,
раиси кумита оид ба сохтори давлатӣ
ва худидоракунии маҳаллии
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# КОНСТИТУТСИЯ - ЗАМИНАИ ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАМЛАКАТ ВА ҲИФЗИ МАНОФЕИ ҶОМЕАИ КИШВАР

Конститутсия ҳамчун сарчашмаи низоми қонунгузорӣ шиносномаи аслии давлату миллат маҳсуб шуда, дар он номи давлат, сохти давлатдорӣ, низоми идоракунӣ ва дигар сохторҳои калидии давлат нишон дода мешавад. Чӣ тавре ки академик Маҳкам




Маҳмудзода мегӯяд: «Конститутсия муайянкунандаи тақдири имрӯзу фардои миллати куҳанбунёди мо маҳсуб ёфта, ба Истиқлоли давлатӣ эътибори ҳуқуқӣ бахшид ва дар ҷаҳон давлати тоҷиконро муаррифӣ намуд. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои бузурги мардуми Тоҷикистон буда, заминаи ҳуқуқии давлати тозабунёд ва соҳибистиқлоли тоҷикон, шакли ифодаи ҳуқуқии ормонҳои давлатдории миллӣ, ҳимояи ҳадафҳо ва манфиатҳои миллӣ, осори таърихӣ ва фарҳанги миллӣ мебошад».

Дар Конститутсия асоси низоми ҳуқуқии давлат муайян гардида, он ҳамеша қонуни асосии давлат ҳисобида мешавад ва сарчашмаи ҳамаи қонунҳои амалкунандаи кишвар мебошад. Ба ибораи дигар, Конститутсия зербинои ҳуқуқии тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат ба ҳисоб рафта, маҳз тавассути он қонунгузории минбаъдаи мамлакат ва зиндагии бонизоми сокинони кишвар ба роҳ монда мешаванд.

Қабули Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои калидии низоми давлатдории миллии мо буда, дар шароити ҳассоси таърихӣ рӯйи кор омадааст. Маҳз дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, бори нахуст аз ҷониби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи таҳия ва қабул намудани Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба шароити Истиқлоли давлатӣ дар иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд масъалагузорӣ карда шуд.

Бо дастури бевоситаи Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарори Раёсати Шурои Олӣ моҳи ноябри соли 1993 гурӯҳи корӣ ҷиҳати омода намудани лоиҳаи нави Конститутсия таъсис дода шуд. Гурӯҳи корӣ ду лоиҳаи Конститутсияро таҳия намуд, ки яке шакли идораи президентӣ ва дигаре шакли идораи ҷумҳурии парламентиро пешниҳод менамуд. Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи шакли идораи президентиро ҷонибдорӣ намуданд. Сипас, ин лоиҳа ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардид.

6 ноябри соли 1994 халқи Тоҷикистон дар баробари мушкилоти амниятӣ, даси-

саҳои ҳизбу ҳаракатҳои ошӯбталаб ва носуботии кишвар, ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, бо масъулияти том дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва ояндa худро масъул ва вазифадор донист ва таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурд ва баробарҳуқуқию дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор дода, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул ва эълон намуд.

Ин санади бунёдӣ дар баробари асос гузоштан ба низоми қонунгузорӣ, ҳамзамон, пояҳои давлатдории моро таҳким бахшида, Истиқлоли кишвари моро қонунан комил ва устувор гардонид. Дар Конститутсия бори нахуст «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона», инчунин, шакли идораи президентӣ ва давлати иҷтимоӣ будани кишвар муайян гардид.

Мавриди зикр аст, ки бори нахуст дар сатҳи Конститутсия халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф шуда, дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ ва бисёрҳизбӣ ба ҳукми қонун даровaрда шуд. Натиҷаи амалишавии ин меъёр аз он иборат аст, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳизбҳои мухталиф амал намуда, гуногунандешии ҳизбиро дар ҷомеа ба вуҷуд овард. Бояд қайд намуд, ки ҳизбҳои сиёсии расман ба қайд гирифташуда, дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ фаъолиятҳои ҳизбии худро пеш мебаранд ва барои таҳкими пояҳои давлатдории мо ҳар кадоме дар сатҳи худ ва дар самти худ масъулияти созгор иҷро мекунад.

Ҳамзамон, бо дарназардошти дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун субъекти мустақил баромад намудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конститутсия санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ пазируфта шуд. Ҳамчунин, пазируфта шуд, ки Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро пеша намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлоли дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷии худро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад. Илова бар ин, Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои халқ метавонад ба иттиҳодияву ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо барояд ва ё бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд.

Ин меъёрҳои муҳим барои кишвари мо имкон дод, ки таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз асли сиёсати «дарҳои боз» ва бисёрсамтӣ истифода намуда, робитаи худро бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Ҷанубу Шарқи Осиё, кишварҳои арабӣ ва дигар созмону ташкилотҳои ҷаҳонӣ густариш дода, ин равобит дар ҳолати муносиб ба манфиати миллии мо истифода хоҳад шуд. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксари кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ баркарор намуда, 192 давлат Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро расман эътироф кардааст. Тоҷикистон дар созмонҳои минтақавӣ ва аксар созмонҳои байналмилалӣ узвият дошта, аз арзишҳо ва манофеи миллии худ дифоъ мекунад, дар масоили ҷаҳонӣ мавқеи худро матраҳ месозад ва пешниҳодҳои мушаххасро доир ба ҳалли масоили глобалӣ ба миён мегузорад.

Дар моддаи 17-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробарҳуқуқии мардон ва занон муайян гардида, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани меъёри мазкур аз ҷониби Ҳукумати мамлакат маҷмуи чорабиниҳои дорои хусусияти ҳуқуқиву сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ андешида шудааст. Ҳарчанд ин меъёр дар замони Шуравӣ низ мавҷуд буд, вале ба ҳамагон маълум аст, ки дар баъзе аз деҳаҳо, ҳатто, як бонуи таҳсилдида набуд ва дар мақомоти идоракунӣ низ занон мавқеи намоён надоштанд.

Тибқи маълумот дар 21 соли охир беш

аз 504 ҳазор духтару бону муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хатм кардаанд. Аз ин ҳисоб 239 ҳазор нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ гардида, ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтар дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил мекунанд.

Дар такя ба ин меъёр бонувон дар тамоми самтҳо фаъолият намуда, ҳоло танҳо дар Маҷлиси Олӣ 8 нафар узви Маҷлиси миллӣ ва 17 нафар вакили Маҷлиси намояндагонро занон ташкил медиҳанд.

Ин рақамҳо дар дигар сохторҳои давлатӣ хеле зиёд буда, беш аз 71 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ, беш аз 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, инчунин, кормандони соҳаи фарҳанг – 47%, бонкдорӣ – 39% ва дар самти алоқа – 25 фисади кормандонро занону бонувон ташкил медиҳанд.

Конститутсия барои кишвари мо дар баробари дигар озодиҳо, ҳамзамон, иқтисодиёти кишварро аз яккамоликиятӣ берун намуда, асоси иқтисодиётро «шаклҳои гуногуни моликият» эълон намуд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Амалишавии ин меъёри Конститутсия боис шуд, ки имрӯз дар баробари бонкҳои давлатӣ, инчунин, бонкҳои ғайридавлатӣ фаъолият карда, хизматрасониро ба мизоҷон саривақтӣ ва сабук гардонида истодаанд.

Мавриди тазаккур аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи асосии ҳуқуқии ташкил ва ташаккули парлумони касбии мамлакат ба ҳисоб меравад. Тибқи Конститутсияи нав Тоҷикистон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки интихобот ба даъвати якуми он 25-уми феврали соли 1995 баргузор гашт, мақоми олии намояндагӣ эътироф гардида, дар солҳои аввали амали Конститутсия ба таври даъватӣ фаъолият мекард. Дар ин давра собит гашт, ки парламенти даъватӣ дигар ба талаботи замон ҷавобгӯ набуда, барои дар сатҳу сифати баланд қабул намудани қонунҳо зарурати ташкили парламенти касбӣ ба миён омадааст.

Бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 сентябри соли 1999 дар мамлакат райъпурсии умумихалқӣ доир шуда, ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид гардид. Тибқи ин тағйиру иловаҳо Маҷлиси Олӣ ҳамчун мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ дар ду маҷлис: Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пазируфта шуда, барои ба сифати баланд ва мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ қабул гардидани қонунҳо шароит фароҳам оварда шуд.

Маҷлиси Олӣ ба мақомоти доимоамалкунанда табдил ёфта, он, ҳамчунин, мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста шуда, хислати касбӣ доштани фаъолияти он муайян карда шуд. Ҳамин тавр, 27 феврали соли 2000 интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид ва вакилони парлумони касбӣ интихоб шуда, 27 марти соли 2000 аввалин ҷаласаи Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагон ва 17 апрели ҳамон сол Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ баргузор гардида, парлумони касбӣ дар мамлакат расман ба фаъолият шуруъ намуд.

Шоистаи таъкид аст, ки ки дилхоҳ Конститутсия наметавонад тамоми муносибатҳои ҷамъиятиро ба таври пурра ба танзим дароварад. Баъзе аз масъалаҳои калидӣ барои танзим шудани фаъолияти ҷамъият бо қонунҳои соҳавӣ ва ҳамчунин, санадҳои зерқонунӣ танзим гардида, дар амалия ба таври васеъ истифода мешаванд.

Ҳамин тариқ, қабули Конститутсия ва амалишавии меъёрҳои он дар тамоми соҳаҳои мамлакат низоми идоракуниро танзим намуда, ваколати мақомоти олии идоракунии давлатиро мушаххас гардонидааст. Маҳз ин ҳолат боис шудааст, ки дар кишвари азизамон қонуният ҳукмфармо буда, ухдадориҳои байналмилалии он сарбаландона иҷро мешаванд, эътибори байналмилалии давлатамон сол ба сол меафзояд ва ташаббусҳои дар арсаи байналмилалӣ пешниҳоднамудаи

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирии ҳамаҷониба меёбанд.

Конститутсия ҳамчун санади сарнавиштсоз кишвари моро ба самти низоми қонунӣ, ҷомеаро ба қонунписандӣ ва давлатро ба меъёри мардумият раҳнамун карда, кишварро аз вартаи беназмиҳои гурӯҳӣ ва меъёрҳои силоҳсолорӣ наҷот дод. Дар маҷмуъ, ин санади меъёрӣ ҳамчун роҳнамои низоми давлатӣ ва саодатномаи миллати тоҷик барои имрӯз ва фардои дурухшони сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунад.

**Адабиёт**

1. Атобуллоев Ш. Конститутсия бояд китоби рӯимизӣ бошад// Садои мардум, 4 ноябри соли 2022,№135-136.- С.1;

2. Дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. URL: https://mfa.tj/tg/main/sijosati-khoriji/dastovardhoi-sijosati-khorijii-tojikiston (санаи муроҷиат: 30 октябри соли 2023)

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: «Нашриёти Ганҷ» , 2016. – 136 с.

4. Қосимзода И., Бобоҷониён Р.М., Маликзода П.И. «Нақши занон дар пешрафти фаъолияти парламенти касбии мамлакат дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ».[Матн]/ И.Қосимзода, Р.М.Бобоҷониён, П.И. Маликзода //Мақоми олии қонунгузории Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. Ҳайати таҳририя: Рустами Эмомалӣ, Зокирзода М.З., Қодири Қосим, Фаттоҳзода С.С., Муртазозода Ҷ.С., Усмонзода Х.У., Матробиён С. - Душанбе.2022. -С.262-283.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷи- кистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». 23 декабри соли 2022. Душанбе. «Шарқи озод».2022. –47 с.

6. Раҷабзода М.Н. Конститутсия ва масъалаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ. «Садои мардум», 4 ноябри соли 2022,№135-136.- С.5

# АФРОХТА МО ДИРАФШ ДАР БОМИ ФАЛАК...




Дар хотира мазмуни баланд аст ливо,
Бар гӯши дилам ҳикмату панд аст ливо.
Чун боли хаёл пар кушояд рангин,
Аз ранги хаёли дилписанд аст ливо.

Тоҷаш ба мисоли шуълабарги фонус,
Ин тоҷи сари баланди нангу номус.
Дар вожаи парчам аст сад нукта ниҳон,
Сад маънии бинҳуфта ба ҷилди қомус.

Дар ранги сафедаш, ки бувад бахти сафед,
Рамз аст ба сабзиаш баҳори уммед.
Рӯсурхии мо бувад ба ранги сурхаш,
Тоҷ аст ба домони шафақ чун хуршед.

Афрохта мо дирафш дар боми фалак,
Бардошта мо ливои эҳроми фалак.
Дар домани атласаш ба зар бинвиштем
Сад розу ниёзи хеш бар номи фалак.

Ҳар хурду бузурги ин Ватан хушҳоланд,
Аз парчами қадбаланди мо меболанд.
Ҳангоми гузар паррандаҳои кучӣ,
Бӯсида дирафши мо, ба рӯ мемоланд.

***ДАВЛАТ САФАР***

**Фирӯз САЙНОЗИМЗОДА,**
**мушовири калони кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# НАҚШИ ИҶЛОСИЯИ XVI-УМИ ШУРОИ ОЛӢ ДАР ТАШАККУЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

31 сол муқаддам дар таърихи давлатдории навини Тоҷикистони соҳибистиқлол рӯйдоди муҳимму сарнавиштсозе ба вуқуъ пайваст, ки он дар пойдории сулҳу субот, таъмини Истиқлоли давлатӣ, мустаҳкам намудани заминаҳои ҳуқуқии давлат, таҳкими сохти конститутсионӣ, таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва рушди илму маорифи кишвари азизамон нақши бағоят бузург гузошт.

ороми кишвар буд, баргузор гардид.

Дар он замон аксари намояндагони қишрҳои ҷомеа дар робита ба вазъи мавҷуда бетарафиро ихтиёр карда, баъзеи дигарашон аз бехабарии вазъи сиёсиву дарки сиёсатҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба ин ё он тарафи гурӯҳҳои даргир ҳамроҳ шуданд ва дар натиҷа кишвар ба доми даргириҳо ва ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор шуд.

Дар чунин ҳолате, ки аз лиҳози сиёсию



16 ноябри соли 1992 Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум дар давраи басо мушкил ва вазъияти душвори сиёсии ҷомеа оғоз ёфт. Дар он лаҳзаҳо дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ, бахусус, пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе вазъи мураккаби сиёсӣ ҳукмрон буд. Гурӯҳҳои сиёсию низомӣ, ки аксаран аз хориҷи кишвар идора мешуданд, ҳар кадоме дар минтақае ҳокимияти ғайрирасмӣ дошту талош мекарданд, ба равандҳои солими сиёсӣ халал ворид кунанд. Аз ин рӯ, иҷлосияи мазкур дар Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд, ки минтақаи нисбатан амниятӣ мураккаб маҳсуб мешуд, мардуми Тоҷикистон ба роҳбари кордону ботадбир, ватандӯсту миллатдӯст, дурандешу олиҳиммат, хайрхоҳу хирадманд ва ғаюру далер ниёз дошт.

Дар натиҷа, дар иҷлосияи зикршуда бо қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми ноябри соли 1992, таҳти №682 фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд ва сокинони мамлакат дар шахсияти ин абармард наҷотбахши давлату миллатро пайдо намуданд.

12-уми декабри ҳамон сол Раиси Шурои

Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Мурочиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон чунин гуфтанд: «Тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила баркарор шудани сулҳ равона карда, барои гул-гулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман баояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».

Ҳамчунин, 1-уми июни соли 1993 мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Мурочиатномаи телевизионӣ бо таваҷҷуҳи хосса ба фирориён рӯ оварда, аз онҳо даъват ба амал оварданд: «Ба Ватан баргардед. Мо ба шумо кӯҳи тилло ваъда намекунем. Ҳамин қадар мегӯем, ки як бурида ноне, ки дорем, якҷоя мехӯрем, як қатра обе, ки дорем, якҷоя менӯшем. Паҳлуи ҳамдигар истода, Ватани вайроншудаамонро обод мекунем, иқтисоди харобгаштаамонро барқарор менамоем... Ватан бе шумо холист, аммо донед, ки шумо ҳам бе Ватан пурра нестед...

Халқи азизам, падару модарон, хоҳару бародарон ва фарзандон! Шуморо хонаатон, заминатон, боғатон, мактабатон интизор аст! Шумо тоҷику тоҷикистониед, Тоҷикистон шуморо интизор аст».

Ҳамин тавр, дар заминаи чунин мурочиати самимиву саршор аз меҳру муҳаббат нисбат ба халқи шарифи Тоҷикистон, дар кӯтоҳтарин мӯҳлат тақрибан як миллион мардуми гурезаву сарсон ба Ватани аҷдодии худ баргаштанд ва онҳо аз ҳаёти осудаву осоишта бархӯрдор гардиданд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар Иҷлосияи таърихӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси даровардани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи статуси депутатҳои халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18-уми ноябри соли 1992, таҳти №673; «Дар хусуси дохил кардани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи андози даромади шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа» аз 23-юми ноябри соли 1992, таҳти №696; «Дар бораи даровардани тағйирот ба Кодекс оид ба никоҳ ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23-юми ноябри соли 1992, таҳти №697; «Дар бораи аз андози арзиши иловашуда озод кардани роҳхатҳо ба табобатгоҳҳои санаторию курортӣ, истироҳатгоҳҳо ва лагерҳои солимгардонии тобистона» аз 23-юми ноябри соли 1992, таҳти №700; «Дар бораи гурезагон» аз 24-уми ноябри соли 1992, таҳти №708; «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд» аз 26-уми ноябри соли 1992, таҳти №728; «Дар бораи Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кардани 26-уми ноябри соли 1992» таҳти №731; «Дар хусуси даровардани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30-юми ноябри соли 1992, таҳти №740; «Дар бораи ба узвияти Захираи арзи байналхалқӣ, Бонки байналмилалии таҷдиду тараққиёт, Ассотсиатсияи байналмилалии тараққиёт, Корпоратсияи байналмилалии молия ва Агентии бисёрҷабҳаи замонати пасандозҳо дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23-юми ноябри соли 1992, таҳти №698; «Дар бораи даровардани тағйирот ба Конститутсияи (Қонуни асосӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24-уми ноябри соли 1992, таҳти №704; «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24-уми ноябри соли 1992, таҳти №705; «Дар хусуси тасдиқи Низомномаи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 24-уми ноябри соли 1992, таҳти №706; «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи (Қонуни асосӣ) Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27-уми ноябри соли 1992, таҳти №732; «Дар хусуси тадбирҳои пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноӣ барои содир кардани ҷиноятҳои вазнине, ки бар зидди саломатӣ ва ҳаёти шаҳрвандон, ҳуқуқи амволи онҳо ва барои хароб кардани пояҳои иқтисодию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд» аз 30-юми ноябри соли 1992, таҳти №739 қабул гардиданд.

Дар иртибот ба қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда профессор Эмомалӣ Насриддинзода чунин иброз менамояд: «Дар Иҷлосияи таърихӣ беш аз 70 қонуну қарори дахлдор қабул шуданд, ки минбаъд барои мустаҳкам намудани асосҳои сохтори консти-

тутсионии ҷумҳурӣ, волоияти қонун, фаъолияти мунтазами мақомоти давлат, аз он ҷумла, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ заминаи боэътимод гузоштанд. Таъмини ризоияти миллӣ шарти аввалиндараҷаи ҳалли бомуваффақияти ҳамаи он нақшаҳо буд. Ин қонунҳо барои гузаштани иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба муносибатҳои бозаргонӣ, ислоҳоти низоми андозу молия, системаи бонкӣ, хоҷагии қишлоқ, истифодаи боигариҳои зеризаминӣ, таълими кадрҳои баландихтисос, ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ, бо хӯрока таъмин намудани аҳолии маҳалҳои бар асари ҷанг зарардида, баргардонидани гурезаҳо, барқарор намудани хоҷагии харобгашта муҳим буданд».

Аҳаммияти таърихии Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он зоҳир мешавад, ки ба фаъолияти нави қонунгузорӣ дар Тоҷикистон замина гузошт. Фарқи фаъолияти қонунгузории давраи пас аз Иҷлосияи таърихӣ аз давраи қаблӣ дар он аст, ки акнун санадҳои қонунгузории давлат бахри амалӣ намудани қарорҳои таърихии Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти вазъи нави таърихӣ, бо саъю талошҳои роҳбарияти нави сиёсӣ, зимни фаъолияти мақомоти тозабунёди ҷумҳурӣ сурат мегирад. Ин фаъолияти қонунгузорӣ, ки бахри пойдории истиқлоли давлат, таҳкими ҳокимияти давлатӣ, таъмини рушди босуръати ҷомеа анҷом ёфта, минбаъд асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва давлатро пойдор мекунад, маҳз аз Иҷлосияи таърихӣ шуруъ мешавад. Иҷлосия саҳифаи навро дар таърихи фаъолияти қонунгузории мамлакат мекушояд.

Мавриди ёдоварист, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар мамлакат тамоми сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии онро фалаҷ гардонида, он замон Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона мақоми олии салоҳиятдор ва дорои ваколати конститутсионӣ буд. Дар робита бо ин, дар давраи басо мураккабу мушкили сиёсӣ қонуну қарорҳои Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдири минбаъдаи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро ҳал мекарданд. Аз ин рӯ, мардуми Тоҷикистон хостори он буданд, ки Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ ҳарчи зудтар баргузор гардад ва низоми конститутсиониро дар мамлакат барқарор созад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба вазъи мураккаби сиёсии ҳамонвақтаи ҷомеаи Тоҷикистон дар суханрониашон ба муносибати 25-умин солгарди баргузории Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ чунин иброз доштанд: «Андешаву мафкураи халқ амалан ду тақсим шуда буд ва ҷавонони бетаҷрибаву гирифтори эҳсосот бо дастури хоҷагони дохиливу хориҷии хеш ба майдонҳо баромада, вазъиятро боз ҳам мураккаб месохтанд. Яъне, дар кишвар ба ҷойи қонун беқонунӣ, ба ҷои низому тартибот беназмиву бесарусомонӣ ҳукмрон буд. Дар як муддати начандон тӯлонӣ аз муовинони Сарвазир, аъзои Ҳукумат, вакилони халқ ва зиёиёни маъруф сар карда, даҳҳо ҳазор нафар мардуми бегуноҳ ба қатл расиданд. Тамоми шохаҳои ҳокимият – аз мақомоти марказӣ то зинаҳои маҳаллӣ аз фаъолият бозмонда, бисёре аз роҳбарони онвақта дар чунин шароити ҳассос иродаи сиёсӣ, дурандешӣ, сабру таҳаммул ва азму ҷасорати раҳнамоӣ кардани мардумро аз даст дода буданд. Як қисми зиёиён ва неруҳои солимфикри ҷомеа мавқеи шаҳрвандии худро муайян карда натавонистанд ва аз ӯҳдаи иҷрои қарзи шаҳрвандии худ дар назди ҷомеа, бахусус, дар назди ҷавонони бетаҷриба набаромаданд. Дар натиҷа эътиқоду эътимоди мардум ба роҳбарияти сиёсӣ ва Ҳукумат шадидан коҳиш ёфт, зеро мамлакат дар чунин вазъи мураккаби сиёсиву ҷамъиятӣ амалан бе роҳбару роҳнамо монда буд. Дар як сол ду Президент ва панҷ Ҳукумат маҷбурӣ ба истеъфо рафтанд, ки ин нишонаи олии беқонуниву беназмӣ буд».

Қонуну қарорҳои қабулгардида дар Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихӣ ва ҳар яке аз онҳо дар андешаву тафаккур ва ғояву ақидаҳои ҳар сокини мамлакат нақши муҳим бозиданд. Мардуми шарафманди Тоҷикистонро дар атрофи Сардори давлат муттаҳид намуда, ба созандагиву бунёдкорӣ раҳнамун сохтанд. Аз ҳама муҳим он буд, ки ин иҷлосияи тақдирсоз заминаи низоми нави давлатдории Тоҷикистонро чун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ гузошт ва он баъдан дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6-уми

ноябри соли 1994 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, инъикоси пурраи худро ёфт.

Бо шарофати баргузории иҷлосияи тақдирсоз сохти конститутсионии мамлакат барқарор гардида, фаъолияти сохторҳои фалаҷгардидаи кишвар аз нав ба роҳ монда шуданд. Роҳҳои муайяну мушаххаснамудаи Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати дурандешонаву хирадмандона ва ботадбиронаву суботкоронаи Роҳбари давлати тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд, ки ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаву иҷтимоӣ мешиносад ва эътироф менамояд.

Бояд хотирнишон сохт, ки қабули қонуну қарорҳо дар Иҷлосияи таърихӣ дар баробари дигар соҳаҳо ба ташаккулу рушди қонунгузории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос гузоштанд.

Дар ин замина дар мамлакат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ қабул гардидаанд, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22-юми июли соли 2013, таҳти № 1004; «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» аз 22-юми апрели соли 2003, таҳти № 21; «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» аз 28-уми декабри соли 2013, таҳти № 1056; «Дар бораи адабиёти таълимӣ» аз 26-уми июли соли 2014, таҳти № 1122; «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» аз 8-уми августи соли 2015, таҳти № 1225; қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1-уми ноябри соли 2006, таҳти № 484; «Дар бораи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 22-юми июни соли 2019, таҳти № 316; «Дар бораи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» аз 29-уми сентябри соли 2020, таҳти № 526; «Дар бораи Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025» аз 30-юми апрели соли 2021, таҳти № 170 аз ҷумлаи онҳо буда, дар рушду инкишофи соҳаи маориф, ки ҳамчун соҳаи муҳимму афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати мустақили Тоҷикистон эътироф шудааст, мусоидат намуданд.

Ҳамин тавр, Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлату давлатдории навини тоҷикон ва ташаккулу рушди қонунгузории Тоҷикистони соҳибистиқлол нақши муҳим гузошт. Аз ин лиҳоз, дар вазъияти зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ҳар яки моро зарур аст, ки барои ҳифзи Ватан, манфиатҳои миллӣ, таҳкими Истиқлоли давлатӣ ва амнияти кишвар ҳамеша омода ва ҳушёру зирак бошем ва ба халқу Ватан содиқонаву садоқатмандона хизмат намоем.

**Адабиёт:**


1. Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 ноябри соли 1992, № 682 // Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1992, № 21-22. мод. 286.
2. Суханронӣ ба муносибати 25-умин солгарди баргузории Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj / node/16605 (санаи муроҷиат: 16.11.2023).
3. Сухани ифтитоҳии Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ [Матн] // Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – оғози давлатдории навини тоҷикон (Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 30-солагии Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе. 2022. – 80 с.
4. Насриддинзода, Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ [Матн] / Э.С. Насриддинзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 316 с.
5. Насриддинзода, Э.С., Шоҳмурод Р. Нақши парламент дар таъмини волоияти қонун ва таҳкими ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд [Матн] / Э.С. Насриддинзода, Р. Шоҳмурод // Мақоми олии қонунгузории Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе.2022. – С.97-118.
6. Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ [Матн] / Эмомалӣ Раҳмонов. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди аввал. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.

**Саодат САТТОРӢ,**
**омӯзгори мактаби №43-и**
**ноҳияи Синои шаҳри Душанбе**



# АРҶГУЗОРӢ БА ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ - АРҶГУЗОРӢ БА ДАВЛАТ ВА ТАЪРИХУ ТАМАДДУНИ МИЛЛАТИ ФАРҲАНГОФАРИ ТОҶИК

Ҳар як давлати мустақилу соҳибихтиёр тавассути нишон, парчам, суруди миллӣ ва конститутсияи он дар ҷаҳон муаррифӣ мегардад, зеро ин муқаддасот рамзҳои истиқлолият ва нишонаи асосии давлатдорӣ ба шумор меравнад. Эҳтиром ва арҷ гузоштан ба парчам маънои арҷ гузоштан ба тамоми арзишҳои миллат, аз ҷумла, ниёгони тамаддунофар ва фарҳанги миллии мо аз оғози таърих то ба ин рӯз мебошад. Эҳтироми Парчами давлатӣ эҳтироми миллат ва давлату давлатдорӣ буда, он дар баробари Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ ва Конститутсия аз зумраи рамзҳо ва муқаддасоти давлатӣ ва нишона аз баҳамоиву ваҳдатофарии халқи тоҷик маҳсуб мешавад.

Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имрӯз нишони саодатмандию музаффариятҳои меҳани маҳбуби мо мебошад, маҳаки асосии худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстӣ, нангу номус, мардонагӣ, иззату шараф, ҷавонмардӣ ва озодазодагӣ аст. Халке, ки барои ҳастӣ ва побарҷо нигоҳ доштани асолату таърихи худ кӯшиш намуда, мубориза мебарад, парчамро рамзи асосии давлатдорӣ меҳисобад ва дар атрофи як матои саодат муттаҳид мегарданд ва ба самти дастовардҳову шукуфоӣ азм мекунанд.

Тӯли 31 сол аст, ки Парчами зебову серанги Ҷумҳурии Тоҷикистон пештоқи қасрҳову муассисаҳо, идораву ташкилотҳои давлатӣ, корхонаю ҷойҳои фарҳангӣ, кӯчаву хиёбонҳо ва ҷашнгоҳу дабистонҳоро оро дода, барои ҳар муваффақияти ҷавонмардони асили ватан, дастболо шудани паҳлавонҳо, пешсафии



шогирдон дар сабқатҳову олимпиадаҳои байналмилалӣ Парчами ватан парафшон гардидаву миллати тоҷик муаррифӣ мешавад.

Агар аз дидгоҳи фалсафаи материализм ба масъала назар намоем, барои мардуми шарифи Тоҷикистон Парчами миллӣ на як пораи матои серанг, балки пораи дили ҳар як фарди баори кишвар мебошад. Як ҳиссаи ҷону лахте аз ҷигар, шарафу эътибор ва бахту саодат аст. Онро ба даст гирифта, худро дар ҷодаҳои зафар эҳсос мекунанд. Бешак, дар Парчами миллӣ қувваи муъҷизабахше ниҳон аст, ки ҳангоми ба даст гирифтан қалби инсон кушода шуда, дар шахс ҳавои қаҳрамонӣ падидор мешавад.

***Эй Парчами уммед, як пораи дилам,***
***Пайванд гаштаӣ дар обу дар гилам.***
***Дар баҳри қисматам, эй нохудои бахт,***
***Бо тоҷу тахти худ овар ба соҳилам.***

Қадршиносӣ аз Парчами давлатӣ арҷгузорӣ ва ифтихор аз давлат, аз гузаштаву имрӯза ва фардои пуранвори халқ буда, омили муҳимми хештаншиносӣ ба шумор меравад. Парчам, ки мардуми шарифи Тоҷикистонро ба ҷодаҳои созандагиву зафар ҳидоят менамояд, бешак рамзи ватандорӣ, нангу номус, ваҳдати миллӣ ва худогоҳиву худшиносии миллӣ мебошад.

Рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян мегардад. Тоҷикистони азизи мо ҳамчун як давлати соҳибистиқлол ва узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид соҳиби рамзҳои давлатии худ аст, ки яке аз онҳо Парчами давлатӣ мебошад.

Парчами Тоҷикистон аз матои росткунҷа иборат буда, дар он се рахи ранга ба таври уфуқӣ ҷой гирифтааст. Рахи боло ранги сурх дошта, паҳноии он бо рахи сабзи поён баробар аст, рахи сафеди байн якуним баробари паҳноии яке аз рахҳои ранга мебошад. Дар рӯйи рахи сафед аз ҷойи чӯбдаста дар мобайни Парчам бо зарҳал рамзи тоҷ ва дар болои он ҳафт ситора дар шакли нимдоира тасвир шудааст. Рангҳои Парчам ва тасвирҳо рамзҳои махсусро ифода мекунанд. Ранги сурх дар Парчам ҳамчун рамзи мубориза ва ҷоннисориҳои халқ баҳри озодӣ ва истиқлол инъикос гардидааст.

Ранги сафед ҳамчун рамзи бахту иқболи сафед ва покизагӣ буда, тимсоли рамзи покию тозагӣ, рамзи ҳаёту абадият ва заволи зулматро маънидод мекунад.

Рамзи сабз ифодагари саъю кӯшиш ва заҳмату меҳнати мардуми тоҷик барои сарсабзу хуррам гардонидани кишвар мебошад ва дар гузашта маънои рамзи зиндагӣ ва сарсабзиро дошт.

Санаи қабули Парчами имрӯзаи мо ба даврони Истиқлоли давлатиямон рост меояд, яъне, 24-уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол қабул гардид. Аммо аз лиҳози таърихӣ парчамдории миллати тоҷик маҳдуд нашуда, таърихи зиёда аз севунимҳазорсолаи он дар сарчашмаҳои таърихӣ сабт гардидааст. Аз ҷумла, аҷдодони номвару сарбаланди тоҷикон - пешдодиён, порсҳо, суғдиён, бохтариён аз қадимтарин мардумони парчамдор буданд.

Парчами замони соҳибистиқлолӣ бо хусусиятҳои мdevil милливу маънавии худ ба дилу дидаи тамоми мардуми тоҷик ҷой гирифта, онро ҳамчун арзиши бебаҳои таърихию миллӣ ҳифз менамоянд, чунки Парчами навини миллии мо нишонаи эҳёи дубораи миллати тоҷик мебошад. Парфишонии Парчам дар фазои озоди Ватан ва дар арсаи байналмилалӣ далолат аз сулҳу истиқлоли Ватан буда, зиндагии моро шукӯҳу шаҳомати тоза мебахшад. Ин парчамест, ки миллати моро дар арсаи ҷаҳон ҳамчун миллати соҳибдавлат муаррифӣ менамояд ва ба сӯйи музаффариятҳои нав раҳнамун месозад. Аз ин хусусият аст, ки мегӯем: Арҷгузорӣ ба Парчами миллӣ – арҷгузорӣ ба миллат, давлат ва таъриху тамаддуни миллати фарҳангофари тоҷик мебошад.

**Қурбон АҲМАДЗОДА,**
**“Маърифати омӯзгор”**



# ФУРӮҒИ ОДАМИЯТ АЗ КИТОБ АСТ

Инсоният аз ибтидои нахустин тамаддунҳо ба китобу иттилоот, мутолеаву фарҳанг ва маҷмуан, ба маънавиёт эҳтиёҷ дошт. Мусаллам аст, ки мутолиаи китоб инсонро ба илму маърифат ва донишу фазилат раҳнамун карда, метавонад ҷомеаро аз вартаи ҷаҳолат наҷот бидиҳад. Маҳз ба ин хотир, аҳли зиёи ҳар як кишвар дар ҳар давру замон башариятро ба самти маърифат, ахлоқи ҳамида, хираду маънавиёт ва мутолеа талқин мекунанд. Ҷомеаҳои хирадсолору маърифатпараст низ бо мутолеаи самимӣ ба нуру равшанӣ, саодату некномӣ ва пешрафту ободкорӣ мушарраф мегарданд.

Миллати донишсолори тоҷик аз ибтидои хилқати башарӣ ба фарҳангу китоб, мутолеаву донишпазирӣ равнақ дошта, ҳикмату китоб мероси азалии ин миллат маҳсуб мешавад. Ғановатмандии адабиёт ва бостонияти тамаддуни фарҳангу тамаддуни миллии ориёӣ шаҳодати ин гуфтаҳо мебошад. Маҳз иртиботи таърихии мо бо китоб ва мероси ниёии китобдории мо имконият фароҳам намудааст, ки ин миллат фарзонафарзандонеро аз дабистони маънавии худ бурун оварад, ки на танҳо барои фарҳанги миллии тоҷикӣ-форсӣ, балки барои илму маънавиёти башарӣ низ хидматҳои шоиста анҷом диҳанд.

Мероси маънавии бузургони мо - Зартушти бузург, Куруши Хаҳоманиш, Монии рангинқалам, Салмони Форс, Эмоми Аъзам, Рӯдакиву Фирдавсӣ, Синову Носири Хисрав, Фахри Розию Абурайҳони Берунӣ, Саъдиву Ҳофиз, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Низомии Ганҷавию Ҳоқонии Шервонӣ, Бедилу Иқболи Лоҳурӣ, Аҳмади Донишу Садриддин Айнӣ ва ҳазорон адибу ҳакимон ва олимону зиёиён нуру зиёи илму адаби тоҷикро бо ганҷинаҳои маънавии худ музайян намудаву вориди мактаби фикрии ҷаҳонӣ намудаанд. Маҳз аз ин хотир, Аллома Иқбол таъкидан гуфта буд:

**Баргу сози мо китобу ҳикмат аст,**
**Ин ду қувват эътибори миллат аст**.

Шоистаи таъкид аст, ки новобаста аз ғановати адабӣ ва мероси пурарзиши фарҳангӣ гоҳе тундбоди таърих ва дасисаҳои бадхоҳон ҷаҳолатро бар нуру зиё воло гузошта, тухми кинаву нифоқ ва кудурату ҷаҳолатро дар миёни ҷомеа равнақ медиҳанд, ки китобу китобдорӣ ва китобхонию адабпарварӣ то ҷое аз доираҳо берун мемонад. Ҷойи фарҳанги асил, маънавиёти воло ва санъати ноб музахрафоти биёбонӣ ва жожу мажожҳои хиёбонӣ пешсаф мегарданд. Бешубҳа, ин рӯзу рӯзгор ва ин сарнавишти талхро низ дар замони нобасомониҳои таҳмилӣ гувоҳи комил гардидаву таҷриба намудем.

Ҳарчанд халқи тоҷик бо хиради ирсӣ ва талошҳои фарзанди фарзонаи худ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишварро аз чанголи хаффошони миллаткуш раҳо намуда, давлатро аз бозиҳои абарқудратҳо наҷот дода тавонистанд, вале таъсири ногувори давронИ ҷанги таҳмилӣ дар зеҳни ҷомеа то имрӯз низ боқӣ мондааст. Зеро сарони гурӯҳҳои ифротию иртиҷоӣ дар ҳар макone, ки пойи худро гузошта буданд, дар солҳои ҷангҳои таҳмилӣ аксари китобхонаҳоро ба нестӣ расонида, фарҳангу маънавияти муосирро қариб маҳв карда буданд, ки ба зеҳнияти насли наврасу ҷавон таъсир намуда, онҳоро то андозае аз

мутолеаи китоб дур намуда буд.

Ҷиҳати баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худшиносиву худогоҳӣ, такмили захираи луғавӣ ва тақвияти ҷаҳони маънавии ҷомеа Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амр доданд, ки озмуни ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" (аз 9 феврали соли 2019 таҳти №АП-1165) баргузор карда шавад.

Озмуни мазкур аз соли 2019 дар миёни тарбиятгирандагону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти томактабиву миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо), калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун баргузор шуда, хушбахтона, ҳамасола сафи иштирокдорони ин сабқати фарҳангӣ меафзояд.

Озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" ҳамасола аз рӯйи шаш номинатсия, адабиёти кӯдакон ва наврасон, адабиёти классикии тоҷик, адабиёти муосири тоҷик, адабиёти ҷаҳон, эҷоди назм ва эҷоди наср баргузор мегардад.

Соли 5-ум аст, ки озмуни мазкур таҳти сарпарастӣ ва роҳбарии бевоситаи Пешвои муаззами миллат баргузор мегардад ва боиси шодмонист, ки ихлоси мардумро ба ин ганҷи арзишманд зиёд намудаву таваҷҷуҳи ҷомеа ба китобу китобхонӣ барҷастатар гардидааст.

Банда аз нафарони хушбахтам, ки дар 5-солагии озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" дар номинатсияҳои "Эҷоди назм" ва "Эҷоди наср", дар ташкил ва баргузор намудани он аз ҷониби Вазорати маориф ва илми кишвар масъулият доштам. Имсол даври ниҳоии сабқати мазкур, аз 30 октябр то 15 ноябри соли равон дар Муассисаи давлатии "Китобхонаи миллии Тоҷикистон"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гашт. Ҳарчанд дар даври якуми озмун дар саросари ҷумҳурӣ 239 ҳазору 657 нафар довталаб иштирок намуда бошад, дар даври дуюми озмун 47 ҳазору 51 нафар довталаб иштирок намуда, 3506 нафар ба даври сеюм роҳ ёфтанд. Дар даври ниҳоӣ, вобаста ба шаш номинатсия, 528 нафар довталаб бо шавқи баланд ва талоши фарогир иштирок карданд. Яъне, аз миёни ҳар 453 довталаби даври якум як нафари онҳо ба даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифта, ба саҳнаи рақобати зеҳнӣ ворид гардид.

Рӯзи аввал аз рӯйи номинатсияҳои адабиёти кӯдакон, адабиёти классикӣ, адабиёти муосир, адабиёти ҷаҳон озмун оғоз гардид. Мавриди ба зикр аст, ки шароиту имконоти зарурӣ барои дар сатҳи баланд баргузор гардидани озмун фароҳам оварда шуда, дастгоҳу васоити техникӣ, аз қабили монитору компютер ва ноутбукҳо дар хидмати довталабону ҳакамон ва падару модарони иштирокдорони озмун қарор доштанд. Чун ҳарсола падару модарон ба василаи монитор дар ҳуҷраи алоҳидаи Китобхонаи миллии Тоҷикистон маҳорат ва дониши фарзандони худро аз рӯйи ҳамаи номинатсияҳо тамошо мекарданд ва дар раванди ташкилу баргузории озмун ба таври шаффофу одилона Ситоди ҷумҳуриявии озмун таҳти сарварии муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён амал менамуд.

Камина дар ҷараёни озмун сабқати иштирокдорони номинатсияҳои эҷодҳои назму насрро мушоҳида мекардам. Иштирокдорон аз ҳар гӯшаву канори кишвар ҷамъ омада, яке дар изтиробу бархе худро дар фазои эҷодӣ тасаввур намуда, бо илҳом худ ба худ шеър мехонданд ва ё чизе эҷод мекарданд. Ҳамагӣ дар ҳоли мусобиқа бо ҳамтоёни маънавии худ қарор доштанд. Яке баромад мекарду дигаре омодагӣ медид. Аъзои ҳакамон аз ҳар номинатсия бо чеҳраҳои кушодаву табассуми малеҳона ба довталабон суол медоданду ҷавоб мегирифтанд.

Ҳар нафар дар ҳар бахш масруфи омодагӣ, баромад ва ё тамошои ҳамтои худ буд. Фазои Китобхонаи миллии Тоҷикистон, саҳни ҳавлӣ ва толорҳои ин макони маънавӣ идгоҳи бузургеро мемонд. Аз ҳар гӯшаву канори мамлакат меҳмонон дар ин ҷо ҷамъ шуданд. Аҷибтар ҳамин буд, ки кӯдакони синфҳои поёнӣ бо

лаҳни ширину шево баромад мекарданд ва бо ишораҳои нозанини худ ба ҳакамони озмун саломнома мефиристоданд.

Дар баъзе ҳолатҳо ман мутаҳҳайир мешудам, ки чаро аъзои ҳакамон ҷиҳати имтиҳон бо баъзе иштирокдорон содатар муносибат мекунанд. Яъне, ин даври ҷумҳуриявии озмун аст ва ба гуфти омма бояд “Аз элак бехтан”-ро монад. Вақте ба раиси ҳакамони номинатсияи эҷоди наср Сироҷиддин Икромӣ ин суолро пешниҳод кардам, гуфт:

- Мо, ҳайати ҳакамон вобаста ба синну соли довталабон бо онҳо бархӯрд мекунем. Яъне, бо мактаббачагони хурдсол ва бо донишҷӯёну калонсолон саволу ҷавоб фарқ мекунад. Шумо, ки тӯли чанд рӯз аст бо мо ҳастеду мушоҳида низ мекунед, аксари аз довталабон каммутолеа ҳастанд. Барои нависанда шудан, пеш аз ҳама, хонандаи хуб будан лозим ва ин ҳолат моро зиёд нигарон кардааст. Ин равандро дида, албатта, мо аъзои ҳакамони номинатсияи “Эҷоди наср” ба хулосае омадем, ки барои соли оянда ба довталабони ин номина рӯйхати адабиёти ҷаҳону классику кӯдаконаро низ илова намоянд ва довталаб ҳангоми баромади худ, мисли дигар номинатсияҳо, рӯйхати адабиёти мутолеанамудаашро низ ба мо пешниҳод намояд.

Баҳманёр Муродӣ, котиби масъули нашрияи адабии “Садои Шарқ” узви ҳайати доварони номинаи мазкур ба саволи болозикри мо чунин посух дод:

- Агарчи теъдоди иштирокдорони имсола назар ба соли қаблӣ камтар ба назар мерасид, вале аз рӯйи сифат омодагӣ беҳтар буд. Аз ҳар як довталаб метавон як ҷумлаи зебо ва ё як калимаи нав дарёфт намуд. Ман ҳамеша ва дар ҳар ҷо таъкид менамоям, ки барои нависандаи хуб шудан хондани зиёди осори бадеӣ дар ҷойи аввал меистад, ки мутаассифона, баъзе иштирокчиён ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ намедиҳанд. Эҷодкор пеш аз эҷод кардан, бояд хонанда бошад. Аз адабиёти классику муосиру ҷаҳон огоҳии комил дошта бошад. Ҷиҳатҳои мусбат низ зиёд буданд, хусусан, як масъалаи хушҳолкунанда дар довталабони имсола ҳамин буд, ки дар навиштаи онҳо назар ба соли қабл хатоҳои имлоиву забониву дигар сарфу наҳв кам дида мешуд.

Фаррух Ҳотамов, магистри бахши аввали Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ки аз довталабони номинатсияи эҷоди наср ба шумор мерафт, баъд аз баромади хеш назари худро ҷиҳати раванди озмун изҳор дошт: “Боиси ифтихор аст, ки тӯли 5 сол дар кишвар ин озмуни фарҳангӣ таҳти сарпарастии Пешвои муаззами миллат дар сатҳи баланд ва бо тамоми шароит давом ёфта истодааст. Ман соли аввал аст, ки дар озмун иштирок ва эҷодиёти худро пешкаши доварон намудам. Баромадам аз ҷониби ҳакамон баҳои хуб низ гирифт ва ман соҳиби ҷойи сеюм гардидам. Ҷиҳати ислоҳи камбудӣ ва нозукиҳои нигорандагӣ, ки аз ҷониби доварон эрод гирифта шуд, минбаъд дар оянда кӯшиш менамоям, ки онҳоро бартараф кунам”.

Лоиқи зикр аст, ки дар рафти озмун, ҳамарӯза вазири маориф ва илми кишвар Раҳим Саидзода ба ҳар як толоре, ки миёни довталабон сабқат ҷараён дошт, даромада, бо доварону иштирокдорон ҷиҳати камбудиву пешрафти озмун ва масъалаҳои ҷойдошта суҳбат мегузаронид ва ба аъзои ҳакамону дигар масъулони озмун барои шаффоф ва воқеъбинона баҳогузорӣ намудан таъкидҳо мекард. Ҳамчунин, Зиёдулло Абдулзода муовини вазири маориф ва илм низ ҳар рӯз аз рафти баргузории ҳар номинатсия дидан намуда, ба кормандони Вазорати маориф ва илм, аз ҷумла, Наврӯз Ҷумъазода – сардори Маркази матбуоти вазорат ва дигар ҳамдастагонаш ҷиҳати таблиғу ташвиқи озмун дар шабакаву сомонаҳои интернетӣ дастуру супоришҳо медод. Ҳамарӯза аз ҷониби кормандони Маркази матбуоти вазорат раванди озмун аксбардорӣ шуда, дар шабакаҳои иҷтимоӣ мавриди таблиғ қарор мегирифт.

Дар рӯзҳои охири озмун дар толори Китобхонаи миллӣ бо иштироки муовини Сарвазири мамлакат Матлубахон Сатториён маросими супоридани нишони «Маърифатпарвар» ба падару модарон, нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» ба омӯзгорони ғолибони Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ

китоб аст», мукофоти пулӣ, сипосномаҳои Вазорати маориф ва илм, мукофоти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба иштирокдорони даври чоруми озмуни мазкур, ки ҷойҳои ифтихориро сазовор гардиданд, баргузор шуд ва ба як қатор иштирокдорони фаъоли озмун, хусусан, 26 нафар пиронсолу ятим ва шахсони имконияташон маҳдуд, нафароне, ки ҷойҳои ифтихориро сазовор шудаанд, «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илм ва туҳфаҳои пулӣ тақдим гардид.

Бояд ёдовар шавам, ки дар рӯзҳои баргузории озмун як иқдоми хуби дигар аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардид. Тӯли 13 рӯз иштирокдорон ва омӯзгорони озмун аз маконҳои таърихӣ, осорхонаҳову театрҳо, боғу гулгаштҳо дидан намуданд, ки барои ҳар кадоми онҳо ин саёҳатҳо хотирмону мондагор буданд ва барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстию зебоипарастияшон нақши назаррас гузошт.

Маросими тантанавии ҷамъбасти Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» 15 ноябр дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ доир гардид. Дар оғози чорабинӣ раиси комиссияи озмуни мазкур, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён тазаккур дод, ки таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахри баланд бардоштани завқи китобхонӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ ва мусоидат дар рушди ҷаҳони маънавии тамоми сокинони мамлакат соли панҷум аст, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор мегардад. Ин иқдоми бузурги Пешвои муаззами миллат тавонист, ки таваҷҷуҳи тамоми сокинони мамлакатро ба китобу китобдорӣ ва китобхонӣ равона созад. Аз ин ҳама дастгириҳои бемислу падарона маълум мегардад, ки Пешвои муаззами миллат дар роҳи тарбияи насли наврасу ҷавон дурандешу оянданигар ҳастанд ва бо ин иқдоми шоиста меҳри китобу китобхониро дар дили ҳар як фарди тоҷик боз ҳам фузунтар мегардонанд.

Ҳамин гуна, ҷамъбасти озмун нишон дод, ки дар он 121 нафар аз шаҳру навоҳии кишвар соҳиби ҷойҳои якуму дуюм ва сеюм гардиданд. Аз ҷумла, иштирокдорон аз шаҳри Душанбе соҳиби 49 ҷой, вилояти Суғд 27 ҷой, вилояти Хатлон 24, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 15 ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон соҳиби 6 ҷой гардиданд.

Дар маҷмуъ, Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», ки як сабқати зеҳнӣ мебошад, тӯли 5 соли баргузорияш насли ҷавону калонсолро ба мутолеаи китоб ва осори адабию фарҳангӣ ҷалб намуда, сафи аъзои китобхонаҳоро низ ба маротиб зиёд кардааст. Тибқи иттилои директори Китобхонаи миллии Тоҷикистон Ҷумахон Файзализода, тайи чанд соли баргузории Озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» тамоюли ҷавонону наврасон ва умуман, аҳолии кишвар ба мутолеаи китоб хеле зиёд шудааст. Аз китобхонаҳои шаҳрию ноҳиявии ҷумҳурӣ ба мо зиёд муроҷиат менамоянд, то барои ғанӣ гардонидани фонди китобхонаҳояшон кумак намоем.

Дар давоми 5 сол тибқи ҳисобҳо беш аз 2 миллион наврасу ҷавон ва шаҳрванди касбу кори гуногун дар ин озмун ширкат намудаанд, ки қадами бузургу устувор ва оянданигарона дар роҳи тарбияи маънавии аҳолӣ ва ҳифзи осори ниёгони тоҷик мебошад.

Дар замоне, ки дар ҳар гӯшаи дунё хабар аз ҷангу қатлу оташу хун меояд, бо сарпарастӣ ва дастури бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузаронидани ин навъ озмунҳои зеҳнию илмӣ фазои кишвари моро бо атри маънавият муаттару бо дастагулҳои илмию фарҳангӣ музайян намудааст.

Дар ин бора Шоири халқии Тоҷикистон Рустам Ваҳҳобзода бамавқеъ гуфтааст:

***Фурӯғи коинот аз офтоб аст,***
***Фурӯғи одамият аз китоб аст.***

**Гулчеҳра ХУДОЙНАЗАРОВА,**
**мудири кӯдакистони №80-и**
**ноҳияи Сино, шаҳри Душанбе**



# БОЗИҲОИ ЗЕҲНӢ ШАХСИЯТИ КӮДАКРО ИНКИШОФ МЕДИҲАНД

Бозиҳои зеҳнӣ ҳамчун воситаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ барои инкишофи равонӣ, ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва хусусиятҳои фардии ӯ кӯдакон васеъ истифода бурда мешаванд.

Бозӣ ба инкишофи қобилияти кор кардан дар асоси нақшаҳои андешидашуда, мутобиқ кунондани амалҳои шахсӣ бо фаъолиятҳои атрофиён мусоидат намуда, воситаи муҳими ташаккули сифатҳои аъзои ҷомеа ва коллективии кӯдакон буда, он зинаҳои муайяни муттаҳидшавиро дар бар мегирад. Бозии зеҳнӣ фаъолиятест, ки он оламии эмотсионалии кӯдакро бою рангин сохта, ӯро ба дунёи бою рангини муносибатҳои инсонӣ ворид менамояд. Дар тадқиқоти олимони ватанӣ М. Лутфуллозода, Б. Маҷидова, олимони хориҷӣ Г. Либшер, К.Г. Юсупов, В.И. Истомин, В.И. Устименко, Д. Н. Узнадзе ва дигарон асолати бозӣ, нақш ва аҳаммияти он дар ҳаёти ҷомеа, шахс ва дар фарҳанги инсонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта шудааст.

«Бозӣ – ин равзанаи бузурги равшание мебошад, ки он ба дунёи маънавии кӯдак ҷараёни ҳаётбахш, дарки муҳити атрофро ворид месозад. Бозӣ – ин шарораи даргиронандаи шуълаи кунҷковӣ ва мароқ мебошад”, - таъкид намудааст педагоги маъруф В. А. Сухомлинский.

Муҳаққиқон арзиши бозӣ ва қоидаҳои онро қайд намуда, аҳаммияти онро дар ташаккули рафтори иҷтимоӣ, худидоракунии шахс ва муошират муайян намуданд.

Бозии нақшдори мавзуӣ навъи асосии бо-



зии кӯдакони синни томактабӣ мебошад. С.Л. Рубинштейн қайд намудаст, ки бозӣ ин зуҳуроти ногаҳонии кӯдак аст ва дар ҳамкорӣ бо калонсолон ташаккул ёфтааст. Хусусиятҳои асосии бозии мазкур чунин аст: ҳиссиёти баланд, шавқмандии зиёди кӯдакон, мустақилиятнокӣ, фаъолиятнокӣ ва эҷодкорӣ.

Хусусияти асосии бозии нақшдори мавзуӣ ин мавҷудияти вазъияти тахайюлотӣ мебошад. Тадқиқоти сершумори педагогҳо ва равоншиносон Д. Б. Элконин, Д. В. Менжеритская, А. В. Черкова, П.Г.Саморукова, Н.В. Королева ва дигарон собит карданд, ки мундариҷаи асосии бозиҳои нақшдори мавзуӣ аз ҳаёти иҷтимоӣ ва зуҳуроти гуногуни калонсолон тартиб дода шудааст.

Дар давраҳои аввали инкишофи бозиҳои нақшдори сужетнок сифатҳои ахлоқӣ-иродавии зерини шахсият дар кӯдакон ташаккул меёбад: қобилияти ихтиёрона идора карда тавонистани амалҳо, ҳамдардӣ, ҳиссиёти дӯстию рафоқат, якҷоя бо ҷамъият кор кардан ва монанди инҳо. Кӯдакони хурдсол бо ҳамдигар муошират кардан, хоҳишу илтимос намудан, ба фикри дигарон розигӣ баён намудан, ба ҳамдигар ёрӣ расониданро меомӯзанд. Агар кӯдакон аз хурдсолӣ дар алоҳидагӣ бозӣ кунанду ба ҳамдигар халал нарасонанд, минбаъд бояд ба бозиҳои якҷоя ҷалб карда шаванд.

Бозиҳои якҷоя шавқи кӯдакро на танҳо ба амалиёт, инчунин, нисбат ба шахсияти кӯдакони дигар низ зиёд мекунад. Дар бозӣ таҷрибаи иҷтимоӣ, ки дар муносибат ва муошират бо одамони гуногун, бо қаҳрамонҳои афсонавӣ инъикос меёбад, васеъ мешавад. Кӯдакон муносибати худро ба муҳити атроф муайян мекунанд (рӯбоҳ - маккор, гург - бадҷаҳл, Бобои барфӣ – меҳрубон мебошанд). Мураббиён (педагогҳо) бояд машғулиятро бо суханон ва усулҳои гуногун пурра карда, таваҷҷуҳи кӯдаконро ба бозӣ ҷалб намоянд.

Барои дар кӯдакон пайдо шудани муносибатҳои гуногуни байнаҳамдигарӣ нақши калонсолон хеле бузур мебошад. Дар ин давра кӯдакон ба калонсолон тақлид мекунанд ва агар калонсолон байни худ суҳбат ва муносибати дуруст кунанд, он гоҳ кӯдакон ба онҳо диққат дода мефаҳманд, ки бо якчанд нафар якҷоя бозӣ ва суҳбат кардан шавқовар аст ва барои ҳамин ҳам онҳо дар бозӣ барои худ рафиқи ҳамдам меҷӯянд, ки ин заминаҳои аввалини инкишофи коллективона ва роҳ пайдо кардан дар ҷомеа барои онҳо мебошад.

Бозиҳои нақшдори сужетнок набояд аз тарафи мураббиён маҷбурӣ гузаронида шаванд, чунки дар чунин ҳолат метавонад ба тафаккури эҷодии кӯдак таъсири манфӣ расонад. Ба ақидаи педагогони машҳур К.Д. Ушинский, Н.К. Крупская, А.С. Макаренко – бозӣ ин фаъолияти мустақилонаи эҷодии кӯдакон мебошад, ки асосашро на нусхабардорӣ, балки ташаббускории худи кӯдак ташкил медиҳад.

Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабии “Рангинкамон” баргузории бозиҳои гуногунро мутобиқ ба синну соли кӯдакон дар тамоми гурӯҳҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ ҳатмӣ медонад. Барнома таъкид мекунад, ки бозии ҷолиб фаъолияти зеҳнии кӯдакро меафзояд ва ӯ метавонад вазифаҳои мушкили дар машғулиятҳо гузошташударо ҳал намояд. Дар бозӣ ҳама ҷиҳатҳои шахсияти кӯдак дар якҷоягӣ ва ҳамбастагӣ ташаккул меёбанд. Бозии эҷодиро ба вазифаҳои нисбатан хурди дидактикӣ тобеъ кардан мумкин нест, балки бо ёрии он вазифаҳои асосии таълимӣ ҳал карда мешаванд.

Бозӣ на танҳо рафтори кӯдак, балки ҳаёти ботинии ӯро низ ба танзим медарорад, барои фаҳмидани худ, муносибати ӯ ба ҷаҳон кумак мерасонад. Ин амалан ягона фаъолиятест, ки ӯ метавонад ташаббус ва эҷодкорӣ нишон диҳад ва дар айни замон, маҳз дар бозӣ кӯдак назорат ва баҳо додан, фаҳмидани кори кардаашро меомӯзад, дуруст рафтор карданро аз худ менамояд. Маҳз танзими мустақили амалҳо кӯдакро ба як субъекти бошуури ҳаёт табдил медиҳад, рафтори ӯро бошуурона ва мустақилона мегардонад.

Ҳамин тариқ, бозӣ барои кӯдакони синни томактабӣ муҳимтарин фаъолияти мустақилона буда, барои рушди ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва ташаккули шахсияти ӯ аҳамияти калон дорад.

**Довудхони Махмадғиёси РАҲМАТЗОДА,**
**сармутахассиси шуъбаи сифати таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# МАҚСАДИ ОМӮЗИШИ МАВЗУЪҲОИ ФАНҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

Дар шароити имрӯза ислоҳот ба соҳаи маориф ва ба талаботи рӯз мутобиқ намудани барномаҳои он амри воқеист. Доштани дониш оид ба соҳаҳои гуногуни илм барои маълумотнок гаштан кифоя набуда, татбиқи амалии донишҳо, истифодаи технологияҳои муосир ва эҷодкорӣ низ муҳим аст, ки ба баланд шудани некуаҳволии мардум ва пешрафти ҷомеа мусоидат менамояд.

Бо мақсади рушди низоми маориф ва таҳкими пояҳои маънавии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зиёдеро ба роҳ монда, барои самаранок гардондани раванди таълим роҳу усулҳои амиқи соҳавиро роҳандозӣ дорад. Таҳлилҳои соҳавӣ нишон медиҳанд, ки яке аз тадбирҳои муҳим гузариш ба **муносибати босалоҳият дар таълим** мебошад.

Ҷиҳати татбиқи ин муносибат, ҳангоми таҳлилҳо аз хонандагон пурсон мешавед, ки барои чӣ фанни физика, химия, адабиёт ва ё умуман, фанҳо ва мавзуъҳои таълимиро меомӯзед? Доир ба ин савол на ҳамаи хонандагон ҷавоби қонеъкунанда медиҳанд. Ҳол он ки мақсади асосии муносибати босалоҳият дар таълим на танҳо диққати асосӣ додан ба мазмуни таълим (чиро омӯзонем?), балки ба раванди таълим (чӣ тавр меомӯзем?) равона карда шуда, ба саволҳои: “Хонанда чӣ кор карда метавонад?” ва “Хонанда кадом амалҳоро иҷро карда метавонад?” ҷавоб пайдо карда тавонистан лозим аст.

Донистан ё дониш дар муносибати босалоҳият дар таълим ҷузъи таркибии малака ҳисоб шуда, барои санҷидан ва муқоиса кардан ба намуна, ислоҳи ғалатҳо истифода бурда мешавад.

Дар муассисаҳои таълимӣ қисми зиёди омӯзгорон дониш (маълумот)-ро дар шакли тайёр пешниҳод менамоянд, хонандагон онро қабул ва бозгӯӣ мекунанд. Мундариҷаи таълим дар ин навъи таълим ботартиб ва алоқанок пешниҳод карда мешавад. Фаъолияти омӯзгор асосан ба таври шифоҳӣ фаҳмонда додани мавзуъ ва истифодаи аёниятҳо равона мегардад. Ин навъи таълим ба анъана ва одат табдил ёфтааст. Дар ин шакли таълим диққати асосӣ ба инкишофи хотир равона шуда, хусусияти тазаккурӣ дорад. Яъне, хонанда пас аз шунидан (ё хондан)-и маълумот онро бояд дар хотир гирад, дертар ба хотир орад ва бозгӯӣ карда тавонад. Раванд ва натиҷаи таълим ба андозаи донише, ки хонанда аз суханони омӯзгор ё китоби дарсиву дигар маводи таълим дар хотир гирифтааст, маҳдуд мегардад. Хонандагон дониши азхудкардаашонро ба таври гуногун пешниҳод мекунанд: нақл, бозгӯӣ, нақли хаттӣ, иншо, корҳои санҷишӣ ва амсоли он.

Аз сарчашмаҳои гуногун ақидаҳоро оид ба номувофиқатии чунин шакли таълим ба шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии муосир пешкаш менамоем:

1) Ба ақидаи Аткинсон Р. яке аз норасоии чунин шакли таълим дар он аст, ки диққати асосӣ ба хотира равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур. Он ба ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, мустақилӣ, фаъолнокии хонандагон таъсири кам дорад. Илова бар ин, миқдори ахбору маълумоти пешниҳодшаванда нисбат ба қобилият ва равандҳои азхудку-

нии он зиёд мебошад.

2) Вербитский А. А. бошад, чанд номувофиқатии чунин шакли таълимро ҷудо кардааст: "Мундариҷа ва фаъолияти таълим ба гузашта нигаронида шудааст. Яъне, ахбор, маълумот, қоидаҳое, ки дар раванди таълим аз худ карда мешаванд, ба ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз доранд. Илова бар ин, намуна, таҷриба ва ақидаҳои пешниҳодшаванда порчаи алоҳидаи замонро ифода мекунад. Ин боис мегардад, ки таълимгирандагон мавқеи худро дар чаҳорчӯбаи замон муайян карда наметавонанд ва мавқеи таълим паст мегардад. Ин сатҳи ҳавасмандии хонандагонро ба таълим хеле паст мегардонад. Яъне, онҳо намедонанд, ки барои чӣ, кай ва дар куҷо ин ё он донишро истифода баранд. Аксари таҷриба ва намунаҳои пешниҳодшаванда тахайюлӣ буда, ба хонандагон имконияти таҳлилу баррасии проблемаҳоро фароҳам оварда наметавонанд, зеро рафтору ҳодисаҳо, қоидаву қонунҳо ба ҳаёти ҳозира мувофиқат намекунанд".

3) Болотов В.А. ва Сериков В.В якчанд омилро нисбат ба камнуфус шудани чунин шакли таълим мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба ақидаи онҳо "... тағйирот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иттилоотиву технологӣ боиси пайдо шудани фарҳангу маданияти нав гашта, дар он таҳсилоте, ки танҳо ба андӯхтани дониш нигаронида шудааст, самаранокӣ ва мақсаднокиашро аз даст додааст. Айни замон бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки низоми таълими ба дониш нигаронидашуда ба бухрони амиқ рӯ ба рӯ шудааст. Бухрони мазкур якчанд сабаб дорад. Яке аз сабабҳо ба тағйир ёфтани моҳияти дониш ва таҷрибаи ҷомеа вобастагӣ дорад: айни замон ба даст овардани ахбор соҳаи муҳими фаъолияти касбии инсон гашта, асоси ҳамагуна истеҳсолоти муосирро ташкил медиҳад. Суръати нав шудани донишҳо бо тағйир ёфтану ислоҳоти дастгоҳҳои истеҳсолӣ баробар шудааст. Маҷрои бузурги ахборро, ки то мактабро хатм кардани хонанда кухна мешавад, акнун дар чаҳорчӯбаи барномаи таълим ҷо додан ғайриимкон аст. Таълим додани "маълумоти дақиқ" муҳим аст, аммо агар имкони саривақт иваз кардани унсурҳои он фароҳам оварда нашавад, он гоҳ мо наметавонем хонандаро ба ҳаёт омода намоем... Сабаби дигари бухрони низоми таълими ба дониш нигаронидашуда дар он аст, ки зарурати пур кардани хотираи кӯдакон бо ахбори барзиёд аз байн рафтааст, зеро маҳхазҳои дигари нигоҳ доштани ахбор мавҷуданд. Ба хонандагон бояд тарзи истифодаи ин маҳхазҳо омӯзонда шавад".

Муносибати босалоҳият дар раванди таълим хусусиятҳои ба худ хос дорад. Хусусиятҳои мазкур муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, хонандагону маводи таълим ва муносибат байни ҳамдигарро муайян мекунанд. Донистан ва дар амал татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки сатҳи азхудкунии малака ва салоҳиятҳоро баланд бардошта, ҳамзамон, барои ташаккули шахси масъулиятнок, ботарбия ва маърифатнок замина гузорад.

**Салоҳият** – маҷмуи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде мебошад, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ) ва маърифатӣ равона карда мешаванд. Аз таърифи мазкур бармеояд, ки мақсад аз омӯзиши мавзуъҳо аз фанҳои таълимӣ ин дар ҳаёти ҳаррӯза татбиқ намудани дониш, малака ва маҳорати андӯхтаи хонандагон аз дарси онрӯза мебошад.

Яъне, вазифаи омӯзгор фароҳам овардани имконият ва фазои мусоид барои азхудкунии малака, ташаккули механизмҳои гуногуни инкишофи қобилиятҳои фардии хонанда мебошад. Хонандагон бо роҳҳои гуногун меомӯзанд ва мутаносибан дарккунияшон низ ҳархела аст. Шахсикунонӣ ва фардикунонии ҷавобҳои хонандагон дастгирӣ мешавад. Ҳар як шахс қобилияти мухталифи зеҳнӣ дорад. Ба эътибор гирифтан ва инкишофи ин қобилиятҳо яке аз унсурҳои асосии таълими хонандамеҳвар ба шумор меравад. Омӯзиш ҳамчун раванди фаъоли инкишофёбанда, байни фактҳо, ғояҳову ҷараёнҳои гуногун мунтазам тағйир меёбад ва сохтори он ислоҳ мешавад. Чунин алоқаҳо тавассути муколамаи байни омӯзгору хонандагон ва байни хонандагону

ҳамсолони онҳо дастгирӣ мешаванд. Хонандагон ҳамеша барои баён кардани фарзияҳои худ доир ба ҳалли мушкилот ва масъалаҳое, ки онҳо дар болои он кор мекунанд, ҳавасманд мегарданд.

Дар таълими хонандамеҳвар омӯзгор ба сифати роҳбалад фаъолият карда, ба хонандагон барои дастрасӣ ба ахбор ва таҳлили он ёрӣ мерасонад. Ин масъала чунин аст, омӯзгор дар синф камтар кор карда, корҳои зиёди берунасинфиро барои ба дарс омодагӣ дидану кори хонандагонро арзёбӣ кардан анҷом медиҳад. Хонандагон ба ҳалли супоришҳои хубтайёркардаи омӯзгор ҳидоят карда мешаванд ва онро мустақилона, дар ҳамкорӣ бо шарикдарсон ва зери назорати омӯзгор иҷро мекунанд. Хонандагон барои гирифтани донишҳои муайян масъуланд. Онҳо барои донишандӯзӣ кӯшиш мекунанд: савол медиҳанд, ёддошт мекунанд, барои худ маълумотеро ҷудо мекунанд ва дар атрофи он маълумот андеша мекунанд.

Омӯзгор бо хонандагон барои муайян кардани стратегияи таълим кор мебарад. Ба хонандагон имкони бо чанд навъи манбаи ахбор (китобҳо, аёният (видеоӣ), интернет (дар хона), ҳамсинфони дигар) кор кардан фароҳам оварда мешавад, ки дар натиҷа, барои ҳалли масъала ва мушкилот ёрӣ мерасонад. Хонандагон бо манбаъҳои гуногун кор мекунанд: синфхонаҳои хуб таҷҳизонидашуда, китобхонаи мактаб, китобҳои электронӣ, аудиоӣ, харитаҳо, ҷадвалҳо, компактдискҳо ва ғайраҳо. Баъзан хонандагон инфиродӣ кор мекунанд, аммо аксар вақт зарурати дар ҳайати гурӯҳ зери назорати омӯзгор фаъолият кардан ба миён меояд.

Л. С. Виготский масъалаи мувофиқати байни таълим ва ташаккули кӯдаконро таҳқиқ карда, ба хулосае омад, ки омӯзиш бояд пештар қадам зада, боиси инкишофи кӯдак гардад. Чунин фаҳмиши мувофиқати таълим ва инкишофи кӯдак Виготскийро ба хулосае овард, ки на танҳо ҳолати мавҷудаи инкишоф, балки тамоюлҳои имконпазири инкишофи ояндаи кӯдак ҳангоми таълим бояд ба назар гирифта шаванд. Кӯдак ҳамон вақт инкишоф меёбад, ки агар малакаҳои навро фаро гирифта, ба таҷриба ва малакаҳои аллакай азхудкардааш зам намояд. Ин кашфиёт номи «минтақаи наздиктарини инкишоф»-ро гирифт ва ба илмҳои педагогикаю равоншиносии ҷаҳонӣ ворид гардид.

Ҳар як амале, ки кӯдак аз рӯйи ақл ва қобилият иҷро менамояд, ба инкишофи ӯ мувофиқат мекунад, лекин дар хотир бояд дошт, ки агар малакаҳои нав дар асоси малакаҳои аллакай бадастомада ташаккул ёбанд, пас чунин ташаккулёбӣ манфиати бештаре дорад. Барои тезтар инкишоф ёфтани кӯдак саросема шудан лозим нест, зеро ин амал аксар ба ҷойи ташаккулёбии фаъолияти зеҳнӣ ба вайроншавии кори асаб ва ё “бепарвоии кӯдакона” оварда мерасонад. Таъсири доимӣ расонидан ба минтақаи наздиктарини инкишофи кӯдак боз як хусусияти муҳими дигарро дорад. Муайян кардани минтақаи наздиктарин бе муоширати доимӣ ва ҳамкорӣ бо кӯдак имконнопазир аст.

Омӯзгор бояд бодиққат рафтори шогирдашро мушоҳида кунад, зеро ҳар як кӯдак хусусияти хосси муайян дорад, ки бо такя ба он усули корбариро бо ӯ интихоб намудан мумкин аст.

Яке аз методҳо, ки аз ҷониби омӯзгорон пайваста дар ҳамаи дарсҳо бояд истифода бурда шавад, ин баъд аз гузаронидани ангезиши зеҳн (бо воситаи саволу ҷавоб муайян намудани дониш, малака ва маҳорати заминавии хонандагон оид ба мавзуи нав), оид ба он ки мавзуи имрӯза дар ҳаёти ҳамарӯзаи хонанда дар кадом маврид истифода бурда мешавад, пурра фаҳмонида ва пайваста арзёбӣ карда шавад.

**Ангезиши зеҳн дар раванди дарс**:

Ҳангоми шуруъ намудан ба мавзуи нав омӯзгор мавзуъро дар тахтаи синф навишта аз хонандагон хоҳиш намояд, ки оид ба мавзуъ чи маълумоте доранд ва дар ҳаёти ҳаррӯзаашон дар кадом мавридҳо истифода мебаранд, гӯянд. Яъне, омӯзгорро лозим аст, пайваста ҳангоми гузаштани ҳар мавзуъ дониши заминавии хонандагонро муайян намояд.

**Мисол:**

**Намунаи ангезиши зеҳн дар дарси табиатшиносӣ барои синфи 4, дар мавзуи: «Хок дар табиат».**

Мавзуи нави дарсро аз бедор кардани до-

нишҳои пешинаи хонандагон оғоз кунед. Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода баред:

**– Хок чист?**

**– Таркиби хок аз чӣ иборат аст?**

**– Кадом намудҳои хокро медонед?**

**– Хокро дар куҷо дучор омадан мумкин аст?**

**– Хок дар ҳаёти мо барои чӣ лозим мешавад?**

**– Хок дар ҳаёти инсон чӣ аҳаммият дорад**?

Баъди гирифтани маълумот оид ба дониши заминавии хонандагон омӯзгорро лозим аст, оид ба мақсади омӯзиши ин мавзуъ ва дар ҳаёти инсон чӣ нақш доштани он маълумот дода, вазифаҳои хок дар ҳаёти ҳаррӯзаи онҳоро гуфта, наворҳо ва тасвирҳои мавҷударо намоиш диҳад ва ба хонандагон фаҳмонад, ки дониши имрӯз азхудакардаашон дар мавзуи хок дар ҳаёти онҳо дар кадом мавридҳо татбиқ карда мешавад.

Вазифаи хонагӣ низ дар бораи хок ва вобаста ба маҳалли зист ба хонандагон гуногун дода шавад, то хонандагон онро амалӣ иҷро карда, натиҷаи онро ба дигарон пешниҳод намоянд.

**Намунаи ангезиши зеҳн дар дарси таърихи халқи тоҷик барои синфи 11, дар мавзуи “Ҷанги шаҳрвандӣ: Сулҳ ва ваҳдат дар сарзамини тоҷикон».**

Мавзуи нави дарсро аз бедор кардани донишҳои пешинаи хонандагон оғоз кунед. Бо ин мақсад аз саволҳои зерин истифода баред:

**– Оё оид ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот доред?**

**– Оид ба ҳодисаҳои рухдода падару бобоҳоятон чӣ гуна қиссаҳо кардаанд?**

**– Аз гуфтаҳои падару бобоҳои худ чиро барои худ гирифтед?**

**– Ин ҷанг ба Тоҷикистон чӣ хел зарарҳо овард?**

**– Саҳми кӣ дар барқарор кардани сулҳ дар Тоҷикистон беназир аст**?

Баъди гирифтани маълумот оид ба дониши заминавии хонандагон омӯзгорро лозим аст, вобаста ба ташаккули сохтори бисёрҳизбӣ дар ҷумҳурӣ, риоя накардан ба тартиботи ҷамъиятӣ ва поймол кардани қонунҳо; пош хӯрдани ИҶШС ва фалаҷ гардидани корҳои идеологии Ҳизби Коммунистӣ, паст рафтани сатҳи фарҳанги сиёсии шаҳрвандон, ташкили митинг дар майдонҳо дар зери шиорҳои сиёсии зиддиҳукуматӣ ва дастгирии ақидаҳои ифротӣ, гаравгон гирифтани аъзои Ҳукумат ва Парлумон, ташкили майдони Озодӣ ва дастгирии раиси ҷумҳур ва ҳокимияти конститутсионӣ, зарари расонидаи ҷанг, азоби мардум дар замони ҷанг ва ғайра, маълумот дода, дар ин замина, бедор намудани ҳисси ватандӯстӣ, инсондӯстӣ, арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ ва хизмат ба Ватанро дар руҳияи хонандагон бедор намояд (наворҳои замони ҷанг ва ҳозираро дастрас намуда, фарқияти замонаро намоиш диҳад).

Ба хонандагон фаҳмонад, ки дониши имрӯз азхудкардаашон дар ин мавзуъ дар ҳаёти ҳаррӯзаи онҳо дар кадом мавридҳо татбиқ карда мешавад (мисол: эҳтироми волидайну омӯзгор, нигоҳ доштани анъанаҳои миллӣ, фарҳанг, муқаддасот, фаъолияти бовиҷдонона дар соҳаҳо, риояи қонунҳо, ташвиқи сохти демократӣ, шукрона аз доштани чунин ватани ободу зебо ва соҳибистиқлол ва ғайра). Вазифаи хонагӣ низ вобаста ба мавзуъ ва маҳалли зист ба хонандагон гуногун дода шавад, то онро амалӣ (ободии маҳал, Ватан, навиштани мақола оид ба ташвиқи дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол, НОБ Роғун, Душанбе-шаҳри сулҳ ва амсоли инҳо) иҷро карда, натиҷаашро ба дигарон пешниҳод намоянд.

Ин метод на танҳо дар фанҳои табиатшиносӣ, таърихи халқи тоҷик, балки дар ҳамаи мавзуъҳои фанҳои таълимӣ ва синфҳо ҳар рӯз бояд ба роҳ монда шавад.

**Тавсия ба омӯзгорони ҷавон:**

Агар омӯзгорон дар раванди дарс оид ба дониши гирифтаи хонандагон ва дар кадом маврид дар ҳаёти ҳаррӯза истифода бурдани онро фаҳмонанд, натиҷааш он мешавад, ки хонандагон бо истифода аз дониш, малака ва маҳорати худ ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ ва ба мушкилот дучор шудан, метавонанд ба осонӣ аз иҷрои он бароянд.

Методи мазкур омӯзгоронро ба он водор мекунад, ки бештар худомӯзӣ намуда, оид ба мавзуи ҳаррӯза бо омодагӣ вориди дарс шаванд.

**Шоҳсафар АКОБИРОВ,**
**дотсенти кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ, ходими калони илмии озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии “Такмили маҳорати педагогӣ”-и ДҶТИБКСМ**



# НАҚШИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОГРАФИЯ

Корҳои беруназсинфӣ як бахши муҳим дар таълимоти география маҳсуб шуда, ҳанӯз дар ибтидои асри 17 педагоги машҳури чех Ян Амос Каменский гуфта буд: «Алфа ва омегаи мактабро ҷустуҷӯ ва кашфи усулҳое бояд ташкил диҳанд, ки омӯзгорон камтар ёд диҳанд, хонандагон бештар ёд гиранд». Ин назария далолат аз он мекунад, ки муваффақияти таълим на танҳо аз интихоби методу усулҳои таълим, инчунин, аз ташкилу баргузории корҳои беруназсинфӣ низ вобаста аст.

Зимни раванди кӯтоҳи дарс дар муҳити синфхона ба хонандагон маълумоти фаровон ва амиқи географӣ додан ва тарбияи хонандагон дар руҳияи эҷодкорӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, муҳаббат ба табиат ва монанди инҳо, ғайриимкон аст. Ин мақсадҳо дар раванди гузаронидани корҳои беруназсинфӣ бо нишон додани назокатҳои табиӣ, хусусиятҳои географӣ ва вежагиҳои биологӣ ҳалли худро меёбанд.

Корҳои беруназсинфӣ қисми муҳимми раванди таълиму тарбия дар мактаб буда, дар тарбия ва рушди шавқу ҳавасҳои гуногуни хонандагон накши калидӣ мебозанд. Дарс, дорои маҳдудиятҳои муайяни вакт аст, ки дар доираи барномаи мактабӣ, ба азхудкунии ҳаҷми мушаххаси донишҳои географӣ ва ба даст овардани малака ва маҳоратҳои зарурӣ нигаронида шудааст ва аз ин рӯ, пурра наметавонад эҳтиёҷеро, ки дар хонандагон нисбат ба ин фан ташаккул ёфтааст, қонеъ гардонад. Барои хонандагоне, ки ба омӯзиши география шавқ доранд, ташкили корҳои беруназсинфӣ имкон медиҳад, ки фанро бо пуррагӣ дарк намуда, қобилияти маърифатӣ ва эҷодии худро такмил диҳанд ва дар муайян кардани самти рушди касби ояндаи худ саҳл накунанд.

Корҳои беруназсинфӣ ба ташаккули ташаббускорӣ, эҷодкорӣ, қобилиятнокӣ, худташаккулёбӣ, худтарбиянамоӣ ва худомӯзӣ имкон дода, ҳамзамон, дар васеъ ва амиқ намудани дониш, малака, маҳорат, қобилияти шавқу завқи маърифатӣ ва ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ роҳнамоӣ намудани хонандагон мусоидат мекунанд. Дар энсиклопедияи педагогӣ “Корҳои беруназсинфӣ-ҳамчун қисми таркибии раванди таълим дар мактаб, яке аз шаклҳои ташкили сарфакорона ва бомуваффақияти вақти холии хонандагон” муайян карда шудааст.

Даринский А.В. корҳои беруназсинфиро ҳамчун рушди мустақилият ва фаъолияте, ки ба баландбардории сатҳи маърифатӣ, рушди қобилият, васеъ намудани ҷаҳонбинӣ ва амиқ гардонидани дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон мусоидат мекунад, муайян карда аст.

Аксари муҳаққиқони соҳа чунин мешуморанд, ки корҳои беруназсинфӣ раванди таълимест, ки берун аз нақшаи таълимӣ ва барномаи ҳатмӣ аз ҷониби коллективи омӯзгорону хонандагон ба шакли ихтиёрӣ ва ҳатман бо дарназардошти манфиатҳои ҳамагон амалӣ гардида, иштирокдорони он ҷузъи ҷудонашавандаи раванди таълим мебошанд, ки дар рафти он дониши хонандагонро амиқтар кар-

дан мумкин аст.

География ҳамчун фанни таълимӣ барои гузаронидани корҳои беруназсинфӣ имконияти зиёд дорад, зеро мундариҷаи он бо муҳити табиӣ, фаъолияти хоҷагии одамон, воқеаҳои гузашта ва муосири ватану ҷаҳон алоқаманд мебошад. Хонандагон ба ошкор намудани проблемаҳои гуногуни географӣ мароқ зоҳир мекунанд, аммо бо сабаби нокифоягии вақт дар дарс онҳо имкон намеёбанд, ки дар ин самт маълумоти кофӣ дарёфт намоянд. Қонеъ гардонидани талаботи хонандагон, кумак намудани онҳо дар дарки ҳодиса ва боигариҳои табиат, соҳаҳои хоҷагӣ, ҳаёти пурпечутоби аҳолии ватани худ ва сайёра – яке аз вазифаҳои муҳимтарини корҳои беруназсинфӣ аз география мебошад.

Мақсади асосии кори беруназсинфии география фароҳам овардани шароит барои ҳар як хонанда дар муҳити табиӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки дар он рафтор кардан, омода будан ба таҳсили муттасил ва то ҳадди аксар нишон додани қобилияти хонандагон мушаххас мегардад. Ғайр аз ин, кори беруназсинфӣ бояд ба ташкили фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ – меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ марбут бошад, ки ба хонанда имкон диҳад то донишу малакаҳои дар синф андӯхтаашро дар амал истифода барад ва дар оянда дар мутобиқ шудан ба муҳити ҷамъиятӣ имкон пайдо кунад.

Барои хонандагоне, ки ба омӯзиши география шавқ доранд, ташкили корҳои беруназсинфӣ имкониятест, ки ин фанро бо пуррагӣ дарк намуда, қобилияти маърифатӣ ва эҷодии худро рушд диҳанд.

Омӯзгор дар раванди машғулиятҳои беруназсинфӣ метавонад аз маводи илова истифода бурда, ба ташаккули тасаввуроти нав оид ба ҳодиса ва равандҳои географӣ мусоидат намуда, истилоҳу мафҳумҳои нави географиро ба хонандагон омӯзонад.

Аз ин рӯ, корҳои беруназсинфӣ аз география яке аз шартҳои зарурии тарбияи бомуваффақияти шахси ватандӯст ва шаҳрванди масъулиятшиносу ҳақиқӣ мебошад.

Барои амалӣ намудани ин фаъолият зарур аст, ки заминаи моддии таълим (кабинети география, осорхонаи кишваршиносӣ, майдончаи географӣ, пайроҳаи экологӣ ва ғайра) мустаҳкам карда шавад.

Вазифаҳои асосии ташкил намудани корҳои беруназсинфӣ аз география чунинанд:

• *бедор кардани шавқу ҳаваси хонандагон нисбат ба ин фан;*

• *амиқ ва васеъ намудани мазмуну мундариҷаи фанни омӯхташаванда;*

• *алоқаманд намудани география бо ҳаёт;*

• *ташаккул додани қобилияти фардии хонанда;*

• *рушди маҳорати эҷодӣ, ташаббус ва ҳавасмандии хонандагон;*

• *такмил додани малакаҳои истифодаи сарчашмаҳои маълумоти география.*

Дар машғулиятҳои беруназсинфӣ хонанда дар интихоби машғулият, маҳфил ва саёҳатҳои кӯҳию саҳроӣ ихтиёр дорад. Тамоми корҳои беруназсинфӣ бояд ба васеъ ва амиқ гардидани донишу маҳорати хонандагон, рушди қобилият, шавқу ҳаваси маърифатӣ, майл ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ташкили фаъолияти ҷамъиятии онҳо дар доираи кишвари худ нигаронида шаванд. Фарқи дигараш аз корҳои таълимӣ дар он аст, ки ҷойи гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ на танҳо кабинети география, балки майдончаи географӣ, пайроҳаи экологӣ, табиати атроф, осорхона, озмоишгоҳ, корхона ва ғайра мебошанд.

Корҳои беруназсинфӣ аз ҷиҳати мақсад, мазмун, шакли ташкил ва хусусиятҳои методӣ аз дарси синфӣ фарқ мекунанд. Мақсади таълимии корҳои беруназсинфӣ аз география, васеъ намудан ҷаҳонбинии географӣ ва амиқ намудани дониши хонандагон оид ба илми география, такмили маълумотҳои географӣ ва малакаҳои махсуси географии хонандагон мебошад. Ин мақсадҳо тавассути барномаҳои таълимии беруназсинфӣ, ворид намудани проблемаҳои географии берун аз барномаҳои таълимӣ ва ба таври васеъ истифода намудани маводи барномавӣ амалӣ шуда метавонанд.

Мазмуни корҳои беруназсинфии хонандагон якчанд самтро дар бар мегиранд:

- илмӣ-таълимӣ – мавзуъҳое, ки таваҷҷуҳи хонандагонро ба худ ҷалб намуда,

онҳоро дар роҳи фаъолияти илмӣ намудан водор месозанд;

- *таърихӣ-географӣ – масъалаи башардӯстии географияро кушода мекунад;*
- *экологӣ – дониши хонандагонро оид ба таъсири мутақобилаи табиат ва ҷамъият амиқ намуда, барои фаҳмидани мушкилоти “Инсон ва муҳити зист” кумак расонида, ба масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ ва эстетикӣ мусоидат менамояд;*
- *иқтисодӣ – дониши хонандагонро дар бораи фаъолияти хоҷагии инсон васеъ намуда, ба тарбияи иқтсодии онҳо мусоидат мекунад;*
- *эстетикӣ – хонандагонро дар руҳияи муносибати ғамхорона ба табиат, аз манзараҳои табиат маншаъ гирифтан, қаноатманд будан аз меҳнати ободкоронаро меомӯзонад;*
- *сайёҳӣ-кишваршиносӣ – меҳру муҳаббат ба табиат ва ватанро дар хонандагон тарбия мекунад;*
- *минтақашиносӣ – ба ҳамгироии донишҳои табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-географӣ мусоидат мекунад.*

Ҳангоми интихоби шаклҳои кори беруназсинфӣ синну сол, шавқу ҳавас, сатҳи омодагӣ, мавҷудияти вақти холӣ, имкони воқеии молиявии хонандагон, вазъи муассисаи таълимӣ, захираҳои моддии кабинети география ва ғайра ба инобат гирифта мешавад.

Ба шаклҳои оммавии корҳои беруназсинфӣ – ҳафтаи география, олимпиадаҳои географӣ, воҳӯриҳо ва ғайра дохил мешаванд. Шаклҳои гурӯҳии кори беруназсинфӣ бошад - экскурсия, роҳпаймоиро (поход) дар бар мегирад. Навиштани реферат, рӯнамоӣ (презентатсия) ва муаррифӣ ба шаклҳои корҳои инфиродии беруназсинфӣ мансубанд.

Яке аз шаклҳои маъмули корҳои беруназсинфӣ шабнишиниҳои географӣ мебошад, ки мавзуъҳои гуногун, аз ҷумла, “Таркиби моллии аҳолии Тоҷикистон”, “Маскуншавии шаҳрӣ ва омилҳои пайдошавии шаҳрҳои Тоҷикистон” ва ғайраро дар бар мегирад.

Гузаронидани ҳафтаи география якчанд чорабинӣ, ба монанди шабнишинӣ, конференсия, озмуни газетаҳои деворӣ, реферат ва ғайраро муттаҳид мекунад. Хусусияти муҳимми ҳафтаи география ҳамчун кори беруназсинфӣ дар он аст, ки дар он корҳои инфиродӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ оид ба фан гузаронида мешавад. Мақсади асосии гузаронидани ҳафтаи география, ин ташаккулёбии таваҷҷуҳи хонандагон ба география, тамоюл ба ихтисоси география, бедор кардани меҳру муҳаббати хонандагон ба Ватан (кишвар) мебошад.

Кори беруназсинфиро аз география бе нашри газетаҳои деворӣ тасаввур кардан мушкил аст. Газетаҳои деворӣ аз ҷиҳати мазмун, мақсад ва таҳрезӣ фарқ мекунанд. Пас аз экскурсияҳо, саёҳату озмунҳо суратгузоришҳо таҳия карда мешаванд. Газетаҳои деворӣ ба мавзуи муайян бахшида шуда, хонандагон мақола, гузориш ва аксу тасвирҳоро вобаста ба мавзуи мавриди назар интихоб намуда, таҳия мекунанд.

Ғайр аз газетаҳои деворӣ ба нашрияҳои географии мактабӣ маҷалла, албом, рӯзнома ва плакатҳо дохил мешаванд. Таҳияи нашрияҳои гуногуни географӣ аҳаммияти бузург доранд ва ба расмият даровардани натиҷа, бовар кунонидани хонандагон оид ба фоиданок будани натиҷаи кор ва фаъолияти онҳо шавқу завқи эшонро ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пурзӯр менамояд.

Яке аз муҳимтарин ва дӯстдоштатарин корҳои беруназсинфӣ барои хонандагон викторинаҳои географӣ мебошанд. Викторина як шакли универсалии кори беруназсинфӣ буда, шумораи зиёди иштирокдоронро фаро мегирад, ки ин дар рушд ва ташаккули донишҳои географии хонандагон таъсири зиёд мерасонад.

Дигар шакли кори беруназсинфӣ, ки ба рушди шавқи хонандагон ба география мусоидат мекунад, олимпиадаҳои географӣ мебошад. Олимпиадаи географии мактабӣ як навъ мусобиқаи оммавӣ буда, ҳадаф аз он ҷалби бештари хонандагон ба корҳои беруназсинфӣ ва пайдо намудани шавқу рағбат ба донишҳои географӣ, рушди мустақилият ва такмили маҳорати умумитаълимӣ ва географии хонандагон аст. Ҳамзамон, имконият медиҳад, ки донишҳои географиро амиқтар омӯзанд ва за-

рурати омӯзиши ин фанро барои ҳаёт донанд.

Шакли дигари кори берунасинфӣ дар таълими география экскурсия мебошад. Ҳангоми экскурсия ба табиат ва иншооти маърифатию истеҳсолӣ оид ба таъсири мутақобилаи ҷамъият ва табиат намунаҳои мушаххаси объектҳо омӯхта мешаванд, ки ин ба таълими география, экология ва таърих самара мебахшад. Ҳангоми экскурсия хонандагон бо касбу кори гуногун шинос мешаванд, ашё ва ҳодисаҳоро дар табиат, истеҳсолот, намоишгоҳ ва осорхонаҳо меомӯзанд, завқу ҳаваси онҳо ба география зиёд мешавад.

Ҳангоми экскурсия ва саёҳат хонандагон он чизеро, ки дар синф аз омӯзгор ва китоби дарсӣ андӯхтаанд, дар асл мебинанд. Ин навъи фаъолияти таълимиро муҳаққиқи соҳа Н. К. Семакин маҷмуи донишҳои назариявӣ ва амалӣ номидааст. Чунин фаъолиятҳои берунасинфӣ имкон медиҳанд, ки фаҳмиши хонандагон оид ба ҳудуди географӣ, рушди тафаккури экологӣ ва дарки табиат васеъ гардад, ки ин донишҳо аз талаботи замони муосир мебошанд.

Экскурсияҳои комплексӣ ва корҳои таҷрибавӣ, ки дар ҳақиқат, шаклҳои бо ҳам алоқаманди корҳои берунасинфӣ мебошанд, дар таълими география ва рушду такомули хонандагон нақши бориз доранд.

Ҳангоми гузаронидани экскурсия ва корҳои таҷрибавӣ донишҳои назариявии андӯхта дар амал ба таври васеъ истифода бурда мешаванд ва ҳамзамон, хонандагон бо маводи картографӣ амалан кор мекунанд.

Ҳангоми гузаронидани корҳои берунасинфӣ аз география дар хонандагон:

*- сифати дониш ва малакаҳои географии хонандагон баланд мегардад;*

*- завқи эҳсосотӣ ва фаросатии хонандагон ташаккул меёбад;*

*- таваҷҷуҳ ба машғулиятҳои синфӣ ва берунасинфӣ, ба мутолиаи адабиёти иловагӣ, иштироки фаъолона дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ва ғайра бештар мегардад;*

*- мустақилияти хонанда ҳангоми дарс ва иҷрои вазифаҳои хонагӣ баланд мешавад;*

*- дониши хонандагон аз дигар фанҳо беҳтар мегардад;*

*- малакаҳои кор бо манбаъҳои гуногуни маълумот рушд меёбад;*

*- сатҳи маърифатмандии хонандагон рушд мекунад.*

Нишондиҳандаҳои самаранокии корҳои берунасинфӣ тағйирёбии мусбати рафтор, дониш, малака ва муносибати хонандагон мебошад.

Хусусияти георафия ҳамчун фанни таълимӣ дар он аст, ки хонандагон маҳз бо ёрии ин фан оламро пурра дарк карда, зарурати донистани қонуниятҳои географӣ ва эҳтиром ба табиатро мефаҳманд.

Аз ин рӯ, корҳои берунасинфӣ бояд на ба хотири санҷидани сатҳи дониши хонандагон, балки барои васеъ намудани доираи ҷаҳонбинӣ ва мустақилона кор кардани онҳо ташкил карда шаванд. Корҳои берунасинфӣ аз география дар баробари дониши хонандагон, чолокӣ ва қобилияти ақлии онҳоро ташаккул медиҳад ва мушоҳидакориро ба онҳо меомӯзонад. Ин дарсҳо имкон медиҳанд, ки ҳамгироиро бо фанҳои таърих, биология, физика, адабиёт ва ғайра мустаҳкам намоем.

Табиист, ки ҳар як омӯзгор дар рафти кор ба саволҳои мушкиле рӯбарӯ мешавад. Чӣ тавр шавқи хонандагонро ба омӯзиши география зиёд кардан мумкин аст? Хонандаро чӣ гуна ба худомӯзӣ ва худтакмилдиҳии мустақил роҳнамоӣ кард? Чӣ гуна хоҳиши хонандаро барои мустақилона фаҳмидани моҳият ва зуҳуроти табиат ва эҳсос намудани ҳодисаҳои табиӣ тарбия кард? ва монанди инҳо. Ҳамаи ин саволҳое мебошанд, ки барои тарбияи дурусти хонанда ва ташаккули донишҳои соҳавии онҳо, аз ҷумла, фанни география равона мешаванд.

Ҳарчанд бо ибтикори ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои милллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати тақвият бахшидан ба раванди омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, ташаккули тафаккури техникии наврасону ҷавонон, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо намудан ба техникаву технология, та-

шаккули ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвасти илм бо истеҳсолот ва ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ чорабиниҳои зиёде роҳандозӣ карда мешаванд, вале ҳоло ҳам ба корҳои беруназсинфӣ, ба истиснои баъзе муассисаҳо таваҷҷуҳи кам зоҳир мегардад.

Гарчанде дар барномаҳои таълимӣ соатҳо барои корҳои беруназсинфӣ, хусусан, саёҳатҳо ба нақша гирифта шуда бошанд ҳам, аммо иҷрои онҳо дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ намешаванд. Аз ин рӯ, масъулини муассисаҳои таълимӣ, роҳбарони синфҳо ва омӯзгорони фанниро мебояд, ки дарсҳои беруназсинфиро саривақт ва бидуни истиҳола баргузор намоянд. Зеро як дарси беруназсинфӣ барои хонанда ҷаҳони васеи маънавию табиирo дар самти таълими худ боз месозад.

**Адабиёт**

1. Даринский, А.В. Методика преподавания географии. Учеб. пособие для студентов географ. специальн. Педагогических ин-тов. – Москва: Просвещение, 1975. – 368 с.

2. З. З. Мирзобоев. Ташкили фаъолияти беруназсинфии донишҷӯён аз фанни нақшакашӣ. https://cyberleninka.ru

3. Макарцева, Л.В. Внеклассная работа по экономической и социальной географии России– Саратов: Лицей, 2001.– 208 с.

4. Маҳмадаминов М. Н. Корҳои беруназсинфӣ аз фанни химия. https://vk.com/@donishgohiomuzgori

5. Муҳиддинов Р., Самиев А., Содиқов Ш. Методикаи таълими география – Душанбе, 2021/ -305с.

6. Коменский Я. А. Избранные педагогические сочинения. Москва, 1982 г.

# “САБЗТАРИН” МАКТАБ ДАР ҶАҲОН

Тибқи маълумоти Шурои сохтмони экологии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (U.S.A Green Building Council) унвони «Сабзтарин мактаби ҷаҳон»-ро Мактаби экологии Данбартон аз Онтариои Канада гирифтааст. Муассисаи таълимӣ ҳам барои либоси ягонааш, ҳам барои навсозии панҷсола ва ҳам барои мундариҷаи барномаи таълимӣ бо ҷоизаи олӣ сарфароз гардидааст.

Мактаббачагон ҳам дар раванди корҳо иштирок мекунанд ва ҳамзамон, ташаббускору роҳбари лоиҳаҳои эҷодӣ мебошанд. Хонандагон бо заҳмати шабонарӯзии худ бинои кӯҳнаеро, ки соли 1960 сохта шуда буд, «сабз» карда, онро ба макони тамошобобу дилкаш табдил доданд. Ин ҷо ҳатто нуқтаи дӯстдоштаи сайёҳон гаштааст.

Онҳо дар мактаб тирезаҳои чӯбӣ ва системаи гармдиҳии обиву офтобиро насб кардаанд. Инчунин, дар муассисаи таълимӣ барномаи коркарди партовҳои органикӣ низ аз тарафи хонандагон роҳандозӣ шудааст.

Мактаби Данбартон барои гардолудкунии растаниҳо (опыления растений) боғи махсус дорад, ки шабпараку занбӯрҳоро ба худ ҷалб мекунад. Барои онҳо дар боғ “хонаҳои махсус” бунёд шудаанд. Ин мактаби экологӣ дар Барномаи атлантикӣ оид ба эҳё ва ҳифзи озодмоҳӣ (лосос) иштирок мекунад.

## ТОЗАТАРИН МАКОНИ ИЛМУ МАЪРИФАТ

Таҷҳизоти барқии офтобӣ, турбинаҳои бодӣ, бомҳои сабз ва равшандиҳандаи “LED” - ҳамаи ин чизҳои сохташудаи экологӣ ифтихори мактаби Синг Ин дар Ҳонконг мебошад. Ин мактаб аз ҷониби Шурои машваратчиёни амрикоӣ оид ба сохтмони экологӣ «Сабзтарин мактаби сайёра» эътироф гардидааст.

Ҷолиб аст, ки ин ҳама бо маблағи хеле кам сохта шудааст. Мактаби мазкур буҷаи кам дошта, бештари фанноовариҳои муосир бо дасти омӯзгорон ва хонандагони ҳамин муассисаи таълимӣ ҳангоми машғулиятҳои беруназсинфӣ омода карда шудаанд.

***Тарҷумаи Ҳасан Азизов,***
***“Маърифати омӯзгор”***

**Марҳабо ҲАКИМОВА,**
**Сулаймони ҲАКИМЗОД,**
**омӯзгорони факултаҳои табиӣ – риёзӣ, педагогика ва психологияи Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**

# ТАБИАТРО БОЯД ДӮСТ БИДОРЕМУ ҲИФЗ НАМОЕМ

Табиат ва набототу растаниҳо бахши асосии ҳаёти инсониро дар рӯйи замин ташкил намуда, нафаси тозаи инсон аз ин рустаниҳо вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ, ҳифзу нигоҳдошт ва парваришу хуррамгардонии табиати кишвар яке аз шартҳои асосии ҳаёти ҳарӯзаи мо буда, он на фақат бар зиммаи мутахассисон, балки вазифаи муқаддаси кулли сокинони кишвар, аз ҷумла, наврасону ҷавонон низ мебошад.

Тавре медонем, қисми зиёди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Роҳандозӣ намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва гузаронидани дарсҳо дар мактабҳо доир ба ҳифзи табиат яке аз асоситарин василаи тарбияи насли ҷавон дар руҳияи ҳифзи муҳити зист ба шумор меравад. Корҳои табиатдӯстию муҳофизати табиатро дар мактаб на танҳо ҳангоми дарс ба таври назариявӣ гузаронидан лозим аст, балки дар фаъолияти берунасинфии хонандагон низ роҳандозӣ намудани ин масъала яке аз усулҳои муфиду муассир мебошад.

Азбаски табиат соҳиби арзиши тарбиявӣ ва эстетикӣ мебошад, ақидаҳои муҳофизати он дар фолклори халқҳо, адабиёти халқӣ, дар асарҳои илмию оммавӣ ба шакли васеъ инъикос ёфта, дар китобҳои дарсии забони модарӣ, хониш ва адабиёт низ дарҷ гардидааст.

Яке аз шартҳои муҳофизати табиат ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ тарбия намудани мактаббачагон дар руҳияи ғамхорӣ нисбат ба табиат ва сарватҳои табиӣ мебошад.

Барои дар амал татбиқ намудани ин андешаҳо дар самти муҳофизати табиат ба хонандагон фаҳмонидани чунин масъалаҳо зарур аст:



**1. Аҳаммияти робитаи ҳамаҷониба байни табиат ва инсон.**

**2. Аҳаммияти маҷмуи ашёи табиӣ.**

**3. Аҳаммияти корҳои оммавию тарғиботӣ оид ба ҳифзи табиат.**

Муҳимтарин шарте, ки муҳофизати табиатро таъмин менамояд, ин оқилона, эҳтиёткорона ва ғамхорона муносибат кардан ба табиат аст. Чунин шакли муносибатро бо табиат ба хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ фаҳмонидан зарур аст. Шарти муҳим ин аст, ки хонандагон дар руҳияи дӯст доштани табиат ва сарфакорона, эҳтиёткорона ва оқилона истифода бурдани боигариҳои табиат тарбия карда шаванд.

Толибилмон бояд фаҳманд, ки табиат макони ягонаест, ки аз қисмҳои ба ҳам алоқаманд, аз ҷумла, об, ҳаво, хок, наботот, ҳайвонот, маъдан ва ғайра иборат аст. Бинобар ин, таиийри яке аз онҳо боиси тағйир ёфтани қисми дигаре мегардад. Табиатро дӯст доштан онро донистан аст. Танҳо дониши сатҳию рӯякӣ барои дӯст доштани табиат кофӣ нест. Аслан, табиатро на танҳо бо чашми сар, балки бо чашми қалб ва бо нигоҳи хирад бояд назар намуд. Он вақт табиат ба инсон ҳаловати руҳию равонӣ ва ҳиссиёти эҷодӣ медиҳад, ҳамон тавре ки ба ҳар як нависандаю рассом ва шоиру олими табиатшинос дарки ин эҳсос муяссар гардидааст. Барои ин ҳар як талабаву донишомӯз бояд бо корҳои амалӣ дӯстдори табиат будани худро нишон диҳад.

Оид ба муҳофизати табиат бояд дар мактабу донишгоҳҳо маҳфилҳои табиатшиносони ҷавон ташкил карда, инчунин, тариқи оинаи нилгун барномаҳои ҷолибу диданӣ оид ба табиатшиносию табиатдӯстӣ бештар намоиш дода шавад ва ҷавононро ба ин гуна барномаҳо бештар ҷалб бояд намуд. Хонандагон дар маҳфилҳо иштирок карда, қонунҳои соҳавӣ ва қонунмандиҳои табиатро దониста, зебоӣ ва рангорангии табиатро дарк менамоянд. Инчунин, хонандагон ботинан ва зеҳнан мефаҳманд, ки инсон маҳсули табиат аст.

Бояд қайд намуд, ки меҳр нисбат ба табиат дар замири кӯдакон нахуст дар оила, сипас дар боғчаю мактаб ва муҳити атроф парварда мешавад. Дар марҳилаи баъдӣ – ҷавонӣ, онҳо бо дарназардошти шинохти дуруст аз табиати гирду атроф ба рушду нумуи он ва ҳифзи сарватҳои табиӣ аз рӯйи шинохту донишҳои доштаашон машғул мешаванд. Дар бисёр ҳолат зумрае аз калонсолон суол мегузоранд, ки “чаро дар аксаре аз давлатҳо кӯдакону наврасон дар ҷангалу боғҳо лона сохта, нисбат ба паррандагон ғамхорӣ мекунанду дар дигар кишварҳо наврасону ҷавонон дар даст камонғулак гирифта, ба нест намудани паррандагони нодир машғул мешаванд”. Ҳамон тавре ки дар боло зикр намудем, тарзи муносибат ба табиат аз хонаю боғча, мактабу донишгоҳ ва муҳити зиндагӣ дар тиннати инсон парвариш меёбад. Афсӯс, ки аксари устодону омӯзгорон ҳангоми дарс аз қисматҳои дарсҳои кушоду дарсҳои беруназсинфӣ ва саёҳат ба табиат (экскурсия) истифодаи васеъ намебаранд. Бинобар ин, дарсҳои назариявӣ ба қалби хонанда таъсири мусбат намерасонад ва онҳо, ҳатто, баъди хатми мактаб ҳам ба шикори бераҳмонаи ҳайвоноту паррандагон ва дигар объектҳои табиат даст мезананд, ки боиси нест шудан ё дар арафаи нестӣ қарор ёфтани ин ё он намуди набототу ҳайвонот мегардад.

Ба шарофати Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон фурсате фароҳам омад, ки аҳаммияти китобҳои дарсии табиатшиносӣ аз ҷониби олимони кишвар бо забони тоҷикӣ фаҳмою равшан ва бо аксҳои рангаю ҷадвалҳо дар шакли муосир таҳия ва нашр карда шаванд. Ҳамин тавр, аз ҷониби олимони табиатшинос китобҳои дарсӣ барои синфҳои 1-4 табиатшиносӣ, 5-6 – ботаника, 7-8 – зоология, 9 – биологияи одам (анатомия), 10-11 – биологияи умумӣ аз нашри нав баромадааст, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошанд.

Устодону омӯзгоронро мебояд, ки ҷавобан ба ин шароити созгор ва ғамхориҳои доимӣ дарсҳоро хубу ҳадафнок роҳандозӣ намуда, дар руҳияи табиатдӯстию ватанпарварӣ ва хештаншиносӣ тарбия кардани насли наврас саҳми арзанда гузоранд.

**Д. К. ГУЛМОЧОЕВ,**
**ходими калони илмии**
**Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи**
**Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

# ОБ – МУЪҶИЗАИ БЕҲАМТОИ ТАБИАТ

Афзоиши шумораи аҳолии сайёра, раванди барзиёди шаҳришавӣ, рушди саноатикунонии иқтисодёт ва афзоиши ҳаҷми талабот ба энергия ва озуқаворӣ фишороварӣро ба захираҳои табиӣ, аз ҷумла, ба захираҳои обӣ дучанд намудааст.

Ҳарчанд аз лиҳози маънавӣ медонем, ки об манбаи ҳаёт аст, аммо аз лиҳози илмӣ об барои инсон вазифаҳои муҳимро иҷро менамояд: истеҳсоли озуқаворӣ, истеҳсоли энергия ва маҳсулоти саноатӣ, истеъмоли об дар рӯзгор ва қонеъгардонии эҳтиёҷоти санитарӣ-гигиенӣ. Дар ҳақиқат, чунин аст, зеро об ба тамоми масоили ҳаёти инсонӣ марбут буда, зиндагии инсонӣ бо он пайванди ногусастанӣ дорад.

Дар муколамаву гуфторҳо, вақте "кураи Замин" мегӯем, бештар муҳити хушкиро дар назар дорем. Вале агар ба харитаи табиии ҷаҳон нигарем, мушоҳида менамоем, ки майдони хушкӣ хеле кам буда, он танҳо 29 фоизи кураи заминро ташкил медиҳад. Қисми зиёди обҳои сайёраро уқёнусҳо ташкил кардаанд.

Доир ба пайдоиши об ақидаҳо бисёранд. Яке аз ин ақидаҳо чунин аст, ки чор миллиард сол пеш дар рӯйи замин оташфишонии шадиди вулқонҳо буд. Аз тануараи вулқонҳо ҳамроҳи лава буғи об ба берун мебаромад. Ҳаво, ки гарм буд, он дар шакли буғ меистод. Миллионҳо сол баъд ҳаво хунук шуду буғҳои вулқонӣ ба зарачаҳои об табдил ёфта, абрҳо пайдо шуданд. Онҳо ба ҳам зич шуда, қатраҳои обро ташкил доданд ва бороні аввалин борид. Ҳамин тавр, рӯзҳову моҳҳо борон борида, рӯйи замин пур аз об шуду уқёнусҳо ба вуҷуд омаданд. Имрӯзҳо уқёнусҳо 70,8 фоизи кураи заминро ташкил медиҳанд. Онҳо манбаи асосии гардиши об дар табиат буда, то андозае ҳарорати заминро нигоҳ медоранд. Баҳрҳо, кӯлу дарёҳо, ботлоқзорҳо, пиряххо ва обҳои зеризаминӣ низ дорои захираи калони обӣ буда, дар якҷоягӣ як қабати томро бо номи «гидросфера» ташкил мекунанд.

Захираи умумии обҳои зеризаминӣ, пиряхҳо, кӯлҳо ва ботлоқҳо 3,5% захираи умумии оби ҷаҳониро ташкил мекунанд. Ҳаҷми умумии обҳои сатҳи хушкӣ бо якҷоягии пиряхҳо 25 млн. км кубиро ташкил мекунад, ки аз ҳаҷми обҳои уқёнуси ҷаҳонӣ 55 маротиба кам аст. Агар ҳиссаи обҳои хушкиро бо фоиз ҳисоб кунем аз он: пиряхҳо - 49 фоиз, обҳои зеризаминӣ - 47 фоиз, дарёҳо - 1 фоиз, кӯлҳо-1 фоиз ва ботлоқҳо - 1 фоизро ташкил медиҳанд.

Майдони яхбандии ҳозира (пиряхҳо) 16 млн. км$^2$ буда, 11 фоизи майдони хушкиро дар бар мегиранд. Обҳои зеризаминӣ дар байни қабати ғафси ҷинсҳои кӯҳӣ ва қабати болоии қишри замин дар ҳолати моеъ, сахт ва буғ ҷойгир шуда, захираи он ба 60 млн. км$^3$ мерасад. Дар кураи замин дарёҳо хеле зиёданд. Шумораи дарёҳо ба 2,8 млн расида, дарозии умумии онҳо ба 12,4 млн. км баробар аст. Ботлоқҳо низ ба обҳои сатҳи хушкӣ мансуб буда, 350-400 миллион сол пеш ба вуҷуд омадаанд. Дар дохили ботлоқҳо 11,5 ҳазор км$^3$ об ҷойгир аст. Ба ғайр аз ин, дар кураи замин обҳо дар шакли сахт-яхбандии бисёрсола мавҷуд аст, ки 25 фоизи майдони хушкиро ташкил мекунад.

Барои пажуҳишгарон маълум шудааст, ки дар кураи замин обҳои зиёде дар ҳолатҳои гуногун (сахт, моеъ, буғ) мавҷуданд, вале барои одамони зиёд оби нӯшидании тоза дастрас нест. Аз нарасидани оби ошомиданӣ қисми зиёди одамони сайёра азият мекашанд. Аз ҷумла, дар кишварҳои африқоӣ ин вазъият фоҷиавӣ буда, инсонҳо аз норасоии обҳои ошомиданӣ аз кӯлҳои гандидаву нопок об ҷамъоварӣ намуда, менӯшанд, ки боиси зиёд шудани бемориҳои даруниву сироятӣ мегардад.

Бо дарназардошти ҳамаи ин мушкилоти

умумисайёравӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳодҳо дар соҳаи об барои ҷаҳониён манзур шудааст, ки аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар давраҳои гуногун қабул шудаанд, аз ҷумла, «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт, 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028». Дар соли 2022 аз ҷониби Маҷмаи Умумии СММ соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо ва Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо қабул гардид, ки ин иқдом ҳам аз пешниҳодҳои наҷиби Пешвои муаззами миллат мебошад.

Тавре коршиносон мегӯянд, дар сайёра захираи обӣ зиёд бошад ҳам, оби нӯшиданӣ танҳо 2,5 дарсади ҳаҷми оби гидросфераро ташкил медиҳад. Дар қитъаи Африқо танҳо 10 фоизи аҳолӣ бо оби нӯшокии доимӣ таъмин аст. Талабот сол то сол дар сайёра бо оби нӯшиданӣ зиёд мешавад. Агар дар замонҳои қадим истифодаи об барои як кас дар як шабонарӯз ба 12-18 литр рост меомад, дар асри XIX ин нишондиҳанда ба 40-80 литр расид. Ҳоло бошад як шаҳрванди Ню-Йорк шабонарӯз 1000 литр, шаҳрванди Париж 500 литр об сарф мекунад. Олимон муқаррар намудаанд, ки барои тандурустии инсон дар як шабонарӯз 2 литр об кифоя аст.

Об муъҷизаи табиат аст, онро бояд ҳамеша тоза нигоҳ дошт, аммо на ҳама ба қадри оби поку тоза мерасанд. Садҳо навъ моддаҳои химиявӣ дар шакли маҳлул ба об партофта мешаванд. Мутахассисон муайян намуданд, ки солона ба уқёнусҳои ҷаҳонӣ моддаҳои захрнок дар шакли маҳлул ба миқдори тахминан 3200 миллион тонна партофта мешавад.

Ба ғайр аз ин, ба миқдори зиёд пойафзол, зарфҳои пластикӣ ва дигар партовҳо аз корхонаҳои саноатӣ рехта мешаванд, ки дар натиҷа, обҳои уқёнусҳо ифлос мегарданд. Манбаи асосии ифлосшавии оби уқёнусҳо дарёҳо мебошанд. Ҳамчунин, ҳар сол ба уқёнуси ҷаҳонӣ ҳазорҳо тонна нафт ва маҳсулоти нафтӣ партофта мешаванд. Агар қабати болоии оби уқёнусро қабати равған пӯшонад, дар натиҷа, об бухор намешавад, гардиши об аз байн меравад ва оқибати он барои инсоният ва муҳити зист хеле ногувор аст.

Яке аз роҳҳои пешгирии ифлосшавии уқёнусу баҳрҳо ва сарфаи оби нӯшокӣ кам кардани хароҷоти об дар соҳаҳои истеҳсолоти металлургӣ, химиявӣ, хоҷагии коммуналӣ ва обёрии заминҳои кишт мебошад. Захираҳои обро бо роҳи истифодабарии такрорӣ низ сарфа кардан мумкин аст. Обҳои дар ҷараёни технологӣ ва коммуналӣ истифодашударо коркард намуда, такроран ба ҳамон мақсад истифода бурдан имкон дорад.

Таҳқиқотҳо собит намудааст, ки дар кураи замин об нобаробар тақсим шудааст. Масалан, дар минтақаи муътадил ва экваторӣ ба ҳар як нафар одам 25 ҳазор м3 оби нӯшокӣ дар як сол, вале дар минтақаҳои биёбону нимбиёбон ба ҳар як сокин 3 м3 об рост меояд. Қисми зиёди захираҳои оби нӯшокӣ дар Антарктида, Арктика ва Гренландия ҷойгиранд. Аз ҳамин сабаб дар бисёри минтақаҳо норасоии оби нӯшокӣ бараъло ҳис карда мешавад.

Об унсури муҳимтарини ҳаёт барои зиндагонии инсон, ҳайвонот ва наботот мебошад. Кишвари азизи мо дорои захираҳои калони обӣ буда, 55,4 фоизи захираи обии ҳавзаи баҳри Аралро ташкил медиҳад. Ба ҳавзаи Арал дарёҳои Амударё ва Сирдарё бо шохобҳояшон дохил шуда, дарёи Зарафшон то Самарқанду Бухоро рафта мерасад. Дар ҷумҳурӣ ба ғайр аз оби дарёҳо, инчунин, миқдори зиёди кӯлу обанборҳо мавҷуданд, ки дорои захираҳои калони оби тоза мебошанд. Бо вуҷуди мавҷуд будани захираҳои калони оби тоза дар сарзамини мо дар баъзе аз ноҳияҳои кишварамон низ норасоии оби ошомиданӣ ва полезӣ ба назар мерасад. Бино бар ин, коршиносон ва масъулини соҳаро зарур, ки ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ва полезӣ таҳлилҳо анҷом дода, стратегияи ҳифзи пиряхҳо ва тозагии оби ошомиданиро барои корбурди ҷомеа манзур намоянд. Зеро об асоситарин сарвати миллию табиӣ Тоҷикистон буда, кишвари моро ҳамчун давлати пешоҳанг дар самти баррасӣ ва ҳалли масоили глобалии об муаррифӣ менамояд.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,**
**дотсенти кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,**
**номзади илмҳои педагогӣ, барандаи Ҷоизаи Аббос Алиев**



# ХУСУСИЯТҲОИ МЕТОДИИ ОМӮЗИШИ ТАРЗҲОИ ГУНОГУНИ ТАБДИЛОТИ ИФОДАҲОИ ИРРАТСИОНАЛӢ

Табдилоти айниятӣ яке аз самтҳои асосии курси математикаи мактабӣ мебошад. Дар курси математика хонандагон бо ин мавзуъ дар дарси алгебраи синфи 7 шинос мешаванд. Аммо онҳо маҳорату малакаҳои ибтидоии табдилоти айниятии заруриро хеле пеш аз омӯзиши ин мавзуъ аз худ мекунанд. Хонандагон мафҳум ва маънои онро надониста, кушодани қавс, сода кардани ифода, ихтисор кардани каср ва ғайраро меомӯзанд. Супоришҳое, ки дар онҳо табдилоти айниятӣ истифода бурда мешаванд, тақрибан дар ҳама мавзуъҳои курси алгебра, дар қисмҳои геометрия, физика, химия ва биология вомехӯранд.

Иваз кардани як ифода ба ифодаи дигари ба он баробарро табдилоти айниятии ифодаҳо ё табдилоти айниятӣ ва баробарие, ки он дар ҳамаи қиматҳои тағйирёбандаҳояш дуруст аст, айният номида мешавад.

Дар асоси табдилоти айниятӣ тасаввурот оид ба методҳои аналитикии математика ташаккул меёбанд. Чун қоида ҳалли ҳар як масъалаи математикӣ бо методи аналитикӣ ва синтетикӣ бо табдилоти айниятӣ иҷро карда мешавад.

Хусусияти бахши «Табдилоти айниятии ифодаҳо» дар он аст, ки он барои ташаккули малакаҳои муҳимми меҳнатии хонандагон имкониятҳои васеъ фароҳам оварда, ба ташаккули ирода, заковат, ташаббуси эҷодӣ, меҳнатдӯстӣ, худназоратӣ ва ғайра мусоидат мекунад. Аз ҷумла, ҳангоми иҷрои супоришҳои хусусияти омехтадошта хонанда бояд ҳамаи қоидаҳои маълуми иҷрои табдилоти айниятиро дар хотир дошта бошад, бо риояи ин қоидаҳо метавонад ҳамаи ҳисобҳоро зина ба зина анҷом дода, ба ягон хато роҳ надиҳад, зеро хурдтарин иштибоҳ, масалан, нодуруст гузоштани аломати математикӣ, тамоми раванди ҳалли масъаларо дигаргун мегардонад. Чунин кор ба тарбияи суботкорӣ, дақиқӣ ва покизакорӣ, диққат, дарк намудани мавод аз мавқеъҳои нав мусоидат мекунад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми табдилоти айниятӣ, ин алгоритмӣ будани он аст. Он ҳам дар худи мазмун ва ҳам дар қоидаҳои анҷом додани табдилоти айниятӣ ва ташаккули малакаҳои табдилдиҳии айниятӣ мавҷуд мебошад. Табдилоти айниятии ратсионалии пешбинишуда, раванди иҷрои ҳалли масъаларо осон ва кӯтоҳ мегардонад.

Бинобар ин, табдилоти айниятии ифодаҳо яке аз сутуни асосӣ ва бузурги курси математикаи мактабӣ ба шумор меравад. Бе надонистани табдилоти айниятӣ дар ҳаёт ба ягон натиҷаи дилхоҳ ноил шудан мушкил аст. Табдилоти айниятӣ ҳамчун дастгоҳи таҳлилӣ барои сода кардани ифодаҳо, ёфтани қиматҳои ифодаҳо, исботи теоремаҳо, ҳосил кардани формулаҳо ва дар ҳалли муодилаҳо, нобаробариҳо, системаҳои муодилаҳо ва нобаробариҳо васеъ истифода бурда мешавад. Пас, дар тамоми ҳалли масъалаҳои математикӣ, физикӣ, химиявӣ, биологӣ ва нақшакашӣ ба табдилоти айниятӣ дучор мегардем.

Аммо на ҳамаи хонандагон методу тарзҳои

муайяни алгоритмии табдил додани ифодаҳои алгебравиро азхуд мекунанд. Дарс шакли асосии ташкили раванди таълим буд ва боқӣ мемонад. Моҳияти он аз ташкили корҳои гуногун аз ҷониби омӯзгор бо истифода аз тамоми шаклҳои имконпазири ташкили фаъолияти маърифатӣ, бо истифода аз масъалаҳои тарбиявӣ иборат аст.

Ҳангоми омӯзиши табдилоти айниятӣ, барои ҳар гуна ифодаҳо масъалаҳои зеринро ба инобат гирифтан зарур аст:

- **асосҳои назариявии табдилот;**
- **таъриф (ё тавсиф);**
- **намудҳои табдилот;**
- **тарзҳои гуногуни табдилот;**
- **ташаккули сунъии табдилот (ҷамъ ва тарҳ кардани адад ва ифодаҳои якхела).**

**Барои ноил шудан ба ин ҳадаф қоидаҳои зерин зарур аст:**

- **ташаккул додани дониши хонандагон оид ба тарз ва методҳои ҳалли ин масъалаҳо;**
- **роҳҳои назорати дурустии ҳалли онҳо;**
- **дар доираи фаъолият барои ҳалли ҳама гуна масъалаҳо дохил намудани табдилоти айниятӣ.**

Ҳангоми интихоби масъалаҳо оид ба исботи баробариҳо ва табдилоти ифодаҳои айниятӣ дар курси алгебраи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд ҳар як системаи супоришҳо аз сода ба мураккаб пешниҳод карда шуда, барои бартараф кардани душвориҳои имконпазир ва ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ, бо дарназардошти талаботи хонандагон масъалаҳо интихоб карда шаванд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши масъалаҳо оид ба табдилоти айниятии ифодаҳо, ҳадафи асосии омӯзгор барои ташаккул додани малака ва маҳорати устувори хонандагон мебошад.

Машқҳои ба мақсад мувофиқ интихобшуда, ҳангоми муаррифии мавзуъ, ба рушди шавқу рағбат ба математика, ҳавасмандии омӯзиши мавод мусоидат мекунанд.

Табдилдиҳии сунъии ифода гуфта, ҷамъ ва тарҳ кардани як адад ё ифода дар назар дошта мешавад. Чунин табдилдиҳӣ "айният" номида мешавад, зеро он воқеан ба ҷамъ кардани нол баробар аст ва ҷамъ кардани нол қиматро тағйир намедиҳад.

Тарзи исбот ва табдил додани усули аввали масъаларо оғоз кардан душвортар аст, аммо тарзҳои минбаъдаи ҳал осонтар мешавад. Аз тарафи дигар, тарзи дуюми ҳал осон ва бартариҳо дошта, дар натиҷаи омӯзиш ба муодилаи алгебравӣ табдил додан осон мегардад.

Барои рушди фаъолияти мантиқӣ, афзоиши таваҷҷуҳ ба математика ва нишон додани он бамаврид аст, зеро як масъалаи мушаххасро бо тарзҳои гуногун ҳал кардан мумкин аст.

Маводи пешниҳодшуда барои хонандагони синфҳои 8-ум ва 9-ум пешбинӣ шуда, асосҳои назариявии табдилоти айниятии ифодаҳои ратсионалӣ ва ирратсионалӣ, намудҳои супоришҳо оид ба табдилдиҳии айниятиро дар бар мегиранд.

Бояд дар хотир дошт, ки надонистани табдилоти айниятии ифодаҳо ягон мавзуъро мукаммал аз худ намудан саҳл нест. Ҳатто, ягон лоиҳаи биноро бе истифодаи табдилоти айниятӣ зебо ва ратсионалӣ анҷом додан мушкил аст. Дар зер тарзҳои гуногуни алгоритми табдилоти ифодаҳои ирратсионалиро муоина мекунем.

**Масъалаи 1.** Ифодаро сода мекунем: $\dfrac{\sqrt{ab}}{\sqrt{-a}}$. (1)

**Ҳал.** СҚР: $-a>0$ ё $a<0$; $ab\geq 0$, $a<0$, $b\leq 0$.

**Тарзи якум. Аз рӯйи таъриф.** Азбаски $ab=(-a)\cdot(-b)$ аст, бинобар ин, ифодаи зерин решаи квадратиро ба намуди зерин табдил медиҳем:

$$\frac{\sqrt{ab}}{\sqrt{-a}}=\frac{\sqrt{(-a)(-b)}}{\sqrt{-a}}=\frac{\sqrt{-a}\cdot\sqrt{-b}}{\sqrt{-a}}=\sqrt{-b}.$$

**Тарзи дуюм. Хосияти решаҳои арифметикӣ.** Ифодаи (1)-ро ба тариқи зерин табдил медиҳем:

$$\frac{\sqrt{ab}}{\sqrt{-a}}=\sqrt{\frac{ab}{-a}}=\sqrt{\frac{b}{-1}}=\sqrt{-b}.$$ **Ҷавоб:** $\sqrt{-b}$.

**Масъалаи 2.** Ифодаро сода мекунем: $\dfrac{a+b+2\sqrt{ab}}{\sqrt{-a}-\sqrt{-b}}$. (2)

**Ҳал.** СҚР: $\begin{cases} -a \ge 0, \\ -b \ge 0, \\ \sqrt{-a}-\sqrt{-b} \ne 0; \end{cases}$ $\begin{cases} a \le 0, \\ b \le 0, \\ \sqrt{-a} \ne \sqrt{-b}; \end{cases}$ $\begin{cases} a \le 0, \\ b \le 0, \\ a \ne b. \end{cases}$

**Тарзи якум. Аз рӯйи таъриф.** Мувофиқи СҚР $a \le 0$ ва $b \le 0$ аст, бинобар ин, сурати касрро ба тариқи зерин ба квадрати пурра табдил медиҳем:

$$a+b+2\sqrt{ab} = -(-a)-(-b)+2\sqrt{(-a)\cdot(-b)} =$$

$$= -\left(\left(\sqrt{-a}\right)^2 - 2\cdot\sqrt{-a}\cdot\sqrt{-b} + \left(\sqrt{-b}\right)^2\right) = -\left(\sqrt{-a}-\sqrt{-b}\right)^2.$$

Акнун ифодаи ҳосилшударо ба сурати каср гузошта, онро табдил медиҳем:

$$\frac{a+b+2\sqrt{ab}}{\sqrt{-a}-\sqrt{-b}} = \frac{-\left(\sqrt{-a}-\sqrt{-b}\right)^2}{\left(\sqrt{-a}-\sqrt{-b}\right)\cdot 1} = \frac{-\left(\sqrt{-a}-\sqrt{-b}\right)}{1} = \sqrt{-b}-\sqrt{-a}.$$

**Тарзи дуюм. Дохил намудани тағйирёбандаи нав.** Дар ифодаи (2) гузоришҳои зеринро истифода бурда, онро табдил медиҳем.

$$\begin{cases} \sqrt{-a} = x, \\ \sqrt{-b} = y; \end{cases} \begin{cases} -a = x^2, \\ -b = y^2; \end{cases} \begin{cases} a = -x^2, \\ b = -y^2. \end{cases}$$

$$\frac{a+b+2\sqrt{ab}}{\sqrt{-a}-\sqrt{-b}} = \frac{-x^2+\left(-y^2\right)+2\sqrt{-x^2\cdot\left(-y^2\right)}}{x-y} =$$

$$= \frac{-x^2-y^2+2\sqrt{(xy)^2}}{x-y} = \frac{-x^2-y^2+2xy}{x-y} = \frac{-\left(x^2-2xy+y^2\right)}{x-y} =$$

$$= \frac{-(x-y)^2}{x-y} = \frac{-(x-y)}{1} = y-x = \sqrt{-b}-\sqrt{-a}.$$ **Ҷавоб:** $\sqrt{-b}-\sqrt{-a}$.

**Масъалаи 3.** Дурустии баробариро месанҷем: $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}} + \sqrt[3]{10-6\sqrt{3}} = 2$. (3)

**И с б о т. Тарзи якум. Ба дараҷабардорӣ.** Ҳар ду тарафи баробарии (3)-ро ба куб бардошта, онро сода мекунем:

$$\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}} + \sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right)^3 = 2^3;$$

$$\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\right)^3 + 3\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}} \times \left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}} + \sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right) + \left(\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right)^3 = 2^3;$$

$$10+6\sqrt{3}+3\sqrt[3]{\left(10+6\sqrt{3}\right)\left(10-6\sqrt{3}\right)}\cdot 2+10-6\sqrt{3} = 8; \quad 20+6\cdot\sqrt[3]{10^2-\left(6\sqrt{3}\right)^2} = 8;$$

$$6\cdot\sqrt[3]{100-108} = 8-20; \quad 6\cdot\sqrt[3]{-8} = -12; \quad 6\cdot(-2) = -12 \text{ ё ки } -12 = -12.$$

Пас, баробарии додашуда дуруст будааст.

**Тарзи дуюм. Татбиқи коэффитсиентҳои номуайян.** Аввал ҷамъшавандаи якумро бо ёрии дохил намудани тағйирёбандаи нав табдил медиҳем.

$$\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}} = x + y\sqrt{3}. \qquad (4)$$

Ҳар ду тарафи баробарии (4)-ро ба куб мебардорем:

$$\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\right)^3 = \left(x+y\sqrt{3}\right)^3;$$

$10+6\sqrt{3}=x^3+3\sqrt{3}x^2y+9xy^2+3\sqrt{3}y^3$ ё ки $10+6\sqrt{3}=\left(x^3+9xy^2\right)+\left(3x^2y+3y^3\right)\sqrt{3}$.

Коэффитсиентҳои мувофиқро бо ҳам баробар намуда, ҳосил мекунем:

$$\begin{cases}x^3+9xy^2=10,\\3x^2y+3y^3=6;\end{cases} \text{ ё } \begin{cases}x^3+9xy^2=10,\\x^2y+y^3=2.\end{cases} \qquad (5)$$

Ҳар ду тарафи муодилаи дуюмро ба 5 зарб зада, аз муодилаи якум муодилаи дуюмро тарҳ мекунем:

$$\begin{cases}x^3+9xy^2=10,\\5x^2y+5y^3=10;\end{cases} \begin{cases}x^3+9xy^2=10,\\x^3+9xy^2-\left(5x^2y+5y^3\right)=10-10;\end{cases} \begin{cases}x^3+9xy^2=10,\\x^3+9xy^2-5x^2y-5y^3=0.\end{cases} \qquad (6)$$

Муодилаи дуюми системаро ба тариқи гурӯҳбандӣ ба ҳамзарбҳо ҷудо карда, онро ҳал мекунем:

$x^3-xy^2+10xy^2-5x^2y-5y^3=0$; $x\left(x^2-y^2\right)-5\left(x^2y-2xy^2+y^3\right)=0$;

$x\left(x^2-y^2\right)-5y\left(x^2-2xy+y^2\right)=0$; $x(x-y)(x+y)-5y(x-y)^2=0$;

$(x-y)\left(x(x+y)-5y(x-y)\right)=0$; $(x-y)\left(x^2+xy-5xy+5y^2\right)=0$;

$(x-y)\left(x^2-4xy+5y^2\right)=0$.

Аз ин ҷо $x-y=0$ ё ки $x^2-4xy+5y^2=0$ шуда, аз муодилаи якум $x=y$ шуда, муодилаи дуюм дар соҳаи ададҳои ҳақиқӣ ҳал надорад.

Акнун системаи муодилаҳои (6)-ро ба чунин намуд менависем:

$$\begin{cases}x^3+9xy^2=10,\\x=y.\end{cases}$$

Қимати $x$-ро ба муодилаи якум мегузорем:

$$\begin{cases}y^3+9y^3=10,\\x=y;\end{cases} \begin{cases}10y^3=10,\\x=y;\end{cases} \begin{cases}y^3=1,\\x=y;\end{cases} \begin{cases}y=\sqrt[3]{1},\\x=y;\end{cases} \begin{cases}y=1,\\x=1.\end{cases}$$

Қиматҳои $x$ ва $y$-ро ба ифодаи (4) мегузорем: $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}=1+\sqrt{3}$.

Ҳамин тариқ, ҷамъшавандаи дуюмро бо ёрии дохил намудани тағйирёбандаи нав табдил медиҳем:

$$\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=x-y\sqrt{3}. \qquad (7)$$

Ҳар ду тарафи ин баробариро ба куб мебардорем:

$\left(\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right)^3=\left(x-y\sqrt{3}\right)^3$; $10-6\sqrt{3}=x^3-3\sqrt{3}x^2y+9xy^2-3\sqrt{3}y^3$;

$\underline{10}-\underline{\underline{6\sqrt{3}}}=\underline{\left(x^3+9xy^2\right)}-\underline{\underline{\left(3x^2y+3y^3\right)\sqrt{3}}}$.

Коэффитсиентҳои мувофиқро бо ҳам баробар намуда, ҳосил мекунем:

$$\begin{cases}x^3+9xy^2=10,\\3x^2y+3y^3=6;\end{cases} \text{ ё } \begin{cases}x^3+9xy^2=10,\\x^2y+y^3=2.\end{cases}$$

Системаи муодилаҳои ҳосилшударо ба монанди системаи муодилаҳои (5) ҳал карда, $x=y=1$-ро ҳосил мекунем.

Қиматҳои $x$ ва $y$-ро ба (7) мегузорем: $\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=1-\sqrt{3}$.

Қиматҳои $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}=1+\sqrt{3}$ ва $\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=1-\sqrt{3}$-ро бо ҳам ҷамъ карда, ҳосил мекунем:

$\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=1+\sqrt{3}+1-\sqrt{3}$ ё ки $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=2$ мешавад.

**Тарзи сеюм. Татбиқи коэффитсиентҳои номуайян.** Тағйирёбандаҳои нав дохил мекунем.

$\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}=a+b$; $\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\right)^3=(a+b)^3$; $10+6\sqrt{3}=a^3+3a^2b+3ab^2+b^3$.

Тарафи рости ифодаи охиронро ба намуди зерин гурӯҳбандӣ мекунем:

$$\underline{10}+\underline{\underline{6\sqrt{3}}}=\underline{\left(a^3+3ab^2\right)}+\underline{\underline{\left(3a^2b+b^3\right)}}.$$

Узвҳои якуми тарафи чапро ба узви якуми тарафи рост ва узви дуюми тарафи чапро ба узви дуюми тарафи рост баробар намуда, системаи муодилаҳои зеринро пайдо мекунем:

$$\begin{cases} a^3+3ab^2=10, \\ 3a^2b+b^3=6\sqrt{3}; \end{cases} \quad (8) \qquad \begin{cases} a\left(a^2+3b^2\right)=1\cdot 10, \\ b\left(3a^2+b^2\right)=\sqrt{3}\cdot 6. \end{cases} \quad (8.1)$$

Аз системаи ҳосилшуда системаи муодилаҳои зеринро пайдо мекунем:

$$\left\{\begin{array}{l} \left[\begin{array}{l} a=1 \\ a^2+3b^2=10, \end{array}\right. \\ \left[\begin{array}{l} b=\sqrt{3}, \\ 3a^2+b^2=6; \end{array}\right. \end{array}\right. \left\{\begin{array}{l} \left[\begin{array}{l} a=1 \\ 1^2+3b^2=10, \end{array}\right. \\ \left[\begin{array}{l} b=\sqrt{3}, \\ 3a^2+\left(\sqrt{3}\right)^2=6; \end{array}\right. \end{array}\right. \left\{\begin{array}{l} \left[\begin{array}{l} a=1 \\ 3b^2=10-1, \end{array}\right. \\ \left[\begin{array}{l} b=\sqrt{3}, \\ 3a^2=6-3; \end{array}\right. \end{array}\right. \left\{\begin{array}{l} \left[\begin{array}{l} a=1 \\ 3b^2=9, \end{array}\right. \\ \left[\begin{array}{l} b=\sqrt{3}, \\ 3a^2=3; \end{array}\right. \end{array}\right. \left\{\begin{array}{l} \left[\begin{array}{l} a=1 \\ b^2=3, \end{array}\right. \\ \left[\begin{array}{l} b=\sqrt{3}, \\ a^2=1; \end{array}\right. \end{array}\right. \left\{\begin{array}{l} \left[\begin{array}{l} a=1 \\ b=\pm\sqrt{3}, \end{array}\right. \\ \left[\begin{array}{l} b=\sqrt{3}, \\ a=\pm 1. \end{array}\right. \end{array}\right.$$

Азбаски $a+b>0$ аст, бинобар ин, аз системаи муодилаҳои охирон $a=1$ ва $b=\sqrt{3}$ -ро ҳосил мекунем.

Ҳамин тавр, $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}=1+\sqrt{3}$ аст.

Акнун ҳар ду тарафи муодилаи якуми системаи (8)-ро ба $3\sqrt{3}$ ва муодилаи дуюми онро ба 5 зарб карда, ҳосил мекунем:

$$\begin{cases} 3\sqrt{3}\cdot a^3+9\sqrt{3}\cdot ab^2=30\sqrt{3}, \\ 15a^2b+5b^3=30\sqrt{3}. \end{cases}$$

Аз муодилаи дуюм, муодилаи якумро тарҳ карда, аз он қимтаҳои $a$ ва $b$ -ро меёбем:

$$5b^3-9\sqrt{3}\cdot ab^2+15a^2b-3\sqrt{3}a^3=0.$$

Ҳар ду тарафи муодиларо ба $a^3$ тақсим карда, пайдо мекунем:

$$5\left(\frac{b}{a}\right)^3-9\sqrt{3}\cdot\left(\frac{b}{a}\right)^2+15\cdot\frac{b}{a}-3\sqrt{3}=0.$$

Дар ин ҷо $\frac{b}{a}=y$ ишора карда, муодилаи зеринро ҳосил мекунем:

$$5y^3-9\sqrt{3}\cdot y^2+15\cdot y-3\sqrt{3}=0. \qquad (9)$$

Агар муодила реша дошта бошад, он ҳатман тақсимкунандаи узви озод мешавад. Бинобар ин, аввал тақсимшавандаҳои узви озод $3\sqrt{3}$ ($\pm 1$; $\pm 3$; $\pm\sqrt{3}$; $\pm 3\sqrt{3}$)-ро ёфта, бо санҷишҳои пай дар пай муайян мекунем, ки ҳангоми $x=\sqrt{3}$ будан, тарафи чапи муодилаи (9) ба нол мубаддал мегардад, бинобар ин, тарафи чапи муодила ба $y-\sqrt{3}$ бебақия тақсим мешавад. Аз ин лиҳоз, тарафи чапи муодиларо ба $y-\sqrt{3}$ тақсим мекунем.

$$\begin{array}{l|l} 5y^3-9\sqrt{3}\cdot y^2+15\cdot y-3\sqrt{3} & y-\sqrt{3} \\ \cline{2-2} -\ \underline{5y^3-5\sqrt{3}y^2} & 5y^2-4\sqrt{3}y+3 \\ \quad -4\sqrt{3}y^2+15y & \\ \quad -\ \underline{-4\sqrt{3}y^2+12y} & \\ \qquad 3y-3\sqrt{3} & \\ \qquad -\ \underline{3y-3\sqrt{3}} & \\ \qquad\quad 0 & \end{array}$$

Ҳамин тавр, натиҷаи ҳосили тақсимкуниро ба намуди зерин менависем:

$$5y^3-9\sqrt{3}\cdot y^2+15\cdot y-3\sqrt{3}=\left(y-\sqrt{3}\right)\left(5y^2-4\sqrt{3}y+3\right).$$

Пас, $\left(y-\sqrt{3}\right)\left(y^2-4\sqrt{3}y+3\right)=0$ шуда, он ба $y-\sqrt{3}=0$ ё ки $y^2-4\sqrt{3}y+3=0$ баробар мешавад. Аз муодилаи якум $y=\sqrt{3}$ шуда, муодилаи дуюм дар соҳаи ададҳои ҳақиқӣ ҳал надорад.

Акнун қимати $y$ -ро ба $\frac{b}{a}=y$ мегузорем: $\frac{b}{a}=\sqrt{3}$ ё ки $b=\sqrt{3}a$.

Қимати $b$ -ро ба муодилаи якуми системаи (8) гузошта, қимати $a$ -ро меёбем:

$$a^3+3a\left(\sqrt{3}\cdot a\right)^2=10;\ a^3+9a^3=10;\ 10a^3=10;\ a^3=1;\ a=1.$$

Пас, $b=\sqrt{3}a=\sqrt{3}\cdot 1=\sqrt{3}$ мешавад. Боз, $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}=a+b=1+\sqrt{3}$ -ро пайдо кардем.

Ба монанди ҳамин ифодаи зери решаи кубии $\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}$ -ро ба куби пурра меорем:

$$\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=a-b;\ \left(\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right)^3=(a-b)^3;\ 10-6\sqrt{3}=a^3-3a^2b+3ab^2-b^3.$$

Тарафи рости ифодаи охиронро ба намуди зерин гурӯҳбандӣ мекунем:

$$\underline{10}-\underline{\underline{6\sqrt{3}}}=\underline{\left(a^3+3ab^2\right)}-\underline{\underline{\left(3a^2b+b^3\right)}}$$

Узвҳои якуми тарафи чапро ба узви якуми тарафи рост ва узви дуюми тарафи чапро ба узви дуюми тарафи рост баробар намуда, системаи муодилаҳои зеринро пайдо мекунем:

$$\begin{cases}a^3+3ab^2=10,\\ 3a^2b+b^3=6\sqrt{3};\end{cases}\ \begin{cases}a\left(a^2+3b^2\right)=1\cdot 10,\\ b\left(3a^2+b^2\right)=\sqrt{3}\cdot 6.\end{cases}$$

Аз системаи муодилаҳои охирон $a=1$ ва $b=\sqrt{3}$ -ро ҳосил мекунем. Тарзҳои дигари ёфтани қиматҳои $a$ ва $b$ -ро ба хонанда ҳавола мекунем.

Ҳамин тавр, $\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=1-\sqrt{3}$ гардида, $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=1+\sqrt{3}+1-\sqrt{3}=2$ мешавад.

**Тарзи чорум. Татбиқи коэффитсиентҳои номуайян.** Тағйирёбандаҳои нав дохил мекунем. Зери решаи кубиро ба $(a+b)^3$ ишора мекунем:

$$10+6\sqrt{3}=(a+b)^3 \text{ ё ки } 10+6\sqrt{3}=a^3+3a^2b+3ab^2+b^3.$$

Дар ифодаи ҳосилшуда $a^3$ ва $3ab^2$ -ро ҳамчун ифодаи ирратсионалӣ ва $3a^2b$ ва $b^3$ -ро ҳамчун ифодаи ратсионалӣ қабул мекунем. Яъне,

$$10+6\sqrt{3}=\underbrace{a^3+3ab^2}_{\text{ирратсионалӣ}}+\underbrace{3a^2b+b^3}_{\text{ратсионалӣ}}$$

Акнун дар ифодаи ҳосилшуда, узвҳои ратсионалиро бо ратсионалӣ ва узвҳои ирратсионалиро бо ирратсионалӣ баробар намуда, системаи муодилаҳои зеринро тартиб дода, онро ҳал мекунем:

$$\begin{cases}3a^2b+b^3=10,\\ a^3+3ab^2=6\sqrt{3};\end{cases}\qquad \begin{cases}b\left(3a^2+b^2\right)=10,\\ a\left(a^2+3b^2\right)=\sqrt{3}\cdot 6.\end{cases}$$

Бигузор, дар системаи муодилаҳои ҳосилшуда, $a=\sqrt{3}$ бошад, он гоҳ

$$\begin{cases}b\left(3\left(\sqrt{3}\right)^2+b^2\right)=10,\\ \sqrt{3}\left(\left(\sqrt{3}\right)^2+3b^2\right)=\sqrt{3}\cdot 6;\end{cases}\quad \begin{cases}b\left(9+b^2\right)=10,\\ 3+3b^2=6;\end{cases}\ \begin{cases}b\left(9+b^2\right)=10,\\ 3b^2=3;\end{cases}$$

$$\begin{cases}b\left(9+b^2\right)=10,\\ b^2=1;\end{cases}\ \begin{cases}b(9+1)=10,\\ b=\pm 1;\end{cases}\ \begin{cases}b=1,\\ b=\pm 1;\end{cases}\ \text{ё ки}\ \begin{cases}b=1,\\ a=\sqrt{3}.\end{cases}$$

Ҳамин тавр, $\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=1-\sqrt{3}$ -ро бо тарзи оварда шуда, ҳосил кардан имкон дорад.

**Тарзи чорум. Дохил намудани тағйирёбандаи нав.** Барои санҷидани дурустии баробарии додашуда, методи дохил намудани тағйирёбандаи навро татбиқ мекунем:

$$\begin{cases}\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}=x,\\ \sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=y;\\ x+y=2\end{cases}\ \text{ё ки}\ \begin{cases}10+6\sqrt{3}=x^3,\\ 10-6\sqrt{3}=y^3,\\ x+y=2.\end{cases}$$

Аз муодилаи якум муодилаи дуюми системаи муодилаҳоро тарҳ карда, системаи муодилаҳои ҳосилшударо ҳал мекунем:

$$\begin{cases} x^3+y^3=4, \\ x+y=2; \end{cases} \begin{cases} (2-y)^3+y^3=4, \\ x=2-y; \end{cases} \begin{cases} 8-12y+6y^2-y^3+y^3=4, \\ x=2-y; \end{cases} \begin{cases} 6y^2-12y+4=0, \\ x=2-y; \end{cases}$$

$$\begin{cases} 3y^2-6y-2=0, \\ x=2-y; \end{cases} \begin{cases} y_{1,2}=\dfrac{3\pm\sqrt{15}}{3}, \\ x=2-y; \end{cases} \begin{cases} y_{1,2}=\dfrac{3\pm\sqrt{15}}{3}, \\ x=2-\dfrac{1\pm\sqrt{15}}{3}; \end{cases} \begin{cases} y_{1,2}=\dfrac{3\pm\sqrt{15}}{3}, \\ x_{1,2}=\dfrac{3\mp\sqrt{15}}{3}. \end{cases}$$

Пас, $x+y=\dfrac{3\pm\sqrt{15}}{3}+\dfrac{1\mp\sqrt{15}}{3}=\dfrac{3\pm\sqrt{15}+3\mp\sqrt{15}}{3}=\dfrac{6}{3}=2$ ҳосил гардид.

Ҳамин тавр , баробарии матлуб дуруст будааст. Яъне, $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=2$ аст.

**Тарзи панҷум. Зарб ва тақсим ба ҳамроҳшуда.** Ифодаи зери решаи кубии $10-6\sqrt{3}$-ро ба ҳамроҳшудааш зарб ва тақсим мекунем:

$$10-6\sqrt{3}=\frac{10-6\sqrt{3}}{1}=\frac{(10-6\sqrt{3})(10+6\sqrt{3})}{1\cdot(10+6\sqrt{3})}=\frac{10^2-(6\sqrt{3})^2}{10+6\sqrt{3}}=\frac{100-108}{10+6\sqrt{3}}=-\frac{8}{10+6\sqrt{3}}.$$

Акнун ифодаи додашударо ба намуди зерин менависем:

$$\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{-\frac{8}{10+6\sqrt{3}}}=2 \text{ ё ки } \sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}-\frac{2}{\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}}=2.$$

Дар ифодаи ҳосилшуда $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}=y$ ишора карда, муодилаи зеринро ҳосил мекунем:

$$y-\frac{2}{y}=2 \text{ ё ки } y^2-2y-2=0.$$

Аз ин ҷо $y_{1,2}=1\pm\sqrt{3}$ ё ки $10+6\sqrt{3}=(1\pm\sqrt{3})^3$ шуда, $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}=\sqrt[3]{(1\pm\sqrt{3})^3}=1\pm\sqrt{3}$ мешавад. Пас, $\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=-\dfrac{2}{\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}}=-\dfrac{2}{1\pm\sqrt{3}}=-\dfrac{2(1\mp\sqrt{3})}{(1\pm\sqrt{3})(1\mp\sqrt{3})}=-\dfrac{2(1\mp\sqrt{3})}{1-3}=1\mp\sqrt{3}$ аст.

Қиматҳои ҳосилшударо ба баробарии додашуда мегузорем:

$$1\pm\sqrt{3}+1\mp\sqrt{3}=2 \text{ ё ки } 2=2.$$

Ҳамин тавр, баробарии додашуда $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=2$ дуруст аст.

**Тарзи шашум. Гурӯҳбандӣ.** Баъди иҷро кардани тарзи шашум, тахмин мекунем, ки ифодаи зери решаи кубӣ $10+6\sqrt{6}$-ро ба тариқи зерин гурӯҳбандӣ намуда, онро ба куби пурра табдил додан мумкин аст:

$$10+6\sqrt{6}=1+3\sqrt{3}+9+3\sqrt{3}=1^3+3\cdot1^2\cdot\sqrt{3}+3\cdot1\cdot(\sqrt{3})^2+(\sqrt{3})^3=(1+\sqrt{3})^3.$$

Ба монанди ҳамин $10-6\sqrt{6}=(1-\sqrt{3})^3$ мешавад.

Қиматҳои ҳосилшударо ба зери решаи кубии (3) мегузорем:

$\sqrt[3]{(1+\sqrt{3})^3}+\sqrt[3]{(1-\sqrt{3})^3}=1+\sqrt{3}+1-\sqrt{3}=2$. Пас, $2=2$ гардид.

**Тарзи ҳафтум. Зарб ба ҳамроҳшуда.** Ҳар ду тарафи баробарии додашударо ба ҳамроҳшудаи тарафи чапи баробарии (3) зарб мекунем:

$$\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right)\left(\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\right)^2-\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\cdot\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}+\left(\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right)^2\right)=$$

$$=2\cdot\left(\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\right)^2-\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\cdot\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}+\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\right)^2\right);$$

$$\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\right)^3+\left(\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right)^3=2\left(\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\right)^2-\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\cdot\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}+\left(\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right)^2\right);$$

$$10+6\sqrt{3}+\left(10-6\sqrt{3}\right)=2\left(\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right)^2-3\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\cdot\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right);$$

$$20=2\left(\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}\right)^2-3\sqrt[3]{\left(10+6\sqrt{3}\right)\left(10-6\sqrt{3}\right)}\right);$$

$$10=\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right)^2-3\sqrt[3]{10^2-\left(6\sqrt{3}\right)^2};$$

$$10=\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right)^2-3\sqrt[3]{100-108};$$

$$10=\left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right)^2+6 \text{ ё ки } \left(\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}\right)^2=4.$$

Аз ин ҷо: $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=\pm 2$. Азбаски $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}>0$ аст, пас, $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}+\sqrt[3]{10-6\sqrt{3}}=2$ мешавад.

**Ҷавоб:** баробарии додашуда дуруст аст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки хусусиятҳои «Табдилоти айниятии ифодаҳо» баёнгари онанд, ки онҳо барои ташаккули малакаҳои муҳими меҳнатии хонандагон имкониятҳои васеъ кушода, ба ташаккули ирода, заковат, ташаббуси эҷодӣ, худдорӣ ва ғайра мусоидат мекунад. Аз ҷумла, ҳангоми иҷрои супоришҳои характери омехтадошта, хонанда бояд ҳамаи қоидаҳои маълуми анҷом додани табдилоти айниятиро дар хотир дошта, бо риояи ин қоидаҳо қодир бошад, ки тамоми ҳисобҳоро қадам ба қадам иҷро намуда, ба ягон хатой роҳ надиҳад, зеро хурдтарин иштибоҳ ба монанди гузоштани аломати нодуруст тамоми раванди ҳалро бемаънӣ мегардонад. Чунин кор ба тарбияи суботкорӣ, дақиқият, зиракӣ, дарк намудани мавод аз мавқеъҳои нав мусоидат мекунад. Ба ғайр аз ин, табдилоти айниятии ифодаҳо ба инкишофи зиракӣ, тафаккури ратсионалӣ, қобилияти математикӣ, ташаккули эҷодӣ ва фаъолияти ақлӣ мусоидат мекунад.

Масъалаҳоро бо тарзҳои гуногун ҳал карда, дар хотир нигоҳ доштани методҳои истифодашуда ва муайян кардани имкони истифода бурдани ин методҳо аз умумикунонии ин масъалаҳо бармеояд. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки хонандагон аз уҳдаи иҷрои супориш баромада тавонанд. Маҳз тавассути супоришҳо хонандагон метавонанд далелҳои нави математикиро амиқ аз худ карда, методҳои нави математикиро омӯхта, таҷрибаи муайян ба даст оварда, мустақилона малакаҳоро ташаккул диҳанд ва донишҳои гирифтаашонро эҷодкорона истифода баранд.

Ҳамин тариқ, омӯзгор бояд хонандагонро ба мустақилона ҷустуҷӯ кардани тарзҳои ҳалли масъала водор намояд ва ба онҳо роҳи ратсионалии ҳалро нишон диҳад.

### Машқҳо барои кори мустақилона

1. Дурустии баробариҳоро санҷед:

1. $\sqrt{6-2\sqrt{5}}-\sqrt{9+4\sqrt{5}}=-3$.
2. $\sqrt[3]{9+4\sqrt{5}}+\sqrt[3]{9-4\sqrt{5}}=3$
3. $\sqrt{3+2\sqrt{2}}+\sqrt{11-6\sqrt{2}}=4$.
4. $\sqrt{29-4\sqrt{7}}-2\sqrt{11-4\sqrt{7}}=3$.
5. $\sqrt{57-40\sqrt{2}}-\sqrt{57+40\sqrt{2}}=-10$.
6. $\sqrt{7+4\sqrt{3}}=2+\sqrt{3}$.
7. $\sqrt{14+6\sqrt{5}}=3+\sqrt{5}$.
8. $\sqrt[3]{9+4\sqrt{5}}+\sqrt[3]{9-4\sqrt{5}}=3$.
9. $\sqrt[3]{26-15\sqrt{3}}=2-\sqrt{3}$.
10. $\sqrt[3]{3+\frac{11}{9}\sqrt{6}}+\sqrt[3]{3-\frac{11}{9}\sqrt{6}}=2$.
11. $\sqrt[3]{45+\sqrt{1682}}=2+\sqrt{3}$.
12. $\sqrt[3]{7+5\sqrt{2}}-\sqrt[3]{-7+5\sqrt{2}}=2$.
13. $\sqrt[3]{7-5\sqrt{2}}+\sqrt[3]{7+5\sqrt{2}}=2$.
14. $\sqrt[3]{35+\frac{99}{4}\sqrt{2}}-\sqrt[3]{-35+\frac{99}{4}\sqrt{2}}=4$.

2. Қимати ифодаро ёбед: $\sqrt[3]{10+6\sqrt{3}}-\sqrt{3}$. **Ҷавоб:** 1.

**Азизбек ЗУМРАТОВ,**
**омӯзгори химияи**
**Литсейи №3 барои хонандагони**
**болаёқати шаҳри Душанбе**



# РОБИТАИ БАЪЗЕ МЕТАЛЛҲО ВА ДУВОЗДАҲ БУРҶИ СОЛШУМОРӢ

Илми нуҷум яке аз илмҳои муҳимми табиатшиносӣ махсуб шуда, аз қадимтарин илмҳои дунё махсуб мешавад. Барои муҳиммият ва хусусияти ин илмро шарҳ додан, моро зарур аст, ки аввалан, аниқ кунем, ки мунаҷҷимӣ (астрология) ба одамон чи медиҳад. Барои ҳар як шахс донистани қобилиятҳои модарзодии худ, намуди одамоне, ки бо онҳо забони умумӣ пайдо кардан осонтар аст, майдони фаъолияти муваффақтарин ва мушкилоти имконпазири ҳаёт муҳим аст. Илмҳои дақиқ ба ҳамаи ин саволҳо ҷавоб дода наметавонанд. Ин соҳаи фаъолияти мунаҷҷимӣ аст, ки хислат ва сарнавишти инсонро муайян намуда, санаи таваллуди ӯро бо мавқеи ситораҳои осмон, пеш аз ҳама, бо дувоздаҳ бурҷи солшуморӣ: Далв, Ҳут, Ҳамал, Савр ва ғайра, мепайвандад. Ҳамин тариқ, тамоми инсоният танҳо ба дувоздаҳ гурӯҳ тақсим карда мешавад. Бо ин розӣ шудан душвор аст, зеро дар ҳаёт хелҳои беандоза зиёди сарнавиштҳо ва хислатҳо мавҷуданд.

Ҷойгузини ин солшуморӣ системаи дигари аломатҳо буда метавонад, ки хусусиятҳои одамонро муфассалтар тавсиф мекунанд. Чунин система пайдо шудааст. Ин ҷадвали даврии элементҳои химиявӣ мебошад. Дар ҳақиқат, атомҳо, ки тамоми ҷаҳони атрофи мо аз онҳо иборатанд (аз ҷумла одамон), бояд ҳама маълумоти заруриро дошта бошанд. Инро, ҳатто, алхимикҳои қадим, ки робитаи баъзе металлҳо, офтобу сайёраҳо ва аз ин рӯ, тақдири одамонро муқаррар карда буданд, пай бурда буданд.

Фақат баъди кашфи системаи даврӣ илми нав – химология, ки ҷойи астрологияро иваз мекунад, ба вуҷуд омад. Далели онро, ки системаи даврӣ баъзе қонуниятҳои номаълумро дар бар мегирад, ба ғайр аз химикҳо, дигар одамон низ кайҳо эҳсос кардаанд. Кӯшишҳои пайвастани шумораи гурӯҳҳои элементҳои химиявӣ бо октаваҳои мусиқӣ, рангҳои асосии спектри рӯшноӣ вуҷуд доштанд. Намуди зоҳирии ҷадвал борҳо дигар шудааст. Зиёда аз 500 гузинаи он вуҷуд дорад: дар шакли аҳром (пирамида), спирал, ҷевони китоб, дар шакли модели атом ва ғайра («Д.И.Менделеев дар бораи кадом хосиятҳои қонуни даврӣ маълумот надошт», «Химия», 1997, №38).

| **Металл** | Тилло | Симоб | Мис | Нуқра | Оҳан | Сурб | Қалъагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Сайёра** | Офтоб | Уторид | Зуҳра | Моҳтоб | Миррих | Зуҳал | Муштарӣ |
| **Рамзи сайёраҳо** | ☉ | ☿ | ♀ | ☽ | ♂ | ♄ | ♃ |

Шиносоии пурраи илми нав пас аз пайдо шудани формулае ба амал омад, ки санаи дақиқи таваллуди шахсро бо рақами тартибии элементи химиявӣ алоқаманд мекунад:

$$N = \frac{1200x + 10y + z + 120u - 1210}{400} + 1,$$

дар ин ҷо
**N** - адади элементи химиявӣ (аз рӯйи системаи даврӣ);
**x** - санаи рӯзи таваллуд (аз 1 то 31);
**y** - моҳи таваллуд (аз 1 то 12);
**z** - рақами пеш аз охирини соли таваллуд (аз 0 то 9);
**u** - рақами охирини соли таваллуд (аз 0 то 9).

Барои фаҳмидани он ки кадом элементи химиявӣ сарнавишти шуморо муайян мекунад, мувофиқи формулаи боло ҳисоб кунед; аз натиҷаи ба даст овардашуда, танҳо қисми бутунро гирифта, қисми касриро хориҷ кунед. Агар натиҷаи ҳисоб сифр бошад, дар ин ҳолат натиҷаи ниҳоӣ ба як баробар гирифта мешавад. Формула элементҳои химиявиро аз №1 (гидроген) то №93 (нептуний) дар бар мегирад. Элементҳои рақами тартибияшон калон ба система дохил карда намешаванд, зеро хосиятҳои химиявии онҳо кам фарқ мекунанд, ғайр аз ин, бисёре аз онҳо танҳо ба миқдори чанд атом ҳосил карда шудаанд.

Акнун ки рақами тартибии элементи мувофиқро муайян карда метавонед, шумо имкон доред, мустақилона барои худ, дӯстон ва хешовандон толеъномаи равшан ва боэътимод тайёр кунед. Дар аввал дониши химияи мактабӣ кифоя аст.

Саволи аввалине, ки фавран ба миён меояд, ин аст: оё ягон элемент нисбат ба дигараш бартарӣ дорад? Шояд беҳтаринаш вуҷуд дорад? Не! Ҳамаи элементҳо баробаранд. Маҳз элементҳои якҷоя гирифташуда тасвири пурраи оламро медиҳанд, аммо онҳо дар ташаккули ҷаҳони гирду атрофи мо бо ҳиссаҳои баробар иштирок намекунанд.

Дар сатҳи Замин паҳншавии элементҳои химиявӣ бо тартиби камшавӣ чунин нишон дода шудааст, массаи онҳо бо %: O, Si, Al, Fe, Ca, Mg, Na. Ҳамин тариқ, агар шумо ё яке аз дӯстони шумо яке аз ин элементҳо бошед, пас мо метавонем тахмин кунем, ки ба чунин одамон тафаккури васеъ, идеяҳои васеъ, майл ба ҳалли мушкилоти глобалӣ ва эҷоди лоиҳаҳои бузург хос аст.

Дар ядрои Замин элементҳои Fe ва Ni бартарӣ доранд. Ин одамон бо эътимоднокӣ, дурустии касби интихобкарда ва хоҳиш (на ҳамеша имконпазир) барои гирифтани ҷойи марказӣ дар коллектив фарқ мекунанд.

Дар кайҳон ҷойи пешбаранда ба ду элемент - H ва He тааллуқ дорад. Чунин одамонро техникаи кайҳонӣ ва парвози кайҳонӣ ба худ ҷалб мекунанд, ин элементи онҳост.

Саволи дуюми муҳим ин аст: кадом элементҳо ба мардон ва кадоме ба занон дахл доранд? Дар ин ҷо ҳам баробарии комил вуҷуд дорад, афзалиятҳо вуҷуд надоранд. Баъзе фарқиятҳо ҳангоми оиладоршавии одамон ба вуҷуд меоянд, аммо дар ин бора баъдтар маълумот медиҳем. Баъзе хусусиятҳои умумиеро, ки одамонро аз рӯйи хислатҳо гурӯҳбандӣ мекунанд, дида мебароем.

Ёздаҳ элементи газӣ (H, He, N, O, F, Ne, Cl, Ar, Kr, Xe, Rn) бо сабукии характер, қобилияти ба осонӣ кам кардани ҳаҷми дархостҳои онҳо дар зери фишори номусоиди беруна, шаффофии фикру ниятҳояшон фарқ мекунанд.

Дар ҳолати моеъ танҳо ду элемент мавҷуд аст - Br ва Hg. Онҳо ниҳоят ҳаракаткунандаанд, дар як ҷо нигоҳ доштанашон осон нест ва дар натиҷа, онҳо аз як коллектив ба коллективи дигар ба осонӣ мегузаранд. Галлий низ чунин хусусиятҳоро дорад (нуқтаи обшавии он ба ҳарорати хонагӣ 29,8°C наздик аст).

Аксари элементҳои химиявӣ ё беранганд ё ранги хокистарӣ - пӯлодии "металлӣ" доранд. Дар ин замина он чанд элементе, ки ранги ғайристандартӣ доранд (F, Cl, S, Cu, Br, I, Au), фарқ мекунанд. Онҳо истисно будани худро эҳсос мекунанд ва аз ин рӯ, баъзан бе сабабҳои кофӣ мехоҳанд, таваҷҷуҳи бештар ба шахсияти худ дошта бошанд. Фосфор дорои се тағйироти ранга - сафед, сурх ва сиёҳ буда, аз дигар элементҳо фарқ мекунад. Чунин одамон майл ба тарҳрезӣ, ороиши рангаи интерер, тарроҳии либос доранд.

Чор элемент номҳои занона доранд - S, Hg, Sb ва Pt. Агар онҳо ба занон мансуб бошанд, пас онҳо зебоиро кафолат медиҳанд, агар онҳо ба мардон мансуб бошанд, нисбат ба ягон кас ғамхорӣ доштани онҳоро ифода мекунанд.

Элементҳои Fe, Ag, Sn ва Au, новобаста аз он ки онҳо ба мардон ё занон мансубанд, қобилияти ба осонӣ аз худ кардани касбҳои мардона - рондани ҳавопаймо, вазнбардорӣ, навохтани асбобҳои зарбӣ ва аз касбҳои занона бошад – тӯрбофӣ ва навохтани удро метавонанд. Бо вуҷуди ин, ин қобилиятҳо дар сурати мавҷуд набудани шароити мусоид метавонанд, худро зоҳир накунанд.

Донистан дар бораи хислатҳои аслии худ ҳамеша муфид аст, бинобар ин, дар вақташ омода кардани толеъномаи дуруст муҳим аст. Аз ҳама муҳиммаш таҳлили хосиятҳои

химиявии элементҳо мебошад. Дар ин ҷо хотиррасон кардан бамаврид аст, ки калимаи «элемент» дар адабиёти химиявии русзабон нисбат ба атом ё аломати химиявии мушаххас истифода мешавад. Вақте ки сухан дар бораи хосиятҳои химиявӣ ё физикавӣ меравад, онҳо моддаеро дар назар доранд, ки аз атомҳои як намуд иборатанд, ба истилоҳ моддаи одӣ. Дар адабиёти инглисизабон барои ҳарду мафҳум – элемент як калима истифода мешавад, аз ин рӯ, мо дар оянда калимаи “элемент”-ро дар ҳама ҳолатҳо истифода хоҳем кард.

Биёед бубинем, онҳое, ки ба як гурӯҳи системаи даврӣ дохил мешаванд, чӣ гуна хусусиятҳоро доранд.

Металлҳои ишқорӣ бениҳоят энергетикӣ, дар муошират дағал, вале ухдабаро мебошанд, фурсати муносибро интизор нашуда, тақдири худро худашон ҳал мекунанд.

Металҳои ишқорзаминӣ аз рӯи сифат нисбат ба металлҳои ишқорӣ пасттаранд, аммо устуворанд ва чун қоида, дар ҳама коре, ки ба нақша мегиранд, муваффақ мешаванд.

Металлҳои интиқолӣ дар муошират ба таври ғайриодӣ гуворо мебошанд, табъи хушҳолӣ доранд, либосҳои рангашон равшанро дӯст медоранд (рангҳои гуногунро, ки пайвастагиҳои мураккаби онҳо доранд, ба ёд оред) ва дар ҳама ҷо зеби коллектив мебошанд. Аз гурӯҳи металлҳои интиқолдиҳанда металлҳои тобовар то андозае фарқ мекунанд, масалан, V, Mo ва W. Хусусияти фарқкунандаи онҳо худдорӣ кардан аз эродҳои сахт, оташин нашудан ва ба душвориҳо тоб овардан мебошад.

Агар шумо фикр кунед, ки металлҳои мансуб ба гурӯҳи металлҳои нодир (Au, Pt, Ag, Ir, Os, Pd, Rh, Ru) фоидаи калон ва тиҷорати бобарор доранд, пас ин тавр нест. Фақат ба хосиятҳои химиявӣ ва физикавӣ диққат додан лозим аст. Ин одамон ба душвориҳои рӯзгор ба осонӣ тоб меоранд, дар вазъиятҳои душвор худдориро аз даст намедиҳанд (ба хотир оваред, ки тобоварии баланди химиявӣ), бо меҳрубонӣ ва наҷибият фарқ мекунанд. Осмий саёҳат карданро дӯст намедорад, зеро нисбат ба дигарон гашту гузораш хеле вазнин аст (зиччиаш 22,5 г/см$_3$ мебошад, ки нисбат ба тилло баландтар аст).

Ҳамаи элементҳои радиоактивӣ дорои энергияи эҷодӣ мебошанд, дӯст медоранд, ки ғояҳо ва ҳама чизеро, ки доранд, бо дигарон нишон диҳанд. Аксарияти онҳо хеле зуд (вобаста ба нимпайвастшавӣ) ҳам таъминоти энергия ва ҳам сарвати моддии ба дастомадаро сарф мекунанд.

Табиати карбон метавонад гуногун бошад, аммо дар ҳар сурат, ӯ хеле меҳнатдӯст аст. Агар вай дорои хислати ғайриодӣ ба мисли алмос бошад, пас ӯ дар ҳалли масъалаҳои душвор ҳамто надорад, аммо агар ӯ нарм, мисли графит бошад, пас ӯро бисёриҳо эҳтиром мекунанд, зеро дар ҳолатҳои вазнин ба азму иродаи ӯ эътимод доштан мумкин аст.

Галогенҳо як каме хислати масхаракунанда доранд ва ба оҳанги заҳролуд майл доранд. Газҳои инертӣ ташаббуси кам доранд, ташаббускор нестанд, танҳоӣ ва инъикоси амиқро дӯст медоранд.

Хусусиятҳои элементҳои боқимонда набояд номбар карда шаванд. Худи хонанда аз он хурсанд мешавад, ки китоби дарсии химияи ғайриорганикиро ба даст гирифта, хосиятҳои «инсонии» он элементҳои зикрнашударо кашф кунад.

Азбаски дар байни хонандагон мактаббачагоне ҳастанд, ки барои ворид шудан ба ҳаёти мустақилона омода мешаванд, масъалаи ёфтани ҳамсафари зиндагӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, ҳамаро ба ташвиш меорад. Барои одамоне, ки химияро медонанд, ин чандон мушкил нест. Принсипи умумӣ шояд равшан бошад: барои металл, беҳтарин ҷуфт ғайриметалл аст.

Фарз мекунем, ки шумо 13 марти соли 1973 таваллуд шудаед. Баъди ҳисоб кардани формулаи дар боло овардашуда рақами 37-ро мегирем; мувофиқи системаи даврӣ, мо муайян мекунем, ки шумо рубидий ҳастед. Аз ин рӯ, як ҷуфти идеалӣ бо шумо галоген хоҳад буд, масалан хлор (6 июни 1973) ё бром (12 майи 1973). Лутфан таваҷҷуҳ намоед, ки дар системаи даврӣ аксарияти мутлақи онҳо металлҳо ё элементҳо мебошанд, ки хосиятҳои металлии намоён доранд. Факат 16 ғайриметаллҳои аз ҷиҳати химиявӣ фаъол мавҷуданд, ки қодиранд бо металлҳо

пайвастагиҳои мустаҳкам ба вуҷуд оваранд Оё ин чунин маъно дорад, ки барои металлҳо интихоби ҷуфт хеле душвор аст? Албатта не, зеро чунин як варианти бузург ба монанди ташаккули хӯлаҳои металлӣ вуҷуд дорад. Дар омади гап, ғайриметаллҳо метавонанд ҷуфтҳои хуби устуворро ташкил кунанд: $SiO_2$, $H_2O$, $CCl_4$ ва ғайра.

Донистани химия фавран ба мо имкон медиҳад, ки баъзе пешгӯиҳо кунем. Барои ҷуфти $SiO_2$ шинос шудан бо F (санаи таваллуд 3 сентябри соли 1976) номатлуб аст, зеро ӯ метавонад онро ба осонӣ нобуд кунад ва барои ҷуфти $H_2O$ беҳтар аст, ки металлҳои ишқорӣ, ба монанди Na (4 августи 1976) даъват накунанд. Пайвастани нитроген бо оксиген метавонад оқибатҳои пешгӯинашаванда дошта бошад, ҳаёт метавонад ё хеле шавқовар ($N_2O$ - гази хандон) ё нафасгиранда ($NO_2$ - гази қаҳваранг) шавад. Омезиши нитроген бо галогенҳо дар як ҷуфт бояд ба ҳар ҳол пешгирӣ карда шавад, чунин иттифоқ метавонад ба шикастани ғайричашмдошт оварда расонад ($NI_3$ ва $NC_{13}$ аз хурдтарин ларзиш таркиданаш мумкин). Интихоби рафиқ, шарики кор, ҳамсафар барои истироҳати якҷоя аз рӯи ҳамин принсипҳо сурат мегирад.

Пешгӯиҳои ситорашиносон, ки дар маҷаллаҳои гуногун нашр шудаанд, ҳатман нишон медиҳанд, ки кадом рӯзҳои ҳафта барои шахси мушаххас мусоид мебошанд. Дар химия ин низ пешбинӣ шудааст. Металлҳо дар ин ҷо бартарӣ доранд, зеро рӯзҳои хушбахт танҳо бо хусусиятҳои инфиродии онҳо муайян карда мешаванд.

Ҳолатҳои оксидшавӣ аз ҳама хоси металлҳои додашуда шумораи рӯзҳои мусоиди ҳафтаро нишон медиҳанд: барои металлҳои ишқорӣ - душанбе ($K_2O$, $Na_2O$), металлҳои ишқорзаминӣ - сешанбе (CaO, BaO), барои алюминий муҳити мувофиқтарин - чоршанбе ($AlCl_3$), волфрам - сешанбе, панҷшанбе, ҷумъа ва шанбе ($WCl_2$, $WCl_4$, $WCl_5$, $WCl_6$), рений - чоршанбе, панҷшанбе, шанбе, якшанбе ($Re_2O_3$, $ReO_2$, $ReO_3$, $R_{e2}O_7$). Мо мехоҳем онҳоеро, ки дар ҳафта рӯзҳои бобарори зиёде доранд, огоҳ кунем. Ноумедиҳо низ имконпазир аст. Фарз мекунем, ки шумо рений ҳастед ва интизоред, ки рӯзи чоршанбе муваффақ мешавед, аммо ба нокомӣ рӯ ба рӯ мегардед. Ин маънои онро дорад, ки алюминийи пурқуввате, ки дар як ҳафта танҳо як рӯзи хуб дорад, бахти шуморо гирифтааст.

Рӯзҳои мусоид барои оксиген ва галогенҳо ба таври гуногун муайян карда мешаванд. Рақами рӯзи ҳафта индекси адади элементи додашуда дар ҳама гуна робита мебошад. Ҳамааш аз шарики онҳо вобаста аст. Агар хлор бо волфрам алоқаманд бошад (нигаред ба боло), пас рӯзҳои бахти он сешанбе, панҷшанбе, ҷумъа ва шанбе, агар бо алюминий алоқаманд бошад, танҳо чоршанбе ($AlCl_3$) ва агар бо ҳамдигар бошад, сешанбе ($C_{12}$) мебошад.

Дар ҳаёти одам пайдо кардани дӯстони хуб, дар коллектив муносибатҳои муътадил пайдо карда тавонистан, барои истироҳати сайёҳии душвор ва ё кӯҳнавардӣ гурӯҳи дуруст интихоб карда тавонистан, аҳаммияти калон дорад. Толеъномаи химиявӣ барои чунин мақсадҳо бениҳоят қулай аст. Принсипи умумӣ ҳамон аст - устувории пайвастагиҳои химиявӣ.

Ҳангоми гузаштан ба пайвастагиҳое, ки се ё зиёда элемент доранд, бояд ба он чизе, ки худи табиат ба мо пешниҳод мекунад, роҳнамоӣ кард. Минералҳои табиӣ устувортарин, пеш аз ҳама, алюмосиликатҳои гуногун мебошанд: шпатҳои саҳроӣ - $KAlSi_3O_8$, $NaAlSi_3O_8$, $CaAl_2Si_2O_8$, слюдаҳо - $KAl_2[AlSi_3O_{10}](OH)_2$ ва ғайра. Аксари металлҳо дар чунин муҳит худро хеле бароҳат ҳис мекунанд. Дар ин ҳолат, барои дастаҳои гуногун, ки бо муносибатҳои дӯстона муттаҳид шудаанд, имконоти зиёде мавҷуданд. Чунин ҷамъиятҳо масъалаҳои истеҳсолиро низ бомуваффақият ҳал карда метавонанд. Агар ягон коллективи эҷодӣ вазифаи басо душворро ҳал кунад, пас на пайвастагиҳои табиӣ, балки онҳоеро гирифтан лозим аст, ки нишондиҳандаҳои баландашонро таҷрибаи инсоният муқаррар кардааст. Дар баробари ин, хӯлаҳои металлии дорои хосиятҳои махсус ба майдон меоянд.

Хӯлаҳое, ки Fe, Co, Ni, Cr, Mn доранд, дорои қобилияти кории хуб мебошанд, тобовар буда, метавонанд ба амали хашмгинонаи дигарон муқобилият нишон диҳанд. Дар чунин ҷамъият иштироки карбон ҳамеша фоиданок аст, ки ин ба коллектив чандирии пӯлод медиҳад, дар ҳоле ки таъсири карбон бояд ночиз бошад (на

бештар аз 2%), вагарна коллектив аз сабаби шикастани хоси оҳани чӯян рахна пайдо мекунад.

Гурӯҳи корӣ, аз ҷумла V, Mo, W, метавонад ба гармии баланд тоб оварад ва дар ягон нуқтаи гарми сайёра оромиро аз даст намедиҳад. Қатори сайёри оперативӣ бояд бо иштироки металлҳои сабуки Mg, Al, Ti интихоб карда шавад.

Дар ҳама гуна ҷуфт ва дигар комбинатсияҳои Fe, Co, Ni ва Gd хеле хубанд. Онҳо ферромагнитӣ мебошанд ва аз ин рӯ, дар байни онҳо майдони мусоиди муносибатҳои дӯстона ба осонӣ ба вуҷуд меояд.

Биёед, фарқи асосии байни химология ва астрологияи анъанавиро қайд кунем. Ду нафаре, ки рӯзи таваллуди паси ҳамдигар доранд, масалан, 17 феврали соли 1976 ва 18 феврали соли 1976, пешгӯиҳои якхелаи астрологӣ доранд ва толеъномаи химиявии онҳо гуногун аст - онҳо ба рақамҳои 50 (қалъагӣ) ва 53 (йод) мувофиқ меоянд. Тафовут дар характери ин одамон асосӣ аст. Илова бар ин, астрология чунин меҳисобад, ки дар як сол доираи бурҷҳои солшуморӣ (ва аз ин рӯ, маҷмуи толеъномаҳо) такрор мешавад. Дар химология қонуният мураккабтар аст. Масалан, литий на дар соли 1974 ва на дар соли 1975 мувофиқи формула пайдо шуда наметавонад, вай танҳо дар охири соли 1976 пайдо мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки пешгӯиҳои астрологии ҳарҳафтаина, ки дар маҷаллаҳои гуногун нашр мешаванд, аз ҳамдигар ба таври назаррас фарқ мекунанд. Мунаҷҷимон кӯшиш мекунанд, ки толеъномаҳоро муфассалтар кунанд, мавқеи сайёраҳоро ба назар мегиранд, ки онро то ҳадде озодона шарҳ медиҳанд. Эҳтимол на ҳама астрологҳо дар бораи сохтори системаи офтобӣ тасаввуроти кофӣ доранд. Масалан, аз суҳбат бо астрологҳо ба ман муяссар шуд, муқаррар кунам, ки ба фикри онҳо тағйири фазаҳои Моҳ (ба ҳилол табдил ёфтани Моҳи пурра), дар натиҷаи афтодани соя аз Замин ба Моҳ ба амал меояд. Албатта, ин дуруст нест! Шумо ҷавоби дурустро дар ҳама китобҳои дарсии астрономия хоҳед ёфт.

Бартарии химология дар он аст, ки он ба илми фундаменталӣ асос ёфтааст ва тамоми адабиёти химиявӣ, ки барои тартиб додани толеъномаҳо заруранд, тафсирҳои якхела ва безиддият доранд. Табиат, ки (бо иштироки Д.И.Менделеев ҳалкунанда) ҳамаи блокҳои ибтидоии коинотро бо тартиби муайян ба таври қатъӣ ҷо ба ҷо гузоштааст, ба мо асбоби боэътимоди пешгӯиро пешкаш намуд.

Диққати шуморо ба он ҷалб карданием, ки формулаи химиявии дар боло пешниҳодшуда ҳангоми ҳалли масъалаи бевосита - муайян кардани шумораи элементи химиявӣ аз рӯи санаи таваллуд хеле хуб кор мекунад. Дигар вазифаҳоро ҳал кардан хеле душвортар аст. Масалан, шумо барои ҳалли мушкилоти нави техникӣ як гурӯҳи мутахассисонро ҷалб мекунед. Дар ҳайати гурӯҳ ба шумо як элементи муайяне лозим аст, масалан уран (№92), яъне синну соли наздик ба 25 сола. Эҳтимол шумо дарҳол роҳи ҳалли худро намеёбед. Агар шумо дар натиҷаи ҳисобҳо санаи муайян ба даст оред, ҳатман ҳисоби санҷишаш баръаксро гузаронед, қимати ҳосилшударо ба формула гузоред. Эҳтимол, шумо элементе, ки интизор будед, нахоҳед гирифт. Дар ин сурат яке аз ҷавобҳои дуруст барои уран 31 августи соли 1976 аст. Агар шумо тарзи ҳалли ин гуна масъалаҳоро омӯзед, худро химологи касбие ҳисоб карда метавонед, ки ба ҳар савол ҷавоб ёфта метавонад.

Бо мурури замон, эҳтимолан ҷадвали химиявӣ нашр шавад, ки ба ҷадвали даврӣ шабоҳат дорад ва бо расмҳо ва маълумоти дахлдор пурра карда шавад. Чунин ҷадвал барои онҳое, ки бо кимиёдонҳо ошно ҳастанд, муфид хоҳад буд. Дар ин сурат, кимиёдонҳо нисбат ба ҳар кас бартарӣ доранд: ба онҳо чунин ҷадвал лозим нест, дар баробари системаи даврӣ китоби хуби химияи ғайриорганикиро гирифта, толеъномаи босалоҳият тартиб додан қулайтар аст. Бо мурури замон, одамоне, ки аз химия дуранд, ба ҳамин кор шурӯъ мекунанд. Ба ҷои кӯшиши азёд кардани хосиятҳои пурасрори Саратон, Далв ва Ақраб, одамон ба омӯхтани хосиятҳои химиявӣ ва физикии элементҳои химиявӣ шурӯъ мекунанд. Шубҳае нест, ки инкишофи минбаъдаи илми нав боиси боз ҳам бештар такмил додани усулҳои пешгӯии аз ҷиҳати илмӣ асоснок мегардад. Махсусан дар замоне, ки инсоният ба иттилооти дақиқ ва фаврӣ ниёзи бештар пайдо намудааст.

**Азмиддин УБАЙДОВ,**
**омӯзгори мактаби №6,**
**Ҳимматбек ҲАМРОЕВ,**
**Мирзокарим КАЛОНОВ,**
**омӯзгорони мактаби №17-и ноҳияи Мастчоҳ**

# САМАРАИ ОЗМУНҲОИ МАЪРИФАТӢ ДАР ТАШАККУЛИ ДОНИШҲОИ СИЁСИЮ ҲУҚУҚИИ НАВРАСОН

Тарбия асоси таълим буда, дар ташаккули афкори созандаву инсонсолор ва қонунмандонаи насли наврас мақоми аслиро ифо менамояд. Дар Консепсияи миллии тарбия қайд мешавад, асоси методологии тарбияро дар кишвари мо тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он таҳкими Истиқлоли давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ мебошад.

Вобаста ба ин масъалаи муҳим аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми чораҳои муассир андешида мешаванд, то ин ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ба вежа, насли наврасу ҷавон дар асоси ҳуқуқҳои конститутсионӣ зиндагӣ, кор ва фаъолият карданро омӯзанд.

Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбия барои хонандагон ташаккули инсони комил мебошад, ки он дар худ нангу номуси миллӣ, зеҳнияти ҳуқуқию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонию миллиро таҷассум карда, худро соҳиб ва ҳомии Ватан ҳисоб карда тавонад.

Дар Консепсияи миллии тарбия ватандӯстӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия зикр шуда, он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан низ ифода шудааст. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот гирифта, садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш низ дар назар дорад.

Тарбияи ҳуқуқӣ ташаккули дарки ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои шаҳрвандон дар назди давлат ва ҷомеа мебошад. Вазифаи тарбияи ҳуқуқӣ донистани ҳуқуқ ва риояи онҳо мебошад. Риояи Конститутсия, қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳо ва шаъну шарафи дигаронро эҳтиром намудан, ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлол, амният ва иқтидори мудофиавии он, сатҳи маърифат ва ахлоқи шаҳрвандро баланд намуда, мавқеи ҷамъиятии ӯро устувор мегардонанд.

Мақсади ниҳоии тарбияи ҳуқуқӣ ташаккули фарҳанги ҳуқуқии шахс мебошад, ки он тавонад дар ҷомеа аз ҳуқуқҳои худ дифоъ намояд ва ҳуқуқҳои дигаронро низ арҷ гузорад.

Ба хотири ташаккули маърифати ҳуқуқии наврасон ва баланд бардоштани дониши сиёсии онҳо шуъбаи кор бо ҷавонони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Мастчоҳ дар ҳамбастагӣ бо роҳбарияти муассисаҳои таълимии ноҳияи Мастчоҳ ва ҳамкорӣ бо омӯзгорони фанҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ, таърих ва ҳуқуқ озмуни маърифатии «Ҳуқуқдон» баргузор карда шуд.

Барои гузаронидани озмуни мазкур мо пешакӣ ба хонандагон матни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо», «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ва «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон»-ро дастрас намуда, ҳамзамон ба онҳо мутолиаи китобҳои дарсии «Омодагии ибтидоии ҳарбӣ» барои синфҳои 10-11, «Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои синфҳои 8-9, «Ҳуқуқи инсон» барои синфҳои 10-11-ро тавсия намудем.

Барои гузаронидани озмун хонандагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ интихоб шуданд. Озмун аз рӯйи маводи зерин гузаронида шуд, ки умедворем барои истифодаи корӣ ба омӯзгорони ҷавон василаи муфид хоҳад буд.

## РОҲНАМО БА ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН

### *I. Маводи озмуни «Ҳуқуқдон» барои синфҳои 9*

**А) Ба саволҳо ҷавоб нависед. (12 хол)**

1.Давлат чист?: ______________________________

2.Субъектҳои ҳуқуқи граждаиро нависед: ______________________________

3.Ҳисси шаҳрвандӣ гуфта, чиро меноманд? ______________________________

**Б) Ба ҷойи хатҳо ҷавоби мувофиқро нависед (6 хол)**

1.Муносибати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти судӣ дар асоси ______________ ва ______________________ сурат мегирад.

2. Ноболиғони синни аз _________ то ________-сола худашон барои зарари ба дигарон расонидаашон ҷавоб медиҳанд.

3.Иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқи мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ дар сурате ваколатдор ҳисобида мешавад, ки дар он на камтар аз __________ шумораи муқарраршудаи вакилон иштирок дошта бошанд.

**В) Маълумот дар бораи Конститутсияро пурра намоед. (16 хол)**

| Мазмун | Модда | Боб |
|---|---|---|
| Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо мебошанд | | |
| Бисёрникоҳӣ манъ аст. | | |
| Ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад | | |
| Ваколати Президент баъд аз савганд ёд кардани Президенти нав қатъ мегардад. | | |

**Г) Ҷиноятҳои ба муқобили ҳокимияти давлатӣ анҷом дода мешуда ба кадом гурӯҳҳо ҷудо мешаванд: (12 хол)**

1.______________________________

2.______________________________

3.______________________________

4.______________________________

**Ғ) Шарҳи мафҳумҳо (10 хол)**

1.Президент – ______________________________

2.Конститутсия – ______________________________

3.Шуури ҳуқуқӣ – ______________________________

4.Хизмати ҳарбӣ – ______________________________

**Д) Ихтисораҳоро пурра намоед: (6 хол)**

1.ИДМ ______________________________

2.СММ ______________________________

3.ҲХДТ ______________________________

4.ВАО ______________________________

**Е) Маълумот дар бораи сохторҳои кудратии давлатӣ (8 хол)**

| № | Номи сохтор | Мансуб ба кадом вазорат ё кумитаи давлатӣ мебошад? | Роҳбари вазорат ё кумитаи давлатӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Хадамоти оташхомӯшкунӣ | | |
| 2 | Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ | | |
| 3 | Қушунҳои ҳавоӣ | | |
| 4 | Қушунҳои зудамал | | |

**Ё) Маълумот дар бораи як боби Конститутсия: (10 хол)**

Боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин унвон дорад: ______

________________________________________________________________

Ин боб аз ____ модда иборат буда, аз моддаи _______ то моддаи _______- ро дарбар мегирад.

Мувофиқи моддаи 44 – уми Конститутсия ______________________________

### *II. Маводи озмуни «Ҳуқуқдон» барои синфҳои 10*

**А) Ба саволҳо ҷавоб нависед. (12 хол)**

1.Ҳуқуки ҷиноятӣ: ________________________________________________

2.Ҷазо чист? _____________________________________________________

3. Принсипҳои ҳуқуқии инсонро нависед ____________________________

Б) Ба ҷои хатҳо ҷавоби мувофиқро нависед (6 хол)

1. _________________ ҳама гуна фарқиятгузорӣ, истисно кардан ва афзалиятнокиро дорад, ки ба таври баробар амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳоро рад мекунад ё маҳдуд мегардонад.

2. Агар кӯдак аз

_______-солагӣ (ҳадди ниҳоӣ) боло бошад, ӯро бе ризоияташ ба фарзандӣ гирифтан мумкин нест.

3. Мувофиқи моддаи ________ -и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсимоти он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад.

**В. Маълумот дар бораи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра намоед (16 хол)**

| Мазмун | Модда | Номи қонун |
|---|---|---|
| Фарзанди болиғу қобили меҳнат уҳдадор аст, ки падару модари худро нигоҳубин ва таъмин намуда, онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ намоянд | | |
| Дар ҷашну маросим пошидан ва ҷаспондани пул манъ аст. | | |
| Оила ҳамчун зинаи ибтидоӣ дар низоми тарбияи ватандӯстӣ ҷои махсусро ишғол менамояд. | | |
| Рутбаи якуми ҳарбии афсари эҳтиёт аз тарафи вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. | | |

**Г) Объектҳои ҳифзи муҳити табиии зист кадомҳоянд; (12 хол)**

1.________________________________________________________________

2.________________________________________________________________

3_________________________________________________________________

4.________________________________________________________________

**Ғ) Шарҳи мафҳумҳо (10 хол)**

1. Қайди ҳарбӣ – __________________________________________________

2.Тоталитаризм – __________________________________________________

3.Демократия – ___________________________________________________

4.Кодекс- ________________________________________________________

**Д) Ихтисораҳоро пурра намоед: (6 хол)**

1.САҲА __________________________________________________________

2.САҲШ _________________________________________________________

3.СҲШ __________________________________________________________

4.ЮНЕСКО _______________________________________________________

### Е) Маълумот дар бораи сохторҳои қудратии давлатӣ (8 хол)

| № | Номи сохтор | Мансуб ба кадом вазорат ё кумитаи давлатӣ мебошад? | Роҳбари вазорат ё кумитаи давлатӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Идораи нотариалӣ | | |
| 2 | Хадамоти шиносномадиҳӣ | | |
| 3 | Гвардияи миллӣ | | |
| 4 | Қушунҳои сарҳадӣ | | |

### Ё) Маълумот дар бораи як боби Конститутсия: (10 хол)

Боби чоруми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин унвон дорад: ______________ ______________________________. Ин боб аз _____ модда иборат буда, аз моддаи ________ то моддаи _____-ро дарбар мегирад. Мувофиқи моддаи 68 – уми Конститутсия ________________ ______________________________________________________

### *III. Маводи озмуни «Ҳуқуқдон» барои синфҳои 11 ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёнаи касбӣ*

### А) Ба саволҳо ҷавоб нависед. (12 хол)

1.Ҳуқуқи оилавӣ: ________________________________________________________________
2. Амвол чист? ____________________________________________________________________
3. Терроризм чист? _______________________________________________________________

### Б) Ба ҷои хатҳо ҷавоби мувофиқро нависед (6 хол)

1. ________________________ раванди ҷойивазкунии аҳолии берун аз сарзамини худ мебошад.

2. Худмуайянкунии _______________, __________________ ва ________________________- ро фарқ мекунанд.

3. Суди конститутсионӣ аз ____нафар иборат аст. Аз ҷумла, ____ нафар, ___нафар муовини раис ва ____судя иборат аст.

### В. Маълумот дар бораи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра намоед. (16 хол)

| Мазмун | Модда | Номи қонун |
|---|---|---|
| Падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии баробар доранд. | | |
| Ҷашни зодрӯз ба таври ихтиёрӣ танҳо дар доираи оила гузаронида мешавад. | | |
| Оила ҳамчун зинаи ибтидоӣ дар низоми тарбияи ватандӯстӣ ҷои махсусро ишғол менамояд. | | |
| Мӯҳлати дар хизмати ҳарбӣ будани шаҳрвандоне, ки ба хизмати давлатӣ дохил мешавад, бо тартиби муқарраршуда ба собиқаи хизмати давлатӣ дохил карда мешавад | | |

### Г) Гурӯҳи шаҳрвандонеро номнавис кунед, ки аз қайди ҳарбӣ бароварда мешаванд:(12 хол)

1.______________________________________________________________
2.______________________________________________________________
3.______________________________________________________________
4.______________________________________________________________
5.______________________________________________________________
6.______________________________________________________________

### Ғ) Шарҳи мафҳумҳо (10 хол)

**1.Декларатсия –** ________________________________________
**2.Коррупсия –** ________________________________________
**3.Вето** ________________________________________
**4.Ифротгароӣ-** ________________________________________

### Д) Ихтисораҳоро пурра намоед (6 хол)

1.ЮНИФЕМ ________________________________________
2.ТБМ - ________________________________________
3.СПАД - ________________________________________
4.КМИР- ________________________________________

### Е) Маълумот дар бораи сохторҳои қудратии давлатӣ (8 хол)

| № | Номи сохтор | Мансуб ба кадом вазорат ё кумитаи давлатӣ мебошад? | Роҳбари вазорат ё кумитаи давлатӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Бозрасии давлатии автомобилӣ | | |
| 2 | Ташкилоти ҷамъиятии мададгори мудофиа | | |
| 3 | Қушунҳои хушкигард | | |
| 4 | Қушунҳои сарҳадӣ | | |

### Ё) Маълумот дар бораи як боби Конститутсия: (10 хол)

Боби якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин унвон дорад:________ _____________ ____________________. ______________________. Ин боб аз _____ модда иборат буда, аз моддаи _____то моддаи ______- ро дарбар мегирад. Мувофиқи моддаи 7 – уми Конститутсия ___________________________________________________

Ҳамин тариқ, мо тибқи маводи пешниҳодшуда дар сатҳи баланд озмунро баргузор намудем. Натиҷаҳои нишондодаи хонандагон дар ҷадвали зерин оварда шудаанд, ки шумо низ метавонед ба тарзи худ ва вобаста ба посухи шогирдон баҳогузорӣ намоед:

| Гурӯҳи синфҳо | Миқдори иштирокдорон 150 нафар | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳудуди холҳои бадастовардаи хонандагон | | | | | | | | | |
| | Аз 0 то 16 хол | Аз 0% то 20% | Аз 17 то 39 хол | Аз 21% то 49% | Аз 40 то 59 хол | Аз 50% то 74% | Аз 60 то 71 хол | Аз 75% то 89% | Аз 72 то 80 хол | Аз 90% то 100% |
| | Шумораи хонандагон вобаста ба холҳои бадастовардаи онҳо | | | | | | | | | |
| Синфи 9 (48 нафар) | 6 | 12% | 10 | 23% | 23 | 47% | 6 | 12% | 3 | 6% |
| Синфи 10 (44 нафар) | 4 | 10% | 12 | 24% | 22 | 51% | 4 | 10% | 2 | 5% |
| Синфи 11 (41 нафар) | 2 | 5% | 5 | 12% | 20 | 49% | 8 | 21% | 5 | 12% |
| Донишҷӯён (18 нафар) | 2 | 12% | 5 | 29% | 9 | 47% | 1 | 6% | 1 | 6% |
| **Ҷамъ** | **14** | **9%** | **32** | **22%** | **74** | **49%** | **19** | **13%** | **11** | **7%** |

Таҳлили нишондодҳои дар ҷадвал нишондодашуда собит мекунад, ки бо омӯхтани фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ дар синфҳои болотар донишҳои сиёсию ҳуқуқии хонандагон баланд мегардад. Ин нишондод талаб мекунад, ки бояд ба масъалаҳои тайёрии ҳарбию сиёсии наврасон аз синни поёнтар диққат дода шавад. Дар ин самт ташкилу гузаронидани чорабиниҳои маърифатию беруназдарсӣ, бозиҳои ҳарбӣ ва машғулиятҳои сиёсӣ беҳтарин восита маҳсуб

**Муҳаммадраҳим ТОШПӮЛОДОВ,**
**омӯзгори Литсейи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**



# ОМӮЗГОР, БАҲОРИ ЗИНДАГИЯТ БЕХАЗОН БОД!

Дар ситоиши падару модар, омӯзгору табиб суханварон басо суханҳои воло гуфтаанду дурри маънӣ суфтаанд ва алъон мегӯянду дар оянда низ хоҳанд гуфт. Волидон дастгоҳи инсонофаранд, табибон аз рӯзи таваллуд то охири умри инсон мудом дар паи таъмиру тармими саломатии одамон мебошанд. Омӯзгор тавассути таълиму тарбия аз кӯдаки нодон инсони бомаърифату бофарҳанг, оқилу доно, дар ҳалли ҳар мушкилот тавоноро ба воя мерасонад. Ба ибораи дигар гӯем, мактабу муаллим инсони комил меофаранд.

Албатта, маънавиёт кори саҳл нест, як моҳу як сол не, балки дар тамоми марҳилаҳои умр ба мисли обу ҳаво зарур аст. Тарбияи волидон, сабақҳои омӯзгорон, таҷрибаи рӯзгор, пайваста бо омӯзиш машғул шудан инсони комил - олими тавоно ва ё шоири маҳбубу маъруфро ба арсаи ҳаёт меоварад. Ин маънӣ дар мисраъҳои зерини шоири маъруф Саноии Ғазнавӣ нуктасанҷона ифода шудааст:

**Солҳо бояд, ки то як санги аслӣ з-офтоб**
**Лаъл гардад дар Бадахшон ё ақиқ андар Яман.**
**Умрҳо бояд, ки то як кӯдаке аз рӯи табъ,**
**Олиме гардад наку ё шоире ширинсухан.**

Ранҷу заҳматҳои муаллим, қабл аз ҳама, дар зеҳни адибон падидор гашта, тавассути килки эшон дар коғаз сабт шудааст. Ашъори пурмуҳтавои шоиронро мавриди мутолиа қарор дода, мартабаву манзалати дар ҳаёту мамотамон доштаи омӯзгорро дарк мекунем. Омӯзгор кӯдаки нодонро ба сабақ додан мепардозад, аз ҳар як ҳарфи дуруст хондаи ӯ шоду мамнун мегардаду аз ҳар як ноқисии навиштаи ӯ бар худ мепечад, ботинан ноороҳат мешавад, вале ҳамаи онро таҳаммул мекунаду нороҳативу ноҳинҷориашро фурӯ мебараду бо табассум хатои шогирдро ислоҳ менамояд ва тарзи дуруст навиштану хонданро меомӯзонад. Тифли ба дабистон омада ҳанӯз ҳарфи дуруст гуфтанро намедонад, одоби сухангӯиро маҳз аз омӯзгор меомӯзад. Ҳар як тифл дар зиндагӣ ба дуроҳае дучор мешавад; яке роҳи нек ва дигаре роҳи бад. Танҳо омӯзгор аст, ки аз дасти ӯ гирифта, ба роҳи нек ҳидоят менамояд ва хислатҳои ҳамидаи инсониро меомӯзонад, то ки инсони комилу асил гардад. Бо мақсади он ки шогирд дар ҳаёт роҳи дурусту манфиатборро интихоб намояд, меҳру муҳаббати касбу корро дар қалби ӯ бедор мекунад, ахгаре дар қалби ӯ падидор менамояд, ки нисбат ба пешаиояндаи ӯ раҳнамоӣ кунад. Маҳз омӯзгор аст, ки

дар ниҳоди шогирдон муҳаббату самимият нисбат ба волидон, нисбат ба Ватани азизу кишвари шукуфон пайдо менамояд ва ҳурмату эҳтироми падару модар, ҳифзи Ватани маҳбубро дар мадди аввал мегузорад. Фидокорию сарсупурдагӣ, матонату қаҳрамониро дар ҷисму ҷони шогирд устод мепарварад. Бар халқу меҳан хидмати садоқатмандона намудани шогирдашро дида-ву шунида, қабл аз ҳама, устоди ӯ мамнуну масрур мегардад. Ӯ дар зафару комёбию дастоварди шогирд ҳиссаи худро дармеёбад ва аз он шоду мамнун мегардад.

Ба қавли шоири маҳбуби халқ, шодравон Боқӣ Раҳимзода:

**Тақдири насли миллат бар зиммаи ту бор аст,**
**З-ин бештар ба дунё дигар чӣ эътибор аст?!**

Модар моро тифли нодон ба дунё меовард, падар ҳам, пас аз ба дасти омӯзгор супурдан, худ аз заҳмати тарбияти мо сабукиҳо эҳсос менамояд. Танҳо баъд аз сабақомӯзии омӯзгор, пас аз ҳифзи дарсҳои устод мо ба фаҳми зиндагӣ мерасем, тафовути баду некро сарфаҳм рафта, пастию баландӣ, неку бади ҳаётро дарк менамоем, талхию ширинии рӯзгорро чашида, ба қадри оламу одам мерасем. Танҳо як чиз (аз рӯи хоксорию шикастанафасӣ) - ба қадри омӯзгор расиданро устод ба мо хотиррасон намекунад.

Ҳақ ба ҷониби Эраҷ Мирзост, ки фармудааст:

**Пас маро миннат аз устод бувад,**
**Ки ба таълими ман устод истод.**
**Ҳар чӣ медонист, омӯхт маро,**
**Ғайри як асл, ки ногуфта ниҳод.**
**Қадри устод наку донистан**
**Ҳайф! Устод ба ман ёд надод.**

Муаллим ба гунаи офтоб аст, ки баҳру барро зи нури илму дониш равшан менамояд, омӯзгор аз партави дониш раҳравонро раҳдон менамояд. Муаллим боғбонест, ки бо саъйи ӯ гулҳо рангину муаттар мегарданд, ниҳолҳо хуш нашъунамо меёбанд, дарахтон неку бор меоваранд. Муаллими донишманд чашму чароғи ҷомеа буда, метавонад зеҳнияти як кишварро тағйир диҳад.

Олимону донишмандон, шоирону нависандагон, қаҳрамонони меҳнат, роҳбарону кормандони давлат, мунодиёни сулҳу тарғибгарони бахт, дорандагони ордену медалҳо аз омӯзгор таълиму тарбият гирифтаанду имрӯз ҳар кадоме аз ӯ донотаранд, дар тафаккуру бузургӣ, қадру манзалаташ низ аз ӯ волотар аст. Ҳар гоҳе ки муаллим онҳоро мебинад, ба қавли шоири тавонои миллат, равоншод Лоиқ Шералӣ:

**Ҳар гоҳашон бубинӣ, ёд аварӣ, чӣ гуна**
**Меомаданд мактаб, дар ҷузвдон “Алифбо”.**
**Кони савол ҳар як, жӯлидаеву ҳайрон,**
**Олударанг дасту нӯки забону лабҳо.**

Ҳамон заҳматҳои омӯзгор аст, ки мунаҷҷим ситораи нав меёбаду маъданшинос кони тилло, кайҳоннавард дар фалак роҳ мекушояд.

Ҳурмату эътибори омӯзгор аз мартабаи осмон баландтар асту сухани омӯзгор ҷонбахшу ҷонпарвар. Дар ҳар ду олам аз ҳамаи неъматҳо авлотар пораи нони муаллим аст, зеро заҳмати ӯ дар офаридани инсони комил беҳаду канор. Ояндаи халқу Ватан ба файзу эҳсони омӯзгор вобаста аст. Каму беши замонро танҳо бо мизони омӯзгор баробар кардан мумкин аст. Оянда танҳо бо нури чашмони муаллим дурахшон дида мешавад. Касе, ки саодати ҷаҳон мехоҳад, аз хидмати устод бояд рӯ барнатобад. Шукӯҳу шаҳомату шони муаллим аз ҳама болотар аст. Дарси омӯзгор дарси шуҷоат, азму рафоқат, росткорию устуворист. То ба субҳи саодат моро омӯзгор мерасонад ва мӯяш сафед мегардаду моро бахти сафед ато ме-

кунад. Раҳнамоюо раҳкушоюо ҷонфидои ҳар як шогирд омӯзгор асту аз кору асрори дунё маҳз омӯзгор шогирдонро воқиф мегардонад. Панди накуи омӯзгор як умр нигаҳбони шогирд асту сарвари ҳама бузургони ҷаҳон омӯзгор мебошад ва бузургии муаллим чун нури безаволи ховар ҳамто надорад.




Дар фарҷоми ин меҳрномаам таманнои онро дорам, ки омӯзгорон мудом сиҳату саломат бошанду дар таълиму тарбияи кӯдакону насли наврас ва ҷавонон, ки ояндаи халқу миллат, қувваи пешбари ҷомеа, кишвари гулистону биҳиштосоямон мебошанд, мондашавиро ҳис нанамоянд. Орзуманди онам, ки намояндагони касбу кори гуногун, дар ҳар гӯшаи олам, устодону омӯзгорони худро ҳамеша самимона ҳурмату эҳтиром намоянд, ба қадри ранҷу заҳматҳои эшон бирасанд...

Ин байтҳои самимонаи шоири маҳбубу маъруфи Тоҷикистон, зиндаёд Гулназар баёнгари иззату эҳтироми ҳар як шогирд нисбат ба устоди хеш аст:

**Сано гӯям, ки ӯ устоди халқ аст,**
**Ҷаҳони хуррамy ободи халқ аст.**
**Дуо гӯям, ки умраш ҷовидон бод,**
**Баҳори зиндагиаш бехазон бод!**

## ХӮШАЕ АЗ ҲАР ГӮШАЕ

Дар мактабҳои миёнаи умумии Ҷопон соли таҳсил аз 1 апрел то 1 март идома меебад. Бачаҳо танҳо як моҳ истироҳат мекунанд. Дар Индонезия (моҳи январ) ва Ҳиндустон (апрел) низ як моҳ истироҳат мекунанд. Дар Норвегия ва Мозамбик бошад, таътил 2 моҳ давом меёбад. Ҳамчунин, дар Аргентина, Эквадор, Панама, Сидней таътил 4 моҳ идома меёбад.

Дарозтарин дарси назариявӣ (лекция) дар яке аз донишгоҳҳои Австралия, ки зиёда аз 50 соатро дар бар мегирифт, давом ёфтааст. Онро профессор Мари Берроуз дар доираи фанни биология ба 25 нафар донишҷӯ хондааст.

Намояндагони ҳукумати Британияи Кабир истифодаи калимаҳои ихтисоршуда “Сленг”-ро барои наврасони 11-18 сола дар мактабҳои миёнаи умумӣ манъ кардаанд. Хонандагон ҳангоми суҳбат бояд калимаҳоро пура истифода баранд, ҳатто калимаҳои ихтисоршудаи “салом” ва “хайр”-ро. Онҳо бояд ҳар субҳ вақте вориди мактаб мешаванд, “салому алейк”, “субҳ ба хайр” ва вақти рафтан “хайр то дидор” ё “шоми шумо ба хайр бошад” гӯянд. Ҳадафи ин иқдоми намояндагони Ҳукумат он аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд танҳо забони адабии англисӣ истифода шавад.

Дар муассисаҳои таҳсилотии Ҷопон хонандагон то синфи 4 имтиҳон намесупоранд. Чаро? Зеро ҳадафи асосӣ дар се соли аввал, баҳо додан ба дониши кӯдакон нест, балки омӯзонидани одоби хуб ва ташаккули хислат аст. Яъне, аввал ба онҳо тарзи рафторро дар ҷомеа меомӯзонанд, баъдан, дигар фанҳоро.

**Фараҳноз ЮСУФАЛИЗОДА,**
**омӯзгори забони англисии**
**мактаби №6-и ноҳияи Исмоили Сомонии**
**шаҳри Душанбе**



# УСУЛҲОИ БЕҲТАРИНИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Омӯзиши забони англисӣ ҳамчун забони муошırати байналмилалӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои инсонӣ яке аз василаҳои муҳими расидан ба донишҳои васеи муосир ва густариши ҷаҳонбинии инсон маҳсуб мешавад.Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русию англисӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад. Бо ин мақсад, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, № 438 «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул гардидааст, ки татбиқи он аз ҷониби Вазорати маориф ва илми кишвар бомаром идома дорад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ ба насли ҷавон ҳидоят медиҳанд, барои ҳар як ҷавон, ба ғайр аз забони модарӣ, донистани ду забони хориҷӣ муҳим мебошад. Наврасону ҷавонон низ ҳамарӯза кӯшиш менамоянд, ки дар пайравӣ аз фармудаҳои Сарвари маҳбуби кишварамон ба омӯхтани забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, забони англисӣ бештар машғул шаванд. Вале ҳамарӯза шоҳид мешавем, ки иддае аз наврасону ҷавонон дар омӯзиши забони англисӣ ба танқисии зеҳнӣ мувоҷеҳ мешаванд.

Ҳамчун омӯзгори забони англисӣ метавонам бигӯям, ки роҳи ягонаи таълими забони англисӣ вуҷуд надорад. Солҳои охир усулҳои гуногун ҷорӣ карда шудаанд, ки ҳар як омӯзгор вобаста ба шароити синф усули таълими забони англисиро интихоб мекунад. Ин усулҳо гуногунанд ва ҳар яке аз онҳо афзалиятҳову нуқсони худро доранд. Дар ин мақола мо беҳтарин усулҳои таълими забони англисиро аз Академияи Ровани Иёлоти Муттаҳидаи Америка (Rowan universiti) баррасӣ хоҳем кард. Шумо-омӯзгорони азиз, бо ҳар яки онҳо ошноӣ пайдо намуда, метавонед беҳтарин усули таълими забони англисиро бо дарназардошти таҷрибаву малакаи худ ва шароити мавҷуда интихоб кунед.




### Усули параллелӣ

Яке аз омилҳои муҳимми омӯзиши забони англисӣ ин таҳкими ҳама чаҳор малакаи забонӣ мебошад. Дар усули омехтаи параллелӣ, тавре ки аз номаш бармеояд, тамоми малакаҳои забони англисӣ, яъне, гӯш кардан, хондан, навиштан ва гуфтан дар баробарӣ ва ба таври омехта омӯхта мешаванд. Дар ин усул истифода бурдани забони тоҷикӣ ба миқдори кам ҷоиз аст.

Яке аз меъёрҳои муҳимми таълими забони англисӣ чандирӣ ва қобилияти мутобиқ шудан ба услубҳои гуногуни омӯзиши забони англисӣ мебошад. Донишомӯзон бо ҳама гуна услуби омӯзиш ва бо ҳар миқдори вақт барои омӯзиш бояд тавонанд худро ба дарсҳо ва пешрафт дар самти омӯхтани забони англисӣ мутобиқ кунанд.

Дигар меъёри муҳим дар интихоби беҳтарин усули таълими забони англисӣ доштани омӯзгори банақшагирӣ ва ҳамроҳ дар давраи омӯзишӣ мебошад. Омӯзгорон ва мураббиёни инфиродӣ забономӯзонро дар раванди таълим набояд танҳо гузоранд, балки дар паҳлуяшон буда, тамоми ниёзу мушкилиҳояшонро ҳал намоянд ва онҳоро ба омӯзиш ташвиқ кунанд.

### Усули мустақим

Дар усули мустақими омӯзиши забони англисӣ, ҳама таълим ба забони мавриди ҳадаф сурат мегирад, тарҷума ба забони модарии шумо дар дарс иҷозат дода намешавад ва диққати ҷиддӣ ба суханронӣ аст, на грамматика. Ин хусусиятҳо усули бевоситаи таълими забони англисиро ба як усули ба донишҷӯён нигаронидашуда табдил медиҳанд, ки солҳои охир хеле маъмул шудааст. Хатоҳое, ки ҳангоми суҳбат дар синф рух медиҳанд, ислоҳ карда мешаванд ва муаллимон дар ҷойи дуруст истифода бурдани калимаҳои англисиро таълим медиҳанд. Ин усул аксар вақт ҳангоми омӯзиши бархати (онлайн) забони англисӣ истифода мешавад, зеро бисёре аз мактабҳои виртуалии ESL аз муаллимон талаб мекунанд, ки ҳангоми дарс танҳо бо забони англисӣ ҳарф зананд.

Дар тафаккуру тасаввури умумии мардуми ҷаҳон донистани забони инглисӣ нишонаи саводнокист, аз ин рӯ, устодони муосир усулҳои гуногуну осони таълими забони англисиро ҷорӣ мекунанд, то ҳамаи афроде, ки дар ҳар сатҳе маҳорат дошта бошанд, ин забонро омӯзанд.

### Шинос шудан бо шаклҳои гуногуни таълими забони англисӣ

Омӯзиши забони дуюм барои ҳар як инсон мушкилоти худро дорад. Аксар вақт омӯзанда (таълимгиранда) наметавонад забони хориҷиро аз атрофиёнаш ёд гирад ва аз ин сабаб, хоҳиши омӯхтани ин забонро дар сар намепарварад. Барои ҷалби як нафар ба омӯхтан шумо бояд бо сабру таҳаммули зиёд ӯро ташвиқ намоед ва мунтазам таълим диҳед, то донишомӯз сидқан ба аз худ кардани ин забон камар бандад ва бидуни мушкилот бо забони англисӣ хонда, навишта ва гуфтугӯ карда тавонад.Забони англисӣ забони муштараки мардуми саросари ҷаҳон аст ва муаллимони забони англисӣ дар тӯли солҳо усулҳои таълимии худро барои қонеъ кардани ниёзҳои донишҷӯён тағйир додаанд.

Вақте ки мо номи синфро мешунавем, мо муҳитеро ба ёд меорем, ки муаллим дар назди тахта истода, ба 20-30 хонанда нуктаҳои муҳимми грамматикаи забони англисиро таълим медиҳад. Ҳарчанд ин усули таълим то солҳои пеш хеле маъмул буд, имрӯз корбурди он кам шудааст ва усулҳои дигар ҷойгузини он гардидаанд. Донишомӯзони имрӯза низ нисбат ба қабл каме дигар шудаанд ва барои ҷалби диққати онҳо бештар аз усулҳои эҷодӣ истифода бурдан лозим аст. Ташкили бозиҳо, муколамаҳо, саҳнаҳои хурде, ки дар онҳо муоширати ду ё се инсонро ифода намояд, аз усулҳои муассири омӯзонидани забони англисӣ мебошад. Бо ин тарз хонанда ё донишҷӯ аз усули маъмулии дарсгузарии мо дилтанг нашуда, бо шавқ калимаву ибораҳоро ҳифз мекунад ва тарзи истифодаи онҳоро дар амал таҷриба менамояд.

Дар маҷмуъ, омӯзгорон метавонанд аз ҳар усули барои худашон ва барои донишомӯзонашон мувофиқ истифода намуда, забони англисиро барои шогирдон омӯзонанд. Ин усули озоди таълимӣ-таҷрибавӣ метавонад дар шароити синфхона, толори таълимӣ, китобхона, боғчаи мактаб, майдончаи варзишии мактаб, ошхонаи мактаб ва умуман, муҳити созгор барои хонандагон баргузор карда шавад. Зеро рушди технологияи иттилоотӣ вусъати маълумотро афзоиш дода, насли наврасро низ барои пайдо намудани маълумоти нав омода кардааст.

**Барот МАХСУДОВ,**
**мудири кафедраи физикаи ҳастаии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои физика ва математика, профессор**



# ДАР ИНТИХОБИ КАСБИ ҶАВОНОН БЕТАРАФ НАБОШЕМ!

Аз эълон шудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020-2040 қариб се сол сипарӣ мешавад. Бояд қайд намоям, ки омодасозии ин санади муҳим дар асоси таҳлилҳои амиқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, геополитикӣ, имкониятҳои генофондии миллат ва талаботи бозори меҳнати сатҳи ҷаҳонӣ сурат гирифтааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки вазъи имрӯзаи сиёсӣ ва геополитикии ҷаҳон хеле мураккаб мебошад. Дар чунин ҳолат аз ҷониби Роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон қабули санади мазкур як таҳаввулоти беназир ва аз ҳама муҳим, қолабшиканӣ нисбат ба тафаккури ҷомеаи мо мебошад. Ҳарчанд имрӯзҳо моҳияти ин санади арзишманд ба таври шоиста эҳсос намешавад, вале бо амалӣ намудани ҳадафҳои дарозмуддати он ба ин иқдом баҳои сазовор дода шуда, арзиши воқеии он ба таври умумӣ ва касбӣ дарк карда мешавад. Зеро ин санади ояндасози миллат мебошад ва дар баробари ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатдории навини мо ва дигар рӯйдодҳои мондагори таърихӣ, ба мисли қабули Қонуни забони давлатӣ, Эъломияи Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, сохтмони Неругоҳи барқии обии Роғун, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳимояи марзу буми давлати миллӣ ва ғайра қарор мегирад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пешрафти босуръати иқтисоди мо дар 30 соли охир ба дигаргунсозии сохтори иқтисодиёт алоқаманд мебошад. Ин имкониятҳо оҳиста-оҳиста маҳдуд шуда, омили асосии пешрафт шуда наметавонанд. Аз ин лиҳоз, яке аз роҳҳои маъмул ин ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ ва технологияҳои нав дар тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар мебошад. Барои ин мутахассисони дорои тафаккури инноватсионӣ лозим мебошанд. Боиси ифтихор аст, ки дар даврони истиқлол ба баҳси демографии нуфуси аҳолӣ, ки дар солҳои охири даврони Шуравӣ хеле маъмул буд, хотима дода шуд. Нуфуси аҳолии кишвар боигарии он эълон шуд. Пас, аз ин имконият чӣ хел оқилона истифода барем, то он дастовези арзанда ба дастархони фарохи тамаддуни ояндаи минтақа бошад? Ҷавоби комилан дурустро ба ин савол дар ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020-2040 пайдо менамоем.

Борҳо гуфтаанду боз мегӯем, ки мо миллати тамаддунсоз мебошем ва яке аз далелҳои асосию муътамади мо ин дастовардҳои илмии ниёгони номварамон дар самти илмҳои табиатшиносӣ мебошад. Маҳз қонунҳои асосии асрори табиат аз ҷониби аҷдодони мо кашф шуда, пас аз садсолаҳо дар Ғарб ҳамчун ғояҳои ҷадиду худӣ пешкаш шудааст.

Таҳлили бозори меҳнати ҷаҳонӣ, ки сатҳи хуби касбият ва донишро талаб менамояд, нишон медиҳад, ки дар самти илмҳои табиатшиносӣ, технологияҳо, муҳандисӣ ва компютерӣ ҷавонони мо имкони бештари пайдо намудани мавқеи сазовори худро дар ин самт доранд. Садҳо мисоли мушаххасро метавон дар самти дастовардҳои ҷавонони мо дар сатҳи ҷаҳонӣ таҳлил кард, вале вазъияти куллие, ки дар бозори меҳнати минтақа пеш меояд, нишон медиҳад, ки аксари насли ҷавони мо омодаи ворид шудан ба бозори меҳнати ҷаҳонӣ нестанд. Пас, роҳи ҳалли масъала интихоби дурусти самти фаъолияти арзишманди ҷавонон аст, ки дар доираи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020-2040 таъкид шудааст.

Бояд қайд намоем, ки имрӯз новобаста аз нуқсҳои мавҷуда, мо шароити мусоиди таълим додани хонандагонро дар самти фанҳои табиӣ-риёзӣ дорем. Мактабҳои Президентӣ, гимназияҳои давлатию хусусӣ, литсейҳои шакли гуногун ва муассисаҳои таҳсилоти умумие, ки аксарашон самтҳои табиӣ-риёзӣ доранд, сарчашмаи асосии ҳалли масъала шуда метавонанд. Хонандагони ин муассисаҳо иштирокдорони фаъоли озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва ҳатто, ҷаҳонӣ буда, ҷавобгӯи тамоми талабот дар самти фанҳои дақиқ мебошанд. Аз ҳама омили муҳим он аст, ки воли-

дайни ин хонандагон тамоми имкониятҳои молиявии худро сарфи таълими фарзандон мекунанд. Ҳамин тавр, ҷомеаи имрӯзаи мо дарки амиқ кардааст, ки ҷавонони бо донишҳои табиӣ-риёзӣ мусаллаҳ, аз рӯйи нишондодҳои ақлонӣ аз дигар категорияҳои самтӣ бартарӣ доранд.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки донишу малакаи хонандагони мо дар самти улуми риёзию табиатшиносӣ ба талаботи ҷаҳонӣ мувофиқ буда, танҳо самти забономӯзӣ ва кор бо компютер каме беҳбудӣ мехоҳад.

Имрӯз олимону мутахассисони мо имкону тавони фаъолият дар марказҳои илмию технологии сатҳи ҷаҳонро доранд. Танҳо идеяҳои навину бозоргир лозим аст. Аз ин нуктаи назар, даъвоҳо доир ба нокифоя будани базаи моддӣ-техникии муассисаву донишгоҳҳо барои пешрафти фаъолияти таҳқиқотии ҷавонон на он қадар дуруст аст. Илова бар ин, ҳоло донишгоҳҳо ва марказҳои илмии ватанӣ паркҳои технологӣ ва озмоиширо бунёду эҳё доранд, ки як қадами устувори дигар дар ин самт мебошад. Масалан, дар факултети физикаи ДМТ ин масъала ҳалли худро ёфта, тамоми имконоти техникӣ дар ихтиёри ҷавонон қарор дорад.

Муаммои асосии мо пас аз хатми мактаб сар мешавад. Волидайн маблағҳои зиёдеро сарф мекунанд, то фарзандашон донишҳои самти табиӣ-риёзиро соҳиб шавад, хонандагони зиёде ғолибони олимпиада ва озмунҳо мешаванд, вале вақти интихоби касбу давом додани таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ кор тамоман ранги дигар мегирад. Ҷавонон ихтисосҳоеро интихоб менамоянд, ки дар бозори меҳнати дохилу хориҷ он қадар харидор надоранд. Ин муаммо хеле доманадор ва ҷиддӣ буда, барои ҳалли он дар сатҳи баланд чораандешӣ намудан лозим аст, зеро неруи ақлонии миллат ва самти пешрафти он ба масъалаҳои зеҳнияти тахассусии насли ҷавони он рабт дорад.

Дар ин ҷо мехостем, андешаҳоро атрофи ҳалли муаммоҳои зикршуда ва амалишавии ҳадафҳои наҷибу тақдирсози «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020-2040 баён намоем.

1. Бояд ВАО-и кишвар барои равшансозии ҳадафҳои “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020-2040 боз ҳам фаъолтар бошанд. Нуктаи асосӣ ба он равона шавад, ки ҳар шахсе, ки аз ҳисоби меҳнати ақлонию зеҳнӣ умр ба сар мебарад, дар оила ва ҷамъият мавқеи устувор ва хосса дошта бошад. Бояд дастовардҳои мушаххаси ҷавонони мо дар ин самт ҳамарӯза муаррифӣ ва онҳо ҳамчун улгуи ҷавонон шиносоӣ шаванд. Барои ин дар самти илмҳои табиӣ-риёзӣ рӯзноманигорони ҳирфаиву кордон омода карда шаванд, ки бо мутахассисон дар мавзуъҳои мураккабу мушкили илмӣ суҳбат карда тавонанд.

2. Дар боло қайд намудем, ки эълон гаштани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020-2040 худ як қолабшиканӣ буд, ки таҳлили амиқ ва таҳаввулотро талаб менамуд. Аз ин нуктаи назар, бояд қарорҳои мушаххас доир ба мақому манзалати мутахассисони соҳа қабул карда шаванд.

3. Даъвати донишҷӯёни равияҳои табиӣ-техникӣ ба сафи артиш бозбинӣ мехоҳад, зеро масъалаи артиш ва ҳифзи Истиқлоли давлатӣ яке аз масъулиятҳои муҳимми миллию инсонӣ маҳсуб мешавад. Дигаргуниҳо бояд бо дарназардошти таҳлилҳои амиқи раванди ҳодисаҳо дар кишварҳои ҷангзадаи ҷаҳон амалӣ гарданд, зеро дар шароити пешрафти босуръати илму технология истифодаи техникаву технологияҳои муосир нақши ҳалкунанда доранд. Хусусан, идораи парвози ҳавопаймоҳои бесарнишин, воситаҳои радиоэлектронии мубориза бо мушакҳо ва паҳподҳо, воситаҳои гуногуни техникие, ки бо компютер сарукор доранд, мақоми хосса пайдо кардаанд. Аз ин рӯ, омода намудани мутахассисони бо техникаву технологияи ҳозиразамон сарукордошта масъалаи асосӣ мебошад. Ин мутахассисон, пас аз хатми дараҷаи бакалаври мактабҳои олии касбӣ (мувофиқ ба зарурати касбӣ) дар давоми се моҳ аз рӯи барномаи махсуси интенсивӣ бояд касбияти худро такмил диҳанд. Дар ҳолатҳои зарурӣ дар артиш ҳамчун афсар хизмат мекунанд. Агар не, ҳамчун мутахассисони захиравӣ ба магистратура фаро гирифта мешаванд.

Ин пешниҳодҳо метавонанд қадамҳои муҳим барои амалӣ шудани ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» барои солҳои 2020-2040 бошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки давлати мо барои омода намудани мутахассисони варзидаи мутобиқ ба талаботи бозори ҷаҳонӣ шароити зарурӣро фароҳам оварда аст. Аммо аҳли ҷомеаи мо, хусусан, насли ҷавон дар ин масъала каме бепарвоӣ зоҳир мекунанд ва бештар он касбу пешаҳоеро интихоб мекунанд, ки алъон дар бозори ҷаҳонӣ талаботи кам доранд. Нигоҳи мо бояд яклаҳзаина набошад, моро мебояд, ки оянданигар бошем, то ҷавононамон бо интихоби касби шоиста дорои зиндагии шоиста шаванд.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,**
**Шерафган ФАЙЗОВ,**
**омӯзгорони Литсейи равияи табиӣ-риёзии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# НИКОЛАЙ КОПЕРНИК: “ОФТОБ ДАР МАРКАЗ”



Мунаҷҷими барҷастаи олам Николай Коперник (1473 – 1543 ), ки яке аз олимони матраҳи замони худ маҳсуб мешуд, аз зумраи он мутафаккироне буд, ки ҳамеша дар бораи сохт ва асосҳои олам фикр ва таҳқиқ мекард. Тафаккури ғайримуқаррарии ин олими астроном, математик, диншинос ва табиб ба ӯ имкон дод, ки дар мафкураи аҳли башар табаддулоти ҷиддӣ ба вуҷуд орад. Ӯ тавонист назарияи юнониҳои қадимиро, ки мувофиқи он Замин дар маркази Олам ҷойгир буда, дар атрофи он Офтоб ва сайёраҳои дигар давр мезананд, рад кунад. Ин мутафаккир назарияи дигари “Офтоб дар марказ”-ро пешниҳод кард.

Ҳарчанд ақидаи “Офтоб дар марказ”-ро ҳанӯз 1000 сол қабл аз Коперник олими бузурги Ҳиндустони Қадим Ариабҳатта (476–550) ва баъдтар олими бузурги форсу тоҷик Абурайҳони Берунӣ (973-1048) исбот карда буданд, аммо Коперник тавонист ин ақидаро дар замони худ ба таври ҷадид муаррифӣ намояд. Ақидаҳо доир ба Коперник гуногун ҳастанд. Мо талош менамоем, ки дар ин нигошта зиндагӣ ва корномаи ин олими барҷастаи фанҳои дақиқро манзури хонанда намоем.

Николай Коперник 19 феврали соли 1473 дар шаҳри Торун, ки он замон ҳудуди маъмурии Олмон манзур мешуд, таваллуд шудааст. Айни замон, шаҳраки Торун, зодгоҳи олими бузург дар қаламрави Лаҳистон аст ва олим низ ҳамчун лаҳистонӣ шинохта мешавад.

Оилае, ки дар он Коперник таваллуд ва бузург шуд, серфарзанд буд. Падараш - Николай яке аз тоҷирони муваффақи зодаи Краков ва модараш Барбара Ватсенроде олмонитабор буд. Коперник фарзанди хурдии хонадон буд, ӯ як бародар ва ду хоҳари аз худаш калон дошт. Вақте ки хоҳарон калон шуданд, яке аз онҳо роҳиба шуда, дигаре издивоҷ кард ва аз Торун рафт. Бародараш Анджей дар тӯли умр ҳамроҳу ҳамкори Николай боқӣ монд. Ҳарду бародар маълумоти олиҷаноб гирифта, дар беҳтарин донишгоҳҳои Аврупо таҳсил карданд.

Волидони Коперник сарватманд ва муваффақ буданд, вале замони шукуфоии ин хонавода ногаҳон ба охир расид. Соли 1482 дар кишварҳои Аврупо вабои ҳамагир сар шуд. Бемории даҳшатнок ҷони бисёриҳоро рабуд, ки дар байни онҳо падари Коперник низ буд. Пас аз ҳафт сол модари олим Барбара низ аз олам гузашт.

Бародарон ятими кулл шуданд ва бе ягон воситаи зиндагӣ монданд. Вазъи онҳо фоҷиабор буд, аммо тағояш Лукаш Ватсенроде, ки мансабдори вилоятии дини насронӣ буд, нигоҳубини кӯдакони ятими хоҳари фавтидаашро ба ухда гирифт. Ӯ дорои маълумоти олӣ, магистри Донишгоҳи Ягеллони Краков ва доктори улуми ҳуқуқи шаръиёт (канонического права)-и Донишгоҳи Болония буд. Лукаш хуб мефаҳмид, ки танҳо таҳсили илм ба хоҳарзодаҳояш имкон медиҳад, ки дар ҳаёт ҷойи муносиб пайдо кунанд.

Вақте ки Николай мактаби маҳаллиро хатм кард, 18 сол дошт. Тағояш тасмим гирифт, ки

бародарон бояд якҷоя таҳсил кунанд. Вай ба онҳо барои таҳсил пул дода, ба шаҳри Краков фиристод. Бо ҳамин бародарон Коперникҳо донишҷӯёни Донишгоҳи Ягеллон шуданд. Онҳо дар факултаи санъат таҳсил мекарданд. Ин давра оғози марҳилаи нави ҳаёти Николай Коперник буд ва ӯро ба кашфиёти бузурги илмӣ раҳнамун кард.

Пас аз панҷ сол таҳсил дар Донишгоҳи Краков ба анҷом расид. Коперникҳо қарор доданд, ки ба Италия раванд. Онҳо барои сафар маблағ надоштанд, маҷбур шуданд, ки дубора ба тағояшон, ки он вақт аллакай епископи Эмерланд таъйин шуда буд, муроҷиат кунанд. Епископ пули озод надошт, аммо ба бародарон роҳи хуби баромадан аз вазъиятро пешниҳод кард. Коперникҳо каноники епархияи ӯ шуданд ва маоши сесолаи хешро пешакӣ гирифта, ба хориҷи кишвар рафтанд. Бародарон рухсатии дарозмуддат гирифтанд, то таҳсилро идома диҳанд.

Ҳамин тавр, бародарон донишҷӯёни Донишгоҳи Болония мешаванд. Онҳо дар факултаи ҳуқуқшиносӣ таҳсил мекарданд. Дар ин ҷо Николай бо Доменико Мария Новара шинос мешавад. Ин бону олими астрономия буд ва вохӯрии ӯ ҳаёти донишҷӯи ҷавонро куллан тағйир дод. Соли 1497 Коперник ҳамроҳи Новара ба мушоҳидаҳои астрономӣ оғоз мекунад. Натиҷаи ин мушоҳидаҳо хеле ҷолиб буданд. Онҳо муайян карданд, ки масофа то Моҳ дар марҳилаҳои гуногун, дар моҳҳои пурра ва моҳҳои нав бетағйир аст. Ин кашфиёт барои Коперник ҳалкунанда ва тақдирсоз буд. Вай ба дурустии назарияи Афлотун шубҳа кард, ки мувофиқи ин ақида ҳамаи ҷирмҳои осмон дар атрофи сайёраи Замин давр мезананд.

Дар Донишгоҳи Болония Коперник донишҳои муҳим омӯхт, аз ҷумла, ӯ тавонист ҳуқуқшиносӣ, математика, астрономия ва забони юнониро ба таври амиқ омӯзад. Аз ҳама бештар диққати донишҷӯи ҷавонро, ки бо мақсади омӯзиши шаръиёти котоликӣ омада буд, илми астрономия ба худ ҷалб кард. Ҳамзамон, дар дигар фанҳо низ ӯ муваффақ буд, ҳатто, барои машғул шудан ба рассомӣ низ вақт меёфт. Дар Болония Коперникҳо се сол таҳсил карданд. Пас аз ин онҳо ба Ватан баргаштанд ва ҷойи хидмати онҳо, ҳамчун каноникҳо, шаҳри Фрауенбург таъйин карда шуд. Дар ин шаҳр низ Коперникҳо қарор доданд, ки таҳсилро идома диҳанд. Пас аз гирифтани иҷозат, Николай ва Анджей ба Падуя рафтанд.

Николай Коперник дар риштаи математика бо тадрис машғул шуд. Шунавандагони олим саноатчиёни асил, намояндагони ҷомеаи олӣ буданд. Коперник попи Рим Александри VI-ро бо асосҳои астрономия шинос карда, бо андешаҳои тозааш писандидаи попи Рим гардид. Николай пас аз хатми Донишгоҳи Феррара соҳиби дараҷаи доктори диншиносӣ гардид. Соли 1506 онҳо ба зодгоҳашон баргаштанд, ки он вақт Николай 33 сол ва бародараш – Анджей 42 сол доштанд. Ин синну сол барои хатми таҳсил дар он замон маъмул буд.

Тибқи низоми Калисо, ки ба Коперникҳо имкони таҳсил дар беҳтарин таълимгоҳҳоро дода буд, акнун навбати баргардонидани қарз ва иҷрои вазифа омада буд. Вале андешаву донишҳои илмии Коперник ба тафаккури роҳибони католик мувофиқ намеомаданд, зеро Николайи ҷавон ба зиндагию табиат бо диди илмӣ назар мекард, рӯҳониёт бошанд бо тафаккури динии қолабӣ.

Ин вазъият имкон намедод, ки ӯ андешаву дидгоҳашро возеҳ ва равшан баён кунад ва коркардҳои илмияшро манзури оммаи васеи ҷамъият гардонад. Коперник асарҳои худро дар бораи омӯзиши олам дар охири ҳаёташ ба анҷом расонид ва китобҳои ӯ танҳо пас аз маргаш нашр шуданд ва ин олимро аз таъқиби руҳониён наҷот дод. Ҳамаи мо сарнавишти ғамангези Ҷордано Бруно ва Галилео Галилейро дар ёд дорем. Диндорон яке аз ин олимонро барои ақоиди зиддикалисоиаш дар оташ сӯзонданд, дигарашро ба дор овехтанд. Онҳо ҳамақида ва пайравони Коперник буданд ва барои ақидаҳои илмии худ, ки ба боварҳои колисо номувофиқ буданд, ҷазо гирифтанд.

Ғояҳои асосии ӯ дар китобаш бо номи «Дар бораи гардиши сфераҳои осмон» ворид гардида, чоп шуданд. Соли 1616 аҳли калисо ба ин асари олим диққати ҷиддӣ дода, назарияи Коперникро як хурофот номиданд ва ҳар гуна зикри онро мамнуъ эълон карданд.

Дар ин ақидаҳо, баъд аз аввалин мушоҳидаҳои астрономӣ, Коперник ба хулосае омад,

ки Афлотун (Птолемей) хато кардааст. Вай асбобҳои ибтидоии астрономиро истифода бурд, ки баъзеи онҳоро худаш низ сохта буд. Мушоҳидаҳо бо истифода аз ин асбобҳои одӣ ба Коперник имкон доданд, ки назарияи комилан муқобилро бо номи “Офтоб дар марказ” ё “Гелиомарказ”-ро пешниход намуда, онро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намояд.

Дар он вақт олимон, ҳатто, телескопҳои одӣ надоштанд. Набудани таҷҳизоти мушоҳидаи ҷирмҳои осмонӣ Афлотунро ба хатои калон водор карда буд. Вай чунин мешуморид, ки ситораҳо ҳамчун чароғҳои дурдастанд, ки аз Замин дида мешаванд ва дар доираи атрофи сайёраи мо ҷойгир ва мустаҳкам карда шудаанд. Олим то охири умр аз ин иштибоҳ халос нашуд.

Иоганн Кеплер (1571–1630) баъзе ҷузъиёти назарияи Коперникро бартараф ва такмил дод, ки дар онҳо Коперник ба ақидаи олимони Юнони Қадим пойбанд буд.

Дар давоми 30 сол Коперник китоби асосии худ “Дар бораи гардиши сфераҳои осмон”-ро навишт. Бо дастгирии шогирди ягонаву содиқаш Ретикус Георг (1514-1574) соли 1543, ҳамагӣ чанд моҳ қабл аз маргаш, ин асар аз нашр баромад. Олими сатҳи ҷаҳонӣ дар зиндагиаш маҳсули самараи меҳнати тамоми ҳаёти худро тавонист бинад. Бояд қайд кард, ки ин асари арзишманд барои ояндагон мероси мондагон ба шумор меравад.

Коперник асари худро ба шаш боб тақсим кардааст. Боби аввали китоб ба курашакл будани Замин, инчунин, тамоми олам бахшида шуда буд. Дар боби дуюм доир ба асосҳои астрономияи сферавӣ ва қоидаҳое, ки олимон барои ҳисоб кардани ҷойгиршавии сайёраҳо ва ситораҳо истифода мебаранд, маълумоти муфассал додааст. Аз боби сеюм хонанда дар бораи табиати баробаршавии рӯзҳо, аз боби чорум дар бораи Моҳ маълумот гирифта метавонад. Қисми панҷумро Коперник ба ҳамаи сайёраҳо бахшидааст. Дар боби шашум ӯ сабабҳои тағйирёбии шиддатро шарҳ додааст. Ин корҳо, ки натиҷаи таҳқиқоти бисёрсолаи ӯ мебошанд, саҳми ин олимро дар рушди илми ҷаҳонии астрономия бозгӯ мекунанд.

Коперник бо эҷоди назарияи инқилобии Системаи Офтобмаркази худ олими сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардид. Ғайр аз ин, ӯ ҳисоб кардани ҳаракатҳои воқеии сайёраҳоро омӯхт ва дар асоси дониши омӯхтааш мошини гидравликӣ сохт, ки он тавонист ҳамаи хонаҳои шаҳрро бо об таъмин намояд, инчунин, ҳаммуаллифи қонуни иқтисодии Коперник-Грешем шуд ва дар ин асос системаи нави тангаи кишварашро таҳия кард.

Бародари ӯ Анджей ба бемори гирифтор шуда, аз Лаҳистон фирор кард. Николай дар ин макон чор сол каноник буд. Сипас, ӯро ба ҷойи канслери епархияи Вармия даъват карданд. Чор соли минбаъда ӯ дар шаҳри Олштин зиндагӣ ва кор кард. Дар он вақт ҷанг идома дошт, пруссиягиҳо бо тевтониҳо ҷанг мекарданд. Дар Олштин Коперник истеъдоди стратеги ҳарбии худро нишон дод, ӯ сардори мудофиа ва ҳомии қалъа буд, ки тавонист бар зидди душман муқовимат нишон диҳад.

Соли 1521 Николай ба Фромброк баргашт. Ғайр аз дигар вазифаҳо ӯ худро ҳамчун табиби моҳир нишон дода, беморону дардмандонро низ муолиҷа мекард.

Николай бори аввал дар 55-солагӣ ошиқ шуд. Бонуи интихобкардаи ӯ Анна - духтари Матс Шиллинг, дӯсти олим, кандакори моҳир буд. Вай бо Анна издивоҷ карда наметавонист, зеро ба коҳини католикӣ издивоҷ кардан мамнуъ буд.

Коперник кӯшиш кард, ки ин ҷаҳорчӯбаро бишканад, бинобар ин, роҳи муборизаро пеш гирифт. Вай Аннаро хешованди дурдаст номида, дар хонаи худ овард ва бо ҳуқуқи соҳиби хона ҷойгир кард. Аммо зиндагии якҷояи Николай ва Анна дер давом накард. Епископи нав ба зердасташ хотиррасон кард, ки коҳини католикӣ ҳақ надорад, ки меъёрҳову қоидаҳои асрҳо роиҷбударо риоя накунад ва бо рафтори манфии худ намунаи баде барои аҳли ҷомеа бошад...

Анна хонаи Коперникро тарк кард ва сипас, куллан аз шаҳр рафт.

Коперник ба нашри асарҳои худ дертар, дар солҳои охири ҳаёташ шуруъ кард. Соли 1542 асари ӯ дар бораи геометрия нашр шуд. Мутаассифона, соли 1543 риштаи ҳаёти ин олими сатҳи ҷаҳонӣ канда шуд, аммо осору афкори ӯ то ҳанӯз барои муҳити илмӣ, шинохти илми нуҷум ва риёзӣ манфиатбор буда, то имрӯз ба аҳли илму дониш хидмати арзишмандеро анҷом медиҳанд.

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

Мураттиб
Муҳаммад ШАРИФЗОДА

# КРОССВОРДИ “РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТ“ ВА “РӮЗИ ПАРЧАМ”



**Аз чап ба рост**

1. Яке аз рукнҳои давлатдорӣ. 3. Шаҳр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 5. Кони маъдани тиллои тоҷик. 7. Мамлакат дар қитъаи Аврупо. 8. Маҳсулоти полезӣ. 11. Растании хушбӯй. 14. Дастоварди бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 16. Муҳраи бозии шоҳмот. 18. Шахсе, ки нахустин шуда Парчами ғалабаро дар боми Рейхстаг бардоштааст. 20. Самти муҳими аз бунбасти коммуникатсионӣ озод кардани Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22. Истироҳатгоҳ дар кӯҳҳои Варзоб. 25. Яке аз воситаҳои соҳибмаърифат гардонидани мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон. 28. Ташкилоти мамлакатҳои истеҳсолкунандаи нефт. 29. Симои мустақил. 30. Ҳайвони азимҷусса. 31. Воситаи нақлиёти боркашонӣ. 32. Номи пештараи ноҳияи Шаҳритуси вилояти Хатлон. 33. Маҷаллаи телевизионӣ. 34. Шоири маорифпарвари тоҷик. 35. Макони баргузории машқҳои ҳарбӣ. 39. Як шакли энергия. 40. Номи сарояндаи мумтози тоҷик. 41. Лавозимоту муҳиммоти ҷангӣ. 42. Нусхаи ибтидоии қарори Шурои олӣ. 43. Нишонаи давлатдорӣ.

**Аз боло ба поён**

1. Боигарии асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2. Хатти шартӣ, ки мамлакатро маҳдуд сохтааст. 3. Иттиҳодияи байнидавлатии панҷ мамлакати ҷаҳон. 4. Элементи бисёррӯяи барҷаста. 5. Маркази маъмурии аҳолинишин. 6. Маркази савдо дар шаҳри Душанбе. 9. Ҳаммаънои калимаи “қабат”. 10. Гузашти айём. 12. Супориши Президенти мамлакат. 13. Ҳиҷои аввали калимаи “ҳавваз”. 14. Яке аз мамлакатҳои бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дӯст. 15. Номи яке аз вилоятҳои собиқи Тоҷикистон. 17. Мева. 19. Боигарии асосии ҳар як давлат. 20. Макони баргузории намоиши маводу маҳсулот. 21. Як навъи варзиш. 23. Моводи табобатӣ-кимиёвӣ. 24. Ҳамрадифи истилоҳи “ обшор”. 26. Осоишгоҳ дар қисми шимолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 27. Ҳаммаънои калимаи “мустаҳкам”.

**ҶАВОБИ МУАММОИ ҲАРФИ «А»**
**(Шумораи №10, октябри соли 2023)**



# МУНДАРИҶА

**СУХАНИ ПЕШВО**

Парчами давлатӣ - нишони нангу номус ....................................................................1

**16 НОЯБР - РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

З. ДАВЛАТОВ. Низоми идоракунии президентӣ ва афзалиятҳои он...........................2

**6 НОЯБР - РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Ф. ИДИЗОДА. Конститутсия - заминаи ташаккули қонунгузории мамлакат ва ҳифзи манофеи ҷомеаи кишвар.......................................................................................5

**ИҶЛОСИЯИ ТАҚДИРСОЗ**

Ф. САЙНОЗИМЗОДА. Нақши Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олӣ дар ташаккули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон...................................................................9

**БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ**

С. САТТОРӢ. Арҷгузорӣ ба Парчами давлатӣ - арҷгузорӣ ба давлат ва таъриху тамаддуни миллати фарҳангофари тоҷик................................................13

**ХЕШТАНШИНОСӢ**

Қ. АҲМАДЗОДА. Фурӯғи одамият аз китоб аст.....................................................15

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**

Г. ХУДОЙНАЗАРОВА. Бозиҳои зеҳнӣ шахсияти кӯдакро инкишоф медиҳанд.........19

**МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМ**

Д. М. РАҲМАТЗОДА. Мақсади омӯзиши мавзуъҳои фанҳои таълимӣ дар назария ва амалия.............................................................................................................21

**ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ**

Ш. АКОБИРОВ. Нақши корҳои беруназсинфӣ дар таълими география...................25

**МУҲИТИ ЗИСТ**

М. ҲАКИМОВА, С. ҲАКИМЗОД. Табиатро бояд дӯст бидорему ҳифз намоем............30

**САРВАТИ ТАБИӢ**

Д. К. ГУЛМОЧОЕВ. Об – муъҷизаи беҳамтои табиат...............................................32

**МАТЕМАТИКА**

М. МАҲКАМОВ. Хусусиятҳои методии омӯзиши тарзҳои гуногуни табдилоти ифодаҳои ирратсионалӣ.................................................................................................34

**ХИМИЯ**

А. ЗУМРАТОВ. Робитаи баъзе металлҳо ва дувоздаҳ бурҷи солшуморӣ..................42

**РОҲНАМО БА ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН**

А. УБАЙДОВ, Ҳ. ҲАМРОЕВ, М. КАЛОНОВ. Самараи озмунҳои маърифатӣ дар ташаккули донишҳои сиёсию ҳуқуқии наврасон....................................................47

**МЕҲРНОМА**

М. ТОШПӮЛОДОВ. Омӯзгор, баҳори зиндагият бехазон бод!..................................52

**ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ДАВЛАТӢ**

Ф. ЮСУФАЛИЗОДА. Усулҳои беҳтарини таълими забони англисӣ........................55

**ИЛМҲОИ ДАҚИҚ**

Б. МАХСУДОВ. Дар интихоби касби ҷавонон бетараф набошем!...................................57

**ШИНОХТ**

А. ШАРИФЗОДА, Ш. ФАЙЗОВ. Николай Коперник: “Офтоб дар марказ”.............59

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

М. ШАРИФЗОДА. Кроссворди “Рӯзи Президент“ ва “Рӯзи Парчам”....................62

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»**

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**МУАССИС**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳасан АЗИЗОВ,** муовини сармуҳаррир.
**Қурбон АҲМАДЗОДА,** котиби масъул.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА:**

Департаменти хазинадории

КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

**С/Ҳ: 20202972700919101000**
**Ҳ/М: 20402972316264**
**РМБ: 350101626**
**РМА: 010009319**

Барои маҷаллаи
**«Маърифати омӯзгор»**

**Индекси обуна: 77570.**
Андозаи 60x841/8.
Адади нашр 6314 нусха.
Нархаш шартномавӣ.
Дар матбааи «Мега-принт»
ба табъ расидааст.

**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**